ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ:347.4 + 338. 431 (575.3)
ТБК:67.404 (2Т)
Ф- 24

**ФАРХУДИНОВ ҶАМШЕД ИСРОИЛОВИЧ**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

РОҲБАРИ ИЛМӢ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Қурбонов Қ.Ш.

ДУШАНБЕ - 2024

**Мундариҷа**

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО**........................................................................ 3

**МУҚАДДИМА**........................................................................................ 4

**БОБИ 1. МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ УМУМИИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ**

1.1. Нақши институти суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёт ........................................................................................ 16

1.2. Марҳилаҳои инкишофи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................ 33

**БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ**

2.1. Мафҳум, хусусият ва шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ........................................................................................ 49

2.2. Манфиати молумулкӣ ҳамчун объекти шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ........................................................................................ 72

2.3. Иштирокдорони шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ........................................................................................ 85

**БОБИ 3. БАСТАН, ТАҒЙИР ДОДАН ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ**

3.1. Тартиби бастан, тағйир додан ва қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ........................................................................................ 122

3.2. Қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бинобар вайрон кардани шартҳои он........................................................................................ 135

**ХУЛОСА**........................................................................................ 173

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**........................................................................................ 178

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**........................................................................................ 179

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**........................... 207

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

БМТ - Бонки миллии Тоҷикистон;

б. – банди;

ДМТ - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

ИҶШС – Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравӣ Сотсиалистӣ;

ИДМ - Иттиходи давлатхои мустақил;

КМ ҶТ - Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

КЗ ҶТ – Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон;

КВД – Корхонаи воҳиди давлатӣ;

ММД – Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;

МД – муассисаи давлатӣ;

м. – модда;

қ. – қисми;

СМТ - Стансияи моддӣ – техникӣ;

СУС - Созмони умумиҷаҳонии савдо;

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ФР - Федератсияи Россия;

ШМА – Штатҳои Муттаҳидаи Америка.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, шаклҳои нави хоҷагидорӣ, истеҳсолӣ маҳсулоти гуногуни хоҷагии халқ, истифодаи самараноку оқилонаи замин, ҳифзи за-минҳои корам ва дар ин самтҳо пайдо шудани хавфҳо зарурати суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзиро ба миён овардааст.

Мувофиқи маълумотҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудо-фиаи граждании назди Ҳукумати ҶТ, дар давраи соҳибистиқлолии кишвар, ба ҳисоби миёна дар ҳар ду рӯз як офати табиӣ ба вуҷуд омадааст, ки аз ин намуди офати табиӣ нисбатан паҳншуда (ба ҳисо-би миёна 70 ҳолат дар як сол) ин омадани сел ва фаромадани тарма мебошад, ки дар худ хисороти калони иқтисодиву иҷтимоӣ ва тала-фоти ҷониву молиро ба бор овардааст. Омадани сел ва боридани жолаҳои пайдарпай бештар ба сектори кишоварзӣ, бахусус ба за-минҳои таъиноти кишоварзӣ таъсири худро расонида истодааст[1].

Ҳамаи ин ҳолатҳои табиӣ боис ба он гаштаанд, ки дар бозорҳои дохили маҳсулоти кишоварзӣ камчин гардида, арзишашон нисбатан баланд гарданд. Мувофиқи маълумотҳои Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии ҶТ, ба ҳолати 1 январи соли 2022 дар истифодаи корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ 6 миллиону 953 ҳазору 866 гектар замин, аз он 682 ҳазору 828 гектар замини обӣ қарор дорад. За-минҳои таъиноти кишоварзӣ дар муқоиса бо ҳисоботи солонаи за-мин ба ҳолати 1 январи соли 2021 майдони умумии 24 ҳазору 349 гектар, аз он 2 ҳазору 96 гектар замини обӣ кам шудааст. Заминҳои корами ҷумҳурӣ 205 гектар ва майдони корами обӣ 246 гектар кам шудааст[2], дар ҳоле ки Тоҷикистон, аслан, кишвари аграрӣ буда, аз лиҳози ҷуғрофӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ созгор мебо-шад. Гузашта аз ин, шумораи

---

[1] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// president.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2022).
[2] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// president.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2022).

умумии аҳолӣ рӯ ба афзоиш буда, қонеъ гардонидани талаботи биологиву экологии онҳо аҳаммияти стратегӣ дорад.

Ҳамин тавр ҷиҳати истифодаи самараноку оқилонаи қитъаҳои замин, рушди босуръату бемайлони истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза ва со-дироти он ба кишварҳои хориҷӣ зарурати суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзиро пеш овардааст.

Дар робита ба рушди босуръати бозори хизматрасониҳои суғур-тавӣ ба муомилоти маданӣ ворид гардидани замин нақши суғуртаку-нии қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва аҳаммияти шартно-ма ҳамчун воситаи асосии барасмиятдарорӣ ва танзими муносибатҳо дар соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ баландтар мегардад.

Дар ин миён механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба хизматрасониҳои суғуртавӣ, хусусан қисмати асосии шартнома-вии он ба андозаи кофӣ ба вазъи муосири муомилоти мадании хиз-матрасониҳои суғуртавӣ ҷавобгӯ намебошад.

Боби 53 КМ ҶТ ба “Суғуртакунӣ” бахшида шудааст, ки аз 45 м. иборат буда, дар он меъёрҳои умумӣ ва махсуси суғуртакунӣ пешбинӣ шудааст. Аммо дар матни он нисбат ба суғуртакунии за-минҳои таъиноти кишоварзӣ умуман, сухан намеравад.

Зимнан моддаҳои мазкур қоидаҳои умумӣ ва якхелаи намудҳои шартномаи суғуртаро муайян мекунад, ҳол он ки ҳар қадами ин шартномаҳо дорои хусусиятҳои муҳимме мебошанд, ки аз предмети онҳо бармеоянд.

Заминаи кунунии меъёрии ҳуқуқии шартномаи суғуртаи за-минҳои таъиноти кишоварзӣ ба ин васила ба таҷдид ниёз дошта, баъзе масъалаҳои муҳимми дигари марбут ба мафҳумҳои “шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо дастгирии давлатӣ”, “шартномаи суғуртаи хоҷагиҳои кишоварзӣ”, “шартномаи суғуртаи истеҳсол, нигаҳдорӣ ва

фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ” ва тано-суби байни онҳо, мафҳуму тавсифи ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, предмет ва шартҳои дигари шартно-ма ва ғайра баҳсбарангез боқӣ монда, дар навбати худ, таҳлили амиқи илмиро бо мақсади такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, хусусан танзими шартномавии онҳоро талаб мекунад.

Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатси-онии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар таҳқиқи илмии ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ олимони маъруф, аз қабили С.С. Алексеев[3], Ғ.Д. Ашуров[4], Ш. Бадалов[5], М.И. Брагинский[6], В.В. Витрянский[7], А.В. Золотухин[8], Е.А. Суханов[9], О.А. Красавчиков[10], О.С. Иоффе[11], Ш.М. Исмаилов[12], М.А. Маҳмудзода[13], Ҷ.С. Муртазозода[14], М.З. Раҳимзода[15], Ш.Т. Тағойназаров[16], Н. Шонасриддинов[17],

---

[3] Алексеев С.С. Право – Азбука, Теория, Философия: Опыт комплексного исследования: монография. – М.: Статут, 1999. – 712 с.

[4] Ашуров Ғ.Д. Асосҳои суғурта: воситаи таълимии визуалӣ. – Душанбе: Файзи борон, 2020. – 60 с.; Ашуров Г.Д. Совершенствование системы оказания страховых услуг в Республике Таджикистан: дис. .... канд. эконом. наук. – Душанбе, 2011. – 155 с.

[5] Бадалов Ш.К. Проблемы гражданско-правовой ответственности за экологический вред в Республике Таджикистан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – 2011. – 24 с.; Зоиров Ҷ.М., Furthermore Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Ҳуқуқи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010 . – 236 с.

[6] Брагинский М.И. Договор страхование. – М., 2000. – 172 с.; Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга первая. Общие положения. – М., 1999. – 741 с.; Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга третья: договоры о выполнении работ и оказании услуг. – М., 2002. – 840 с.

[7] Витрянский, В.В. Существенные условия договора в отечест-венной цивилистике и правоприменительной практике // Вестник ВАС РФ. – 2002. – №5. – С. 23-37.

[8] Золотухин А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.

[9] Суханов Е.А. Гражданское право. Учебник. Том 1,2-е изд. – М., 2000. – 586 с.

[10] Красавчиков О.А. Юридические факты в советском гражданском праве. – М., 1958. – 183 с.

[11] Иоффе О.С. Обязателӣственное право: учебник. – М., 1975. – 880 с.

[12] Исмаилов Ш.М. Сборник избраных статьей. – Душанбе: Изд-во: «Полиграф Групп», 2021. – 632 с.; Исмаилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод. – Душанбе: Деваштич, 2008. – С.152-153.

[13] Маьмудзода М.А. Сиёсати њуќуќї ва давлати демократї (маљмўи маќолаю маърўзањо). – Душанбе: Эрграф, 2017. – 632 с.; Маҳмудзода М.А. Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дар муносибатҳои оилавӣ // Қонунгузорӣ. – 2018. – №4 (32). – С. 19-23; Маьмудов М.А., Таѓойназаров Ш.Т., Бобоьонов И.Њ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Љумњурии Тољикистон (ќисми якум). – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1000 с.

[14] Муртазокулов Дж. С. Фермерские хозяйства в некоторых странах СНГ: становление, развитие, перспективы. – М., 2011 – 229 с.

[15] Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: МН Дониш. 2019. – С. 504.; Ҳуқуқи граждани. Қисми 1. // Зери таҳрири О.У. Усмонов – Душанбе: Матбуот, 2001. – С.

Х.Н. Фақеров[18], Д.Г. Хоҷамуродов[19], Ш.К. Ғаюрзода[20], Д.Ш. Сангинзод[21], А. Ғафурзода[22] ва дигарон саҳми худро гузоштаанд.

Дар ин маврид таҳқиқоти илмии И.И. Гатиятуллина “Страховые правоотношения в сельском хозяйстве”[23], Ғ.Д. Ашуров “Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия”[24], С.Х. Давлатзода “Совершенствование организации аграр-ным производством на основе принципов устойчивого землепользо-вания (на материалах Республики Таджикистан ”, А.Е. Козинов “Существенные условия договора страхования гражданской ответ-ственности по Российскому законодательству”, Ю.Б. Фогелсон “До-говор страхования в Российском гражданском праве”, Мирзон Н.М. “Обеспечение устойчивого развития сельского хозяйства горных районов Таджикистана”, М.Р. Ашхотова “Модернизация механизма регулирования земельных отношений в условиях малоземелья (на примере Кабардино-Балкарской Республики)”, А.В. Хотко “Принцип платности землепользования – реализация в земельном законода-тельстве и правопринимательной практике”, Р.Ш. Фозилов “Ташак-кул ва рушди идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар дои-раи рушди устувор (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)” ва ғайра, бевосита баъзе масъалаҳои ҳуқуқии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро баррасӣ кардаанд.

347-352.; Раҳимов М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Қисми 1. – Душанбе: Деваштич. 2002. – С. 116.; Ҳуқуқи соҳибкорӣ (маълумоти мухтасар). – Душанбе: Деваштич, 2007. – С. 101–103.

[16] Маьмудов М.А., Таѓойназаров Ш.Т., Бобоьонов И.Њ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Љумњурии Тоьикистон (ќисми якум). – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1000 с.

[17] Шонасриддинов Н.Ш., Нодиров Ф.М. Ҳуќуќи кишоварзӣ. – Душанбе, 2011. – С. 36.

[18] Фақеров Ҳ.Н., Ашуров Ѓ.Д. Рушди низоми муносибатҳои суғуртавӣ дар шароити иқтисодӣ бозорӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – 2020. – 1 (30). – С. 3-16.

[19] Хоҷамуродов Д.Г. Ҳуқуқи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимї. – Душанбе, 2020. – 234 с.

[20] Ѓаюров Ш.К. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2005. – 238 с.

[21] Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсї. – Душанбе, 2021 – 400 с.

[22] Ѓафуров А.Д., Исмоилов Ш.М., Шонасриддинов Н.Ш., Нодиров Ф.М.. Њуќуќи кишоварзии Љумњурии Тоьикистон: китоби дарсї. – Душанбе: «Бухоро», 2013. – 400 с.

[23] Гатиятуллина И.И. Страховые правоотношения в сельском хозяйстве. – Уфа., 1998 – 168 с.

[24] Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия. – Душанбе: 2020. – 321 с.

Мавриди зикр аст, ки дар ҶТ масоили танзими ҳуқуқии шарт-номаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба таври комплексӣ то имрӯз мавриди омӯзиши алоҳида қарор нагирифта,  таҳқиқи мин-баъдаро талаб мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои солҳои 2021–2025 “Нақши ҳуқуқи гражданӣ дар татбиқи ҳадафҳои миллии стратегӣ”, ки масъалаҳои танзими ҳуқуқии суғур-такунии заминҳои таъиноти кишоварзиро низ дар бар мегирад, гуза-ронида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқи илмии мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии суғуртаи заминҳои таъиноти кишо-варзӣ, инчунин, таҳияи тавсияву пешниҳодҳои амалӣ оид ба такми-ли механизми танзими ҳуқуқии чунин хизматрасониҳо мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар доираи мақсадҳои гузошташуда иҷро кардани вазифаҳои зерин дар назар аст:

- муайян кардани мафҳуми “суғуртаи заминҳои таъиноти кишо-варзӣ” ва муқаррар кардани робитаи он бо мафҳуми “суғуртаи за-мин”;

- таҳқиқи сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ”

- муайян кардани таърифи мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартно-маи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

- тавсифи ҳайати субъектони шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

- шарҳ додани хусусиятҳои хоси бастани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

- ошкор намудани тавсифоти ҷавобгарӣ дар доираи ҳуқуқи ма-данӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавии суғуртаи за-минҳои таъиноти кишоварзӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ муно-сибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳангоми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба миён меоянд, тағйир меёбанд ва ё қатъ ме-гарданд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи танзими суғуртаи заминҳои таъиноти кишо-варзӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои суғуртавӣ, инчунин назария, хуло-са ва муқаррароти дахлдори илмӣ-назариявӣ мебошанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти илмии мазкур дорои таърихи ба худ хос аст, чунки аз марҳилаи тасдиқи мавзуъ, ҷамъоварии маводҳои таҳлилӣ, тасвиб, амалинамоии натиҷаҳои ҳосилшуда ва муҳокимаи он дар ҷаласаҳои кафедра мебошад. Макони таҳқиқоти мазкур кафедраи ҳуқуқи мада-нии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ буда, заминаҳои инсонӣ, моддӣ - техникӣ ва зеҳнии вуҷуддошта барои анҷоми ин таҳқиқоти муҳим мусоидат намуданд. Ҷиҳатҳои таърихии ин рисола аз таърихи исти-фодаи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ иборат буда, мушаххас дар оғози он таҳлил шудааст. Баъдан муаммоҳои суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар танзими шартномавӣ ошкор ва хулосаба-рорӣ шудаанд. Давраи анҷоми таҳқиқоти мазкур фарогирӣ солҳои 2022 – 2023 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва осори олимони ватанию хориҷӣ, ба монанди С.С. Алексе-ев, Ш. Менглиев, А.В. Золотухин, Ш. Бадалов, А.Ғ. Ашуров, Х.Н. Фаҷеров, Е.А. Суханов, О.А. Красавчиков, М.И. Брагинский, В.В. Витрянский, О.С. Иоффе, Ш.М. Исмаилов, М.А. Маҳмудзода, Ҷ.С. Муртазозода, М.З. Раҳимзода, Ш.Т. Тағойназаров, Н. Шонасридинов ва

дигарон ташкил дода, ҳангоми таълифи кори диссертатсионӣ аз маводи дигари дахлдор ба мавзуъ баҳрабардорӣ шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар рисола усулҳои умумӣ ва махсуси илмӣ истифода шудааст. Хусу-сан, дар диссертатсия усулҳои умумӣ-илмӣ, диалектикӣ, функсио-налӣ, таҳлили низомӣ, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии му-шоҳида, таҳлил ва синтез истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ ба таври васеъ усулҳои формалӣ-мантиқӣ, таърихи ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

Усулҳои дар боло зикршуда дар маҷмӯъ ба муаллиф имкон дода-аст, ки ҳаматарафа, пурра ва объективона мавзуи таҳқиқшударо омӯхта баромада вазифаҳои гузошташударо ҳал намояд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Ҳангоми таҳияи рисола муаллиф ба таҷрибаи мақомоти давлатӣ ва маълумоти омори расмӣ такя намуда, таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дуруст муайян намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он таҷассум меёбад, ки диссертат¬сияи мазкур дар ҶТ нахустин таҳқиқоти илмӣ - комплексӣ оид ба танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба шумор меравад.

Ҳамчунин, навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионӣ дар та-шаккули комплексӣ ва асосноккунии назариявии муқаррароти шарт-номаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҷавобгарии ҳуқуқии мадании тарафҳо дар асоси таҳлили низомноки ҳолат ва мушкилоти танзими ҳуқу¬қӣ, тибқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ ва дурнамои он, ифода меёбад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ нисбат ба шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ хулоса ва нуқтаҳои зерини ба ҳимоя пешкаш-шаванда мебошанд:

1. Дар доираи таҳқиқоти илмӣ зарурати ба таври ҳатмӣ бастани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ асоснок ва исбот карда

шудааст. Бинобар зиёд будани хавфи таваккал дар заминҳои таъиноти кишоварзӣ, зарурати бастани шартномаи суғуртаи за-минҳои таъиноти кишоварзии сеҷониба ҷой дорад. Ҷонибҳои шарт-нома суғуртакунанда, суғурташаванда ва давлат ба шумор меравад. Хусусияти ин намуди шартнома дар он ифода меёбад, ки як қисми хароҷот ҷиҳати барқарор намудани заминҳои аз ҳодисаҳои табиӣ та-лафёфта аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар доираи шартномаи мазкур барқарор карда мешавад.

Тибқи қонунгузории амалкунанда, маблағҳое, ки бо мақсадҳои ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва бартарафсозии оқибатҳои манфие, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ ва антропогенӣ ба вуҷуд омадаанд, аз ҳисоби буҷаи давлат ва маблағҳои махсуси бо ин мақсадҳо ҷудогардида амалӣ карда мешавад. Бинобар ин, ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ танҳо он корхонаҳое ҷалб карда шаванд, ки қисман аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағгу-зорӣ карда мешаванд. Ё ин ки метавонанд дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ташкилотҳои хусусӣ низ ҷалб карда шаванд. Аммо зарур аст, ки механизми ҷалби ташкилотҳои хусусӣ коркард шуда, талаботи махсус дар ин самт ба онҳо вогузор карда шавад.

2. Шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дорои аломатҳои ҳуқуқие мебошад, ки аз дигар шартномаҳои шабеҳ онро тафовут мегузорад:

а) музднок будани шартнома. Зимнан маблағи шартнома аз омилҳои гуногун вобаста буда, ҳангоми муқаррар намудани тарифи суғуртавӣ бояд пеш аз ҳама, аз ҳолатҳои агротехникӣ, агрокимиёвӣ, мелиоративӣ, фитосанитарӣ, экологию биологӣ, зиддиэрозиявӣ, бо-лопӯшида ё болокушода будани қитъаи замин, наздикӣ доштан ё надоштан бо дигар захираҳои табиӣ (об), инфрасохторҳои зарурӣ ва дигар хусусиятҳои муҳим ба инобат гирифта шавад;

б) хусусияти сеҷониба доштани шартнома (яъне дар суғуртаку-нии ҳатмии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба ҳайси суғуртаку-нандаҳо давлат ва ташкилоти суғуртавӣ баромад мекунад;

в) хусусияти ҳатмӣ доштани шартнома (суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бояд ба таври ҳатмӣ муқаррар карда шавад).

3. Зимни таҳлили мазмуни шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ оид ба зарурати аз ҷониби суғурташавандаҳо пешниҳод кардани тамоми маълумотҳо вобаста ба ҳолати мелиора-тивии қитъаи замин ба суғуртакунанда хулосабарорӣ карда шудааст.

4. Дар заминаи таҷрибаи байналмилалӣ зарурати пешбурди феҳристи ягонаи давлатии қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ асоснок карда шудааст. Пешниҳод гардидааст, ки дар феҳристи мазкур на танҳо маълумот дар хусуси шумора ва андозаҳои қитъаҳои заминҳои таъиноти кишо-варзӣ ифода карда шавад, балки тамоми хусусиятҳо, аз ҷумла маълу-мот дар бораи қабати ҳосилнокии хок, кадом намуди кишт дар панҷ соли охир дар қитъаи замин амалӣ шудааст, ҳосилнокии қитъаи за-мин, дар қитъаи замин кай ва кадом намуди доруҳои минералӣ дода шудааст, кадом намуди ҳодисаҳои табиӣ бештар ба қитъаи замин таъсири манфӣ мерасонад ва дигар хусусиятҳои муҳим бояд мазмуни феҳристро ташкил диҳад. Феҳристи мазкур ба таври шаффоф дар сомонаи мақомоти ваколатдорӣ давлатӣ ҷой дода шавад. Гузашта аз ин ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда дар сохтори дахлдори мақомоти вако-латдорӣ давлатӣ маҳфуз нигаҳдорӣ карда шавад.

Барои тағйир ва такмили қонунгузории амалкунандаи соҳа пешниҳоди чунин тавсияҳои амалиро зарур медонем:

1. Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ҷалби бештари суғуртакунандаҳо ба соҳаи кишоварзӣ зарурати дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани имтиёзҳои ҳадди ақал муайян ва исбот карда шудааст. Ба ақидаи

муаллиф, имтиёзҳои ҳадди ақал бояд инҳо бошанд: ба хоҷагидорон нисбат ба нархи бозори арзон фурӯхтани маводи сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ, қисмҳои эҳтиётии воси-таҳои нақлиётӣ ва механизмҳо, қисман аз пар¬дохтҳои гумрукӣ ва ди-гар пардохтҳои ҳатмӣ озод намудани намудҳои гуногуни тухмиҳо, доруҳои минералӣ ва ғайра. Зимнан имтиёзҳои мазкур бояд дар дои-раи қонунгузории андозу гумрук ва бо назардошти талаботи СУС сурат гирад, то ин ки муносибати комплексӣ ва дуруст ба роҳ монда шавад.

2. Дар доираи таҳқиқоти илмӣ зарурати ташкил намудани зами-наҳои ҳуқуқии рушду инкишофи институти суғурта дар заминаи хоҷагиҳои кишоварзӣ исбот шудааст.

Низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи за-минҳои таъиноти кишоварзӣ, ки аз қисми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартнома иборат аст, ба таҷдиду такмили ҷиддӣ ниёз дорад.

Дар низоми қонунгузории кишвар то ҳол санади меъёрии ҳуқуқии махсус, ки суғуртакунии соҳаи кишоварзиро махсус танзим намояд, арзи вуҷуд надорад.

Баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа суғуртакунии намудҳои алоҳи¬даи соҳаи кишоварзиро муқаррар кардаанд. Аммо механизми иҷрои меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур то ҳол норавшан боқӣ мондааст.

Бо мақсади такмили минбаъдаи механизми ҳуқуқии муноси-батҳои вобаста ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, пешниҳод мешавад, ки Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртакунии за-минҳои таъиноти кишоварзӣ” қабул ва дар КЗ ҶТ боби алоҳида, ки ба хусусиятҳои умумии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ за-минаи ҳуқуқӣ мегузорад, тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда ша-вад. Ҳамзамон, ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи соҳа низ тағйирот ворид карда шавад.

3. Асоснок шудааст, ки бо мақсади расидан ба ҳадафҳои дахл-дор бояд имконияти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар ҳамаи марҳилаҳои корҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ (яъне шуруъ аз мавсими кор (коркарди заминҳо, шаклдарории дарахту буттаҳо, маҳфуз нигоҳ доштани ҳолати мелиоративии қитъаи замин) ва ғ., то марҳилаи ҳосилғундорӣ ё як марҳилаи муайян вобаста ба ҳодисаҳои табиӣ ва мавсими сар задани он) дар қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ карда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаву муқаррароти дар он таҳиягардидаро метавон ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти баъдии илмӣ-назариявӣ оид ба ин масъала, инчунин, дар раванди таълим истифода бурд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он таҷассум меёбад, ки тавси-яву пешниҳодоти дар он овардашударо барои такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар воқеӣ будани до-нишҳои пайдошуда, дар робитаи диалектикии он бо асарҳои муҳаққиқони соҳа, одоби илмии ҷойдошта ва инъикоси объективо-наи механизми танзими ҳуқуқии суғуртаи заминҳои таъиноти ки-шоварзӣ, таҳлили пурраи сарчашмаҳои илмию амалии соҳавӣ, татбиқи амалии натиҷаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда ифода мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯъ, мазмун ва натиҷаҳои илмии ҳосилшуда пурра ба Шиносно-маи ихтисоси илмии 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комис-сияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ шудааст, му-тобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар пешниҳоди роҳҳои иҷрои тамоми

вазифаҳои асосии дар доираи диссертатсияи ҳалшаванда, нақши калидии онҳо дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқ ва тафсири натиҷаҳои бадастомада, ки дар корҳои илмии ба табърасида дар нашрияҳои тақризшаванда ироа гардидаанд, таҷассум меёбад. Муаллифи диссертатсия мафҳуму табиати ҳу¬қу¬қии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳуқуқу ухда¬дориҳои ҷони-бҳои шартнома, инчунин, ҷавобгарии ҳуқуқии онҳоро барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо шарҳу тафсир намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи ҳуқуқи мадании ДМТ омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедраи мазкур якчанд маротиба, муҳокима шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст. Хулоса, натиҷа ва нуқтаҳои асосии дар рисола дарҷгардида дар мақолаҳои илмии нашргашта инъикос ёфтаанд.

Оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф дар семинару конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ бо маърузаҳо баромад намудааст:

Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «XIII хониши Ломоносов», бахшида ба 115-солагии Академик Бобоҷон Ғафуров – маъруза дар мавзуи “Оид ба масъалаи хусусиятҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” – Душанбе, 2023;

Конференсияи ҷумҳуриявии илимию амалӣ дар мавзуи “Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир” – маъруза дар мавзуи “Манфиати молу мулкӣ ҳамчун объекти шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ”. – Душанбе, 2023.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмии унвонҷуй дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президен-ти ҶТ ба чоп расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии дисертатсия 207 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ УМУМИИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ

## 1. 1. Нақши институти суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёт

Дар замони муосир иқтисодиёти Тоҷикистон ба таври назаррас марҳила ба марҳила рушд карда истодааст, зеро дар тамоми зинаҳо муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, талабот ва хусусиятҳои хоси он риоя ва иҷрои мегардад. Махсусан, ҷорӣ намудани система ва методҳои нави коргузорӣ, фарҳанги баланди истифодабарии техникаву технологияҳои муосир, омода намудани мутахассисони ба талаботи бозор ҷавобгӯ, истеҳсоли маҳсулотҳои гуногуни рақобатпазир ва монанди инҳо, омилҳое ҳастанд, ки ба нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ мерасонанд. Яке аз талаботи иқтисоди бозорие, ки ба руши соҳаи кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаву рақобатпазир ва истифодаи самараноки замин оварда мерасонад, институти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба шумор меравад, ки айни замон ниёз ба танзими дақиқи ҳуқуқиро талаб менамояд.

Дар танзими ҳуқуқии суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бахусус нақши шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро масъалаҳои муҳим ва нозуки суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба таври махсус дар матни шартнома дарҷ мегардад. Гузашта аз ин, соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои муҳимми рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ки ба ҳисоби миёна аз 18 то 23% маҷмуи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил медиҳад[25].

Тибқи маълумоти омории БМТ, то 31 марти соли 2021 дар ҷумҳурӣ 20 адад иштирокчии касбии бозори суғурта амал мекард, ки аз ин шумора 2

[25][Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:///www.nbt.tj. (санаи мурочиат: 10.12.2021).

ташкилоти суғуртаи давлатӣ (дар шакли КВД), 17 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ ва як маркази дастгирии суғуртаи мутақобила мебошад. Шумораи онҳо нисбат ба семоҳаи якуми соли 2020 бо роҳи додани иҷозатномаҳо ба ташкилотҳои навтаъсис 2 адад зиёд гардидааст. Ташкилотҳои мазкур барои таъмин гардидани рақобати солим дар бозори суғурта таъсири мусбат мерасонанд. Шумораи умумии филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, дар ин давра 71 ададро ташкил медиҳад.

| | Иштирокчиёни касбии бозори суғурта | Семоҳаи якуми соли 2020 | Семоҳаи якуми соли 2021 | Тағйирот дар ин давра |
|---|---|---|---|---|
| . | Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 адад | 2 адад | 0 |
| . | Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 15 адад | 17 адад | 2 |
| . | Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила | 1 | 1 | 0 |
| Ҳамагӣ | | 18 | 20 | 2 |
| . | Филилаҳои ташкилотҳои суғуртавӣ | 77 | 71 | -6 |

Дороиҳои низоми суғурта бошад, нисбат ба ММД аз сатҳи 1,0 фоиз зиёд шуда, дар ин давра бори аввал ба 1,3 фоизи ММД баробар шуд[26]. Ҳамзамон, қайд карда шудааст, ки дар семоҳаи якуми соли 2021 шумораи умумии шартномаҳои басташуда ба 492,1 ҳазор баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2020 ба миқдори 623 адад (0,13 фоиз) афзоиш ёфтааст[27]. Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) яке аз нишондиҳандаи

[26][Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:///www.nbt.tj. (санаи муроҷиат: 10.12.2021).
[27] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.nbt.tj. (санаи муроҷиат: 10.12.2021).

инъикоскунандаи фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва сарчашмаи асосии даромади онҳо ба ҳисоб меравад.

Сабаби асосии афзоиши бозори суғуртаи кишвар ворид гардидани ташкилотҳои суғуртавии навтаъсис (бо маблағи умумии сармояи оинномавӣ), аз ҷониби ташкилотҳои суғуртаи ватанӣ таъмин гардидани қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 марти соли 2020, №211 "Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)" ба ҳисоб мераванд.

Новобаста ба рушди муносибатҳои суғуртавӣ дар самтҳои гуногуни хоҷагии халқ, суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар ин бахш нисбатан коҳиш ёфтааст. Тибқи таҳлили мутахассисон ва кор-шонисони соҳа маълум гардид, ки шумораи суғуртағкуғнандагони хоҷагиҳои деҳқонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 нисбат ба соли 2016 1145 хоҷагӣ кам гардид, ки 64,7%-ро ташкил дод [28].

Вобаста ба ин, фазои корӣ ва рушди босуръати фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши кишоварзии кишвар муносибати сифатан навро тақозо карда истодааст. Масъалаи мазкур дар ҷаласаи XVI Шурои машваратии назди Президенти ҶТ "Оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ" мавриди баррасӣ қарор дода шуд.  Дар робита ба ин ҷиҳати иҷрои протоколи Шуро қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 майи соли 2019, №271 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» иборат аз 20 банди номгӯйи чорабиниҳо қабул гардида, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои масъул мавриди иҷро қарор дода шудааст. Гузашта аз ин, дар ин давра "Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024", "Барномаи фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар истеҳсоли

[28] Ниг.: Маълумотномаи КВД "Тоҷиксуғурта" С.-18.

маҳсулоти кишоварзӣ (стандарти байналмилалии Global G.A.P.)” ва “Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” таҳия ва мавриди амал қарор дода шуданд[29].

Ҳамзамон, бо иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тақвият бахшидан ба рушди соҳаи кишоварзӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоя ба комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ як қатор имтиёзҳои тарифию андозӣ пешниҳод гардидааст. Дар асоси кодексҳои андоз, гумрук ва Қонуни ҶТ “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021” барои соҳаи кишоварзӣ 14 имтиёзи фискалӣ пешбинӣ шудааст, ки ин зиёда аз 13 фоизи шумораи умумии имтиёзҳои давлатиро дар бар мегарад. Дастгирии давлатӣ тавассути пешниҳоди имтиёзу сабукиҳои тарифию андозӣ нисбат ба воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаи парандапарварӣ, молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво, татбиқи боҷи сифрӣ нисбат ба воридоти чорвои молию зотӣ, паранда, барои ҷалби сармоягузории бештар мусоидат намуда, дар ин замина истеҳсолоти рақобатпазиру содиротӣ афзоиш ёфта, сатҳи даромаднокии хоҷагиҳои кишоварзӣ баланд гардида истодааст.

Мутобиқи маълумоти оморӣ, ба ҳолати 1 январи соли 2021 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 9753156 сар паранда парвариш карда шуда, 983,1 ҳазор дона тухм ва 30,6 ҳазор тонна гӯшти паранда истеҳсол гардидааст, ки мутаносибан нисбат ба се соли пешин саршумори паранда-1,8, истеҳсоли тухм-2,9 ва гӯшт-4,5 маротиба зиёд мебошад. Ҳаҷми воридоти гӯшти паранда дар соли 2020 нисбат ба соли 2017 зиёда аз 3 баробар коҳиш ёфтааст[30].Сабукиҳо барои рушди соҳаи моҳипарварӣ имконият дод, ки дар

[29][Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:mao.tj (санаи муроҷиат: 24.11.2021)
[30] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:mao.tj (санаи муроҷиат: 24.11.2021).

микёси ҷумҳурӣ шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ ба 363 адад расонида шавад. Тибқи маълумоти оморӣ,  ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 3572 тонна моҳӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбати се соли охир (соли 2017-2019) 1518 тонна зиёд мебошад[31].

Бо ҷорӣ гардидани имтиёз ба соҳаи чорводорӣ барои бештар ворид гардидани чорвои зотӣ аз хориҷи кишвар замина гузошта истодааст. Бо истифодаи имтиёзи мазкур дар давраи солҳои 2018 449 сар, 2019 4807 ва 2020 2484 сар, ҷамъ 7740 сар човои калон ва мутаносибан 89 сар, 525 сар ва 881 сар, ҳамагӣ 1495 сар моли майда ворид карда шудааст. Ин тадбир имконият дод, ки маҳсулоти ниҳоӣ дар ҷумҳурӣ зиёдтар истеҳсол шуда, воридоти гӯшт ба кишвар аз 10700 тоннаи соли 2014 то 180 тонна, ё 60 баробар ба ҳолати 1 январи соли 2021 коҳиш ёфтааст[32].

Тибқи иқдоми навбатии Сарвари давлат ҷиҳати дастгирии давлатии кишоварзони мамлакат ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ, тамоми кишоварзони мамлакат барои соли 2021 аз пардохти андози ягонаи замин озод карда шуданд. Дастгирии пайвастаи Ҳукумати мамлакат, шароити мусоиди пешбурди фаъолияти соҳибкориро дар комлекси агросаноатӣ зина ба зина фароҳам оварда, ба афзоиши шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои аргосаноатӣ такон медиҳад.

Мутобиқи Феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар соли 2020, шумораи  хоҷагиҳои деҳқонӣ ба 183 ҳазор адад баробар гардидааст, ки ин шумора нисбат ба соли 2018 6,5 фоиз зиёд (дар соли 2018 - 172,7 ҳазор адад) мебошад. Айни ҳол дар соҳаи агросаноатӣ 41 корхонаи истеҳсоли равғани растанӣ, 44 корхонаи истеҳсоли орд, 46 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, 29 корхонаи истеҳсоли консерваи меваю сабзавот, 22 корхонаи коркард ва истеҳсоли меваи хушк, 19 корхонаи истеҳсоли оби ҷав, 7 корхонаи истеҳсоли мусалласи ангурӣ, 8

[31] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:mao.tj  (санаи муроҷиат: 24.11.2021).
[32] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:mao.tj  (санаи муроҷиат: 24.11.2021).

корхонаи истеҳсоли спирти этилӣ, 4 корхонаи истеҳсоли биринҷ, 17 корхонаи истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда, моҳӣ, чорво ва 64 корхонаи пахтатозакунӣ фаъолият намуда истодаанд[33].

Тибқи маълумотҳои БМТ, ба соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби ташкилотҳои молиявию қарзии кишвар дар давраи солҳои 2019 то шашмоҳаи соли 2021 ба маблғи 4,0 млрд. сомонӣ қарз ҷудо карда шудааст, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда 15,3 фоизи он ба соҳаи кишоварзӣ равона гардидааст[34].

Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар нимсолаи якуми соли 2021 додашуда, ба соҳаи кишоварзӣ маблағи 1159,7 млн. сомонӣ рост меояд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 417,1 млн. сомонӣ ва ё 56,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Фоизи миёнавазни қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ дар нимсолаи якуми соли 2021 бо пули миллӣ 24,9 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 13,9 фоизро ташкил дод, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта бо пули миллӣ 0,6 банди фоизӣ зиёд ва бо асъори хориҷӣ бошад 2,4 банди фоизӣ кам гардид. Дар баробари ин, дар давоми солҳои 2019-2021 барои рушди соҳаи кишоварзӣ аз буҷети давлатӣ дар доираи барномаҳои соҳавӣ 74,5 млн. сомонӣ ва тариқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии хориҷӣ 66,7 млн доллари ШМА равона гардидааст Ҳоло дар соҳа тавассути МД «Маркази идораи рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо» марҳилаи дуюми «Лоиҳаи Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо» бо маблағи 24 млн.долл ШМА ва “Лоиҳаи рушди соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа” бо маблағи 39,32 млн. долл. ШМА татбиқ гардида истодааст[35].

Бо назардошти таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар, дар ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ Лоиҳаи грантӣ «Таҳкими иқтидори соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон» таҳия карда шуда, бо риояи тартиби муқарраргардида 24 июни соли 2021 ба имзо расонида шуд. Лоиҳаи мазкур барои беҳтар намудани низоми тухмипарварӣ,

---

[33] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:mao.tj (санаи муроҷиат: 24.11.2021).
[34] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.nbt.tj. (санаи муроҷиат: 24.11.2021).
[35] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:///www.nbt.tj. (санаи муроҷиат: 24.11.2021).

рақамикунонии соҳа, бунёд ва азнавбарқароркунии инфрасохтори кишоварзӣ, бунёди марказҳои агрологистикӣ, лабораторияҳо, гармхонаҳо ва анборҳои муосир, инчунин, таҳкими базаи моддию техникии ташкилотҳои зертобеи вазорат, муассисаҳои илмии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур равона гардидааст. Гузашта аз ин барои ҷалби зиёда аз 106 млн.доллари ШМА барои амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ гуфтушунид бо Бонки осиёгии рушд, Бонки исломии рушд ва Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ идома доранд[36].

Барои ҷалби бештари сармоягузориҳо дар бахши кишоварзӣ ва рушди институти суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ зарур мешуморем, ки дар баробари ҷорӣ намудани механизми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳамзамон маҳзани ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ такмил дода шавад.

ҶТ пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва мавриди амал қарор дод, ки истифодабарии заминҳоро дар хоҷагиҳои кишоварзӣ танзим менамоянд. Ҳамзамон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ин давра қабулгардида ба рушду ташкили шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошт. Айни замон хоҷагидорон фаъолияти худро дар шаклҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, хоҷагиҳои махсуси тухмипарварӣ, растанипарварӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, кооперативҳои кишоварзӣ, ассотсиатсияҳо ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ ба роҳ мондаанд, ки заминаи фаъолияти онҳоро қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ ташкил медиҳад.

Дар заминҳои таъиноти кишоварзӣ намудҳои гуногуни маҳсулотҳои кишоварзӣ, аз ҷумла зироатҳои ғалладонагӣ, картошка, меваю сабзавот, пахта, зироатҳои полезӣ, растаниҳои гуногун ва дигар маҳсулотҳои

---

[36] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:mao.tj. (санаи муроҷиат: 24.11.2021).

кишоварзӣ кишт карда мешаванд, ки барои қонеъ гардонидани талаботҳои аҳолӣ ва содирот ба хориҷи кишвар аҳамияти хоса доранд.

Чи тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати милли – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ, ки санаи 26 январи соли 2021 ироа гардида буд, чунин қайд карданд, ки иқтисодиёти кишвар дар соли 2020-ум 4,5 фоиз афзоиш ёфта, ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 82,5 миллиард сомонӣ баробар гардидааст. Дар ин давра афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 8,8 % баробар гардид. Истеҳсоли маҳсулоти озуқа бошад, нисбат ба соли 2019 - ум 28,3 фоиз афзоиш ёфт, ки ин ҳолат барои беҳтар таъмин гардидани бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ мусоидат намуд[37].

Ҳамаи ин пешравиҳо, ҷиҳати афзоиши нисбатан зиёди маҳсулотҳои кишоварзӣ нисбат ба солҳои гузашта аз фарҳанги баланди истифодаи замин шаҳодат медиҳад, ки доимо зери таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати милли- Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Пешвои миллат пайваста дар баромадҳои худ роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҳар як кишоварзро мувазаф менамоянд, ки дар истифодаи самараноки замин, пеш аз ҳама, заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ, захира кардану истифодаи тухмиҳои аълосифат ва бо ҳамин роҳ гирифтани то се ҳосилро, таъкид менамоянд[38].

Албатта, барои кишваре, ки аз лиҳози ҷуғрофию экологӣ ба истеҳсоли зиёди маҳсулотҳои кишоварзӣ мувофиқ аст, ин нишододҳо метавонанд дар натиҷаи истифодаи оқилонаву самараноки замин ва сиёсати хирадмандонаи роҳбари давлат дучанд зиёд карда шаванд.

[37] Паёми Президенти ҶТ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 27.03.2021).

[38] Паёми Президенти ҶТ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 27.03.2021).

Дар баъзан маврид таҳлилҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки қисме аз хоҷагидорон ҳосили дилхоҳе, ки аз қитъаи замин дар назар доранд, гирифта наметавонанд, ки ба фаъолияти минбаъдаи хоҷагидорон таъсири манфӣ мерасонад. Албатта, ба даст наовардани ҳосили дилхоҳ дар шароити кунуни сабабу омилҳои гуногун дорад, ки мо онҳоро шартан ба субъективӣ ва объективӣ ҷудо менамоем. Ба омилҳои субъективӣ дохил мешавад:

а) надоштани таҷрибаи кории кофии истифодабарии замин;

б) огоҳ набудан аз таркиби хок ва дигар захираҳои генетикии замин;

в) надонистан ё дуруст ба роҳ намондани усулҳои кишт кардани замин;

г) огоҳ набудан аз иқлими ҷойгиршавии минтақаи кишт;

ғ) надоштани техникаҳои зарурӣ барои кишт кардани зироатҳо ё нисбатан дер истифода бурдани техникаҳои зарурӣ;

д) истифодаи нодурусти доруҳои минералӣ ва ғайра.

Ба омилҳои объективӣ бошад, дохил мешавад:

а) номусоид омадани боду ҳаво;

б) шуршавии заминҳо;

в) хушксоли;

г) омадани тундбодҳо;

ғ) омадани сел;

д) боридани жола;

е) сар задани сӯхторҳо;

ё) сар задани касалиҳои сироятӣ; эпидемияҳо ва дигар ҳодисаҳои табиӣ ва ғайра.

Олимон ва мутахассисони иқтисоддон таваккали ба даст наоврадани ҳосили дилхоҳро на танҳо дар ҳолатҳои фавқулода мебинанд, балки чунин андеша доранд, ки ба даст овардани ҳосили дилхоҳ аз шароити иқтисодии

хоҷигидорон низ вобаста мебошад[39]. Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030[40]” роҷеъ ба истифодаи дурусти замин ва мукаммалагардонии механизми танзими давлатии заминҳои кишоварзӣ дар сектори аграрӣ қайд шудааст, ки тағйирёбии иқлим яке аз омилҳои мусоидаткунанда ба харобшавии заминҳо ҳисоб рафта, ки ин ҳолат коҳишёбии гирифтани ҳосили дилхоҳро дар соҳа ба миён меорад.

Таҳлили вазъи имрӯзаи истифодаи захираҳои замину об дар соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳад, ки қариб дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ тамоюли бадшавии вазъи экологии заминҳои обӣ ба чашм мерасад. Мувофиқи маълумоти оморӣ, ҳамасола зиёда аз 60 фоизи заминҳои обёришаванда ба бодхӯрдашавӣ, шӯразании заминҳо дар 120 ҳазор гектар ва баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ дар 23 фоизи заминҳои киштшавандаи обӣ мушоҳида карда мешаванд. Зарари иқтисодии солона аз бодхӯрдашавӣ 150 млн. сомонӣ, аз баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ 140,4 млн. сомонӣ, аз шӯразании заминҳои обӣ беш аз 105,3 млн. сомонӣ ва талафоти нахи пахта дар як гектар кишт бо арзиши пулӣ 1093 сомониро ташкил додааст[41].

Гузашта аз ин, мутахассисон чунин қайд мекунанд, ки дар баробари мавҷуд будани омилҳои субъективӣ, объективӣ ва иқтисодӣ, ҳамзамон, як қатор омилҳое мавҷуд аст, ки дар рушди истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ монеъагиҳоро ба миён меорад. Ба андешаи онҳо, аз сабабҳои паст будани нишондиҳандаҳои ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ ин камчин будани истифодаи нуриҳои минералӣ, камбудиҳои низоми мелиративию ирригатсионнӣ, набудан ё кам будани тухмиҳои хушсифати зироатҳои кишоварзӣ ва воситаҳои химиявии муҳофизати растаниҳо ба ҳисоб мераванд[42].

---

[39] Шарипов З. Основы рыночной экономики и формирование хозяйственного механизма АПК. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 385.
[40] Қодирзода Д.Б., Собирзода Н.М. Арзёбии иқтисодии рушди хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №1. – С. 22.
[41] Комилов Н.Б. Такмили механизми танзими давлатии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон): автореф. дис. ... номз. илм. иқтисодӣ. – Душанбе, 2019. – С. 25.
[42] Комилов Н.Б. Асари ишорашуда. – С. 25.

Ҳамзамон, мутахассисон пешниҳод доранд, ки баҳри таъмини техникаҳои зарурӣ дар мавсими кишту кор ва гирифтани ҳосили дилхоҳ аз ҳар як ваҷаб замин зарур аст, ки дар ҳар як ноҳияи кишоварзии ҷумҳурӣ корхонаҳои махсусгардонидашуда, яъне СМТ ташкил карда шавад. СМТ аз ҳисоби як қисми маблағҳои буҷавӣ ва маблағҳо аз фондҳои гуногун, ки ҳамасола ба тариқи бебозгашт ба соҳаи кишоварзӣ ҷудо мешаванд, бунёд карда шаванд[43].

Масъалаи дигаре, ки ба пешгирии таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ метавонад мусоидат кунад, бунёди озомишгоҳҳо ба шумор меравад. Айни замон зарурат ба миён омадааст, ки таҳқиқи хок, муайян кардани ҳолат ва сифати он, андешидани чораҳо оид ба ҳифз, барқарор ва беҳтар намудани ҳолати хок дар озмоишгоҳҳо чораандешӣ карда шавад. Аз ин лиҳоз, бунёди озмоишгоҳҳои аккредитатсияшудаеро, ки дорои мутахассисони сатҳи баланд ва технологияҳои муосир мебошанд, на танҳо дар марказҳои вилояту шаҳру ноҳияҳо, балки дар ҳар як минтақаи кишоварзӣ роҳандози намудан лозим аст. Ноҳияҳои дурдаст бошанд аз метавонанд аз озмоишгоҳҳои мобилие, ки дар заминаи озмоишгоҳҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳо таъсис меёбанд, истифода намоянд. Дар ин самт ҳар як хоҷагии кишоварзӣ новобаста ба шакли моликияташ вазифадор карда мешавад, ки аз хизматрасониҳои озмоишгоҳҳо танҳо бо мақсади арзёбии ҳолати заминҳо ва қабули қарор оид ба гузаронидани рекултиватсияи заминҳо, консерватсия, ҷорӣ кардани маҳдудиятҳо дар истифодаи заминҳо, барқароркунӣ, ҳифз ва баланд бардоштани ҳосилхезии хок, инчунин, таҳияи чорабиниҳо ҷиҳати истифодаи оқилонаи заминҳо ва беҳдошти муҳити зист истифода намояд.

Бо ин тартиб, омилҳои дар боло ишорагардида зарурати ҷорӣ намудани суғуртакуниро дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус ба заминҳои таъиноти

---

[43] Комилов Н.Б. Асари ишорашуда. – С. 25.

кишоварзӣ талаб намуда истодааст. Ногуфта намонад, ки аз ин категорияи замин иҷроиши яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ вобаста мебошад.

Муҳаққиқон ҳангоми таҳлили арзёбии иқтисодии рушди хоҷагиҳои қишлоқ дар кишвар ба чунин хулоса омадаанд, ки соҳаи кишоварзӣ ба хатари калон мувоҷеҳ аст, ки ин ҳолат зарурати ҷорӣ намудани суғуртакуниро дар соҳа талаб менамояд[44].

Иқтисоддонҳои ватанӣ бозори хизматрасониҳои суғуртавиро муҳим арзёбӣ намуда, рушди онро дар ташаккули иқтисодӣ миллӣ зарур мешуморанд. Бо таъсиси онҳо соҳаҳои бонкдорӣ, телекомуникатсия, технологияҳои компютерӣ, сайёҳат ва меҳмондорӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва нақлиёт бештар рушд кардаанд, аммо дигар соҳаҳои хизматрасонӣ, ба монанди бозори коғазҳои қиматнок ва бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ то ҳол рушд наёфтаанд. Ба андешаи Ғ.Д. Ашуров, бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи аввали ташаккул қарор дорад ва нақши он дар кишвар то кунун нокифоя мушоҳида мегардад. Тибқи нишондиҳандаҳои соли 2019, ҳаҷми умумии воридоти ҳаққи суғуртавӣ 234,3 млн сомониро ташкил додааст, ки баробар ба 0,31 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мебошад ва ин нишондод дар муқоиса бо дигар кишварҳо нокифоя арзёбӣ мегардад[45].

Муносибатҳои суғуртавӣ гуногуншакл ва ҳамчун зуҳуроти иқтисодиву ҳуқуқи дорои сохтори мураккаб мебошанд[46].

Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” суғуртаро ба шаклҳо, соҳаҳо, гурӯҳҳо ва намудҳо ҷудо кардааст. Аммо м. 4 Қонуни мазкур суғуртакунии соҳаи кишоварзиро (заминҳои таъиноти кишоварзӣ) ҳамчун

---

[44] Қодирзода Д.Б., Собирзода Н.М. Асари ишорашуда. – С. 22

[45] Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия: дис. ... номз. илм. иқтисодӣ. – Душанбе, 2020. – С. 4.

[46] Фақеров Ҳ.Н., Ашуров Ғ.Д. Рушди низоми муносибатҳои суғуртавӣ дар шароити иқтисодӣ бозорӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – 2020. – №1 (30). – С. 10.

соҳаи суғуртакунӣ дар матни худ муқаррар накардааст. Дар ҳоле, ки ҶТ ҳамчун кишвари аграрӣ ҳисоб ёфта, шумораи зиёди аҳолии кишвар дар деҳотҷойҳо зиндагӣ мекунанд. Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқи, ки баҳри танзими муносибатҳо ва рушди бозори суғурта равона шуда буданд, қабул гардидаанд, ба истисноИ соҳаи кишоварзӣ. Танҳо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 январи соли 1994 таҳти №36 "Дар бораи суғуртаи ҳатмии амволи хоҷагиҳои кишоварзӣ сарфи назар аз шакли моликияташон" қабул гардида буд. Қарори мазкур ба суғуртакунии чунин объектҳо, аз ҷумла:

а) ҳосили зироатҳои кишоварзӣ (ғайр аз алафҳои худруй);

б) соҳаи чорводорӣ, парандаҳои хонагӣ, харгӯш ва оилаҳои занбӯри асал;

в) иморат, иншоот, механизмҳои интиқолдиҳанда, мошинаву воситаҳои нақлиёт, таҷҳизот, ашё, маҳсулот ва дарахтони бисёрсола нигаронида шудааст. Яъне чи тавре дида мешавад дар байни ин объектҳо заминҳои таъиноти кишоварзӣ вуҷуд надорад.

Албатта, КМ ҶТ дар матни худ боби махсусро (боби 51), ки ба танзими муносибатҳои суғуртакунии амвол равона шудааст, бахшидааст. Гузашта аз ин, сархати 10 қ. 1 м. 27 Қонуни ҶТ "Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳуқуқ додааст, ки ихтиёран молу мулки худ, яъне зироатҳои кишоварзӣ, чорво, воситаҳои асосӣ ва дигар молу мулкро суғурта кунанд. Ҳамзамон, м. 35 Қонуни мазкур муқаррар мекунад, ки аъзои хоҷагии деҳқонӣ бо суғуртаи иҷтимоии давлатӣ фаро гирифта шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ бо нафақа ва дигар имтиёзҳо таъмин карда мешаванд.

Аммо аз мазмуни меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқи маълум мегардад, ки дар онҳо суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба таври мушаххас муқаррар нашудааст. Бинобар ин, зарур аст, ки низоми қонунгузории ҶТ

такмил дода шуда, дар он ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ заминаҳои дақиқи ҳуқуқӣ гузошта шавад.

Дар “Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028”, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 қабул гардидааст[47], ба суғуртакунии соҳаи кишоварзии мамлакат диққати махсус дода мешавад. Дар матни Консепсия қайд шудааст, ки бо мақсади ташаккул ва рушди судманди низоми суғурта дар соҳаи кишоварзӣ зарур аст, ки таҳия ва қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи кишоварзӣ» роҳандозӣ шавад. Албатта, қабули қонуни мазкур дар шароити иқтисоди бозорӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро соҳаи кишоварзӣ васеъ ва гуногунпаҳлу буда, муносибатҳои васеи ҷамъиятиро дар самти хоҷагидорӣ, яъне на танҳо дар истифодабарии замину об, балки дар ҳифзи растаниҳо, дарахту буттаҳои мевадиҳанда, токзорҳо, дороиҳои биологӣ (чорвоҳои калон ва хурд ва ғайра.), маҳсулотҳои кишоварзӣ, тартиб ва ҷараёни ҷамъоварии маҳсулотҳои кишоварзӣ, нигаҳдории маҳсулотҳои кишоварзӣ аз ҳашаротҳои зараррасон, паррандаҳо ва ғайра танзим менамояд.

Зарур мешуморем, ки ҳангоми таҳия ва қабули қонуни мазкур ба КЗ ҶТ, қонунҳои ҶТ: “Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ”, “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ”, “Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи ҷавобгарӣ барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазор” ва дигар қонунҳои соҳа тағйиру иловаҳои зарурӣ вобаста ба суғуртакунии заминҳо ворид карда шавад.

Умедворем, ки амали қонуни макур дар доираи суғуртакунии маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ маҳдуд намегардад, балки ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ низ дахл хоҳад кард, зеро зараре, ки дар

---

[47] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // www. mmk. tj (санаи муроҷиат: 1.02.2021).

натиҷаи ба миён омадани ҳолатҳои фавқулода ба соҳаи хоҷагиҳои кишоварзӣ мерасад, ин на танҳо зарари хоҷагии кишоварзӣ, балки дар маҷмуъ зарар ба соҳаи иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад[48].

Эҳтимоли ба миён омадани хавфҳо дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ хеле зиёд ба назар мерасад, ки ин ҳолат корхонаву ташкилотҳои суғуртавиро дар суғуртакунӣ чандон ҳавасманд намегардонанд. Вале корхонаву ташкилотҳои суғуртавӣ метавонанд ҳангоми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз мутахассисони соҳаи аграрӣ, аз ҷумла аграномҳо, хокшиносон, тухмипарварон, растанипарварон, агроэкологҳо, мутахассисоне, ки ба пешгӯӣ ва огоҳонидани организмҳои зарраррасон машғуланд, муассисаҳои илмӣ тадқиқотӣ ва озмоишгоҳҳои акредитатсияшуда ҳамкорӣ намоянд. Дар сурати ҷалби муассисаҳои илми - тадқиқотӣ, мутахассисони соҳа ва гирифтани хулосаҳои дақиқи онҳо ҳангоми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ эҳтимолияти ба дӯш гирифтани хавфҳо нисбатан кам гардида, аз натиҷаи хулосаҳои дақиқи мутахассисони соҳа иҷрои бандҳои муҳимми шартнома ва пардохтҳои маблағҳои суғуртавӣ вобастагии калон дорад.

Гузашта аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бинобар зиёд будани хавфи таваккалашон аз ҳисоби як қисми маблағҳои буҷети амалӣ карда шавад. Дар қонунгузорӣ ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва бартарафсозии оқибатҳои зарароваре, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ ва антропогенӣ ба вуҷуд, омадаанд аз ҳисоби буҷаи давлат ва маблағҳои махсуси бо ин мақсадҳо ҷудогардида амалӣ карда мешавад, ки заминаи ҳуқуқии худро дар м. 19 Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ" ёфтааст.

[48] Сафаров М.М. Суғурта чист? (что такое страхование?) (на таджикском и русском языках). – Душанбе, 2003. – С. 63.

Ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бояд корхонаҳое ҷалб карда шаванд, ки қисман аз ҳисоби маблағҳои буҷети маблағгузорӣ мешаванд, ё инчунин метавонанд дар самти суғуртакунии заминҳо ширкатҳо ё ташкилотҳои хусусӣ низ ҷалб карда шаванд. Аммо зарур аст, ки аз ҷониби давлат механизми ҷалби ширкату ташкилотҳои хусусӣ коркард шуда, дар ин самт талаботҳои махсус пешниҳод карда шавад. Аз ҷумлаи талабот метавонад устувории молиявии ширкат ё ташкилоти хусусӣ ҳисоб ёбад, дорои комплекси мутахассисони соҳа бошанд, дигар ин ки ин ширкат ё ташкилотҳои суғуртавӣ объекти суғурта мекардаашон танҳо сирф ба соҳаи кишоварзӣ нигаронида шуда бошад.

Ин ҳолат метавонад аз як тараф шумораи корхонаҳои давлатӣ ва ташкилоту ширкатҳои хусусияро дар суғуртакунии соҳаи кишоварзӣ ва заминҳои таъиноти кишоварзӣ зиёд намояд, аз тарафи дигар, ба гурӯҳбандии соҳаҳои суғурта, ки заминаи ҳуқуқии худро дар м. 4 Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ёфтааст, мусоидат намояд.

Ба андешаи иқтисоддонҳои ватанӣ, яке аз сабабҳои рушд наёфтани бозори хизматрасониҳои суғурта дар ҷумҳурӣ ин ба соҳаҳои суғурта гурӯҳбанди нашудани ташкилотҳои суғуртавие мебошанд, ки айни замон раванди якранг ва унверсалӣ доранд[49].

Нақши шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар амалӣ гардонидани суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар иқтисодиёти миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми омода намудани шартномаи суғурта бояд тамоми паҳлуҳои масъалаи мазкур, аз ҷумла тарифҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии қитъаи замин, ҳосилхезнокии қитъаи замин, устувории қитъаи замин, таркиби хок, ҳолатҳои гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, агрокимиёвӣ, экологию биологӣ, мелиоративӣ, фитосанитарӣ, геоботаникӣ,

[49] Ниг.: Фақеров Ҳ.Н., Ашуров Ғ.Д. Асари ишорашуда. – С. 10.

зиддиэрозиявӣ ва дигар хусусиятҳои муҳим ба инобат гирифта шаванд. Дар сурати ташаккул ёфтани заминаҳои ҳуқуқие, ки махсусан ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ нигаронида мешавад, шумораи зиёди аҳолӣ, аз ҷумла мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, хокшиносон, ботаникҳо, иқтисоддонҳо, ҳуқуқшиносон, экологҳо соҳиби ҷойҳои кории доими гашта, муҳимтар аз ҳама, ҳосилхезгародонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз шуршавӣ, олуда шудани хок ва дигар ҳолатҳои номатлуб эмин мемонад, ки ин ҳолатҳо аз лиҳози иқтисодӣ муфид арзёби мегарданд.

## 1. 2. Марҳилаҳои инкишофи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мардуми сарбаланди тоҷик дар ҳама давру замон ба муносибатҳои замину заминдорӣ, бахусус хоҷагидорӣ, диққати махсус медоданд. Дар ҳар як марҳилаи таърихӣ кӯшиш намудаанд, ки ҳар як ваҷаб заминро самаранок истифода намуда, аз он ҳосили дилхоҳ ба даст оваранд ва барои расидан ба ҳадафҳои худ таҳлилҳои ҳамаҷонибаи иқтисодиву қабули санадҳои меъёрии хуқуқиро, ки танзимкунандаи ин муносибатҳо мебошанд, қабул ва мавриди амал қарор диҳанд. ҶТ пас аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ дар назди худ якчанд ҳадафи стратегӣ гузошт, ки яке аз он стратегияи таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Чунончи маълум аст, ноил гардидан ба ин ҳадафи стратегии кишвар ва дар ин замина кам кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба муносибат ва фарҳанги дурусти истифодаи ҳар як ваҷаб замин вобаста мебошад. Тазаккур бояд дод, ки муносибати дуруст бо замин, гирифтани ду - се ҳосил аз як замин, таъмини аҳолии кишвар бо ҷойҳои корӣ пайваста зери таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Чунончи дар маҷлиси васеи Ҳукумати ҶТ роҳбарони вилоят ва раисони шаҳру ноҳияҳоро вазифадор намуданд, ки ҷиҳати зиёд намудани майдони кишти такрорӣ,

истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигӣ барои рушди сабзавоткорӣ ва полезиҳо, бунёди боғу токзори нав, бунёди корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд[50].

Заминдорону хоҷагидорон сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҶТ-ро дар самти аграрӣ дастгирӣ ва сармашқи кори худ қарор дода, истифодабарии заминҳоро дар доираи ин сиёсат амалӣ намуда истодаанд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки заминдорон ва хоҷагидорон барои гирифтани ҳосили дилхоҳ тамоми чораҳои заруриро мавриди истифода қарор дода, сари вақт заминро киштгардон мекунанд, бо нуриҳои минералӣ таъмин менамоянд, обмониро тибқи муҳлат ва усулҳои аграномӣ амалӣ менамоянд, риояи чораҳои агротехникӣ, агрокимиёвӣ, мелиоративӣ, фитосанитарӣ, экологию биологӣ ва зиддиэрозиявиро амалӣ менамоянд, аммо бинобар ба миён омадани ҳодисаҳои нохуш, яъне таъсири номусоиди обу-ҳаво, офатҳои табиӣ, паҳншавии зараррасонҳо ва касалиҳои растаниву ҳайвонот дар бисёр маврид заминдорону хоҷагидорон ба зарарҳои калони иқтисодӣ дучор мегарданд, ки чунин ҳолат онҳоро руҳафтода намуда идома додани фаъолияти хоҷагидории онҳоро дар мавсимҳои ояндаи киштукор зери суол мегузорад.

Тибқи маълумоти Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати ҶТ, дар солҳои 1997-2018 дар Тоҷикистон тахминан 3460 офати табиӣ рух додааст, яъне ба ҳисоби миёна дар ҳар ду рӯз як офати табиӣ ба вуҷуд омадааст. Аз ин намуди  офати табиии нисбатан паҳншуда (ба ҳисоби миёна 70 ҳолат дар як сол) омадани сел ва фаромадани тарма мебошад, ки дар навбати худ хисоротҳои калони иқтисодиву иҷтимоӣ ва талафотҳои ҷониву молиро ба бор овардааст[51]. Тазаккур бояд дод, ки ин

---

[50] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// President.tj (санаи муроҷиат: 20.02.2021).

[51] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи стратегияи миллии Ҷумхурии Тоҷикистон «Оид ба паст кардани хавфи офатҳои табии барои солҳои 2019-2030» аз 29.12.2018, №602. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // www. mmk. tj (санаи муроҷиат: 1.02.2021).

хисорот дар бештар маврид ба сектори кишоварзии мамлакат таъсири манфии худро расонидааст.

Аз ин лиҳоз, вобаста ба гуфтаҳои боло зарурат ба миён омадааст, ки институти суғуртаи ҳатмии давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ роҳандозӣ карда шавад. Институти мазкур имконият медиҳад, ки қисме аз хавфҳои бамиёномадаро бартараф намояд ва дар оянда баҳри пешгирии ҳодисаҳои нохуши таббиӣ тадбирҳо андешад.

Чи тавре маълум аст, муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ яке аз қадимтарин муносибатҳои маъданиву иқтисодӣ дар таърихи инсоният шинохта шуда, инкишоф ва шаклгирии робитаҳои иҷтимоиву иқтисодиро дар худ касб ва ҳамчун институти муҳим ва мустакил шинохта шудааст. Тазаккур бояд дод, ки институти мазкур якчанд марҳилаи таърихиро аз сар гузаронидааст, ки метавон шартан онро ба 3 марҳила ҷудо намуд:

1. Рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар аҳди қадим;

2. Рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар давраи Шуравӣ;

3.Рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ.

Аз пайдоиши муносибатхои суғуртавӣ бармеояд, ки ҳанӯз дар аҳди бостон муносибатҳои кишоварзӣ, парвариши чорвоён ва муносибату унсурҳои додугирифти моливу пулӣ ба миён омада, ба содатарин шакли суғурта, яъне суғуртаи табиӣ ва инкишофи баъдии он замина гузошт. Тибқи далелҳои таърихӣ, се ҳазор сол пеш аз милод тоҷирону соҳибкорон бинобар сафар ба нуқтаҳои фурӯши дигар давлатҳо ва хариду фурӯши молу ашёҳои гуногун ба ҳамагуна ҳодисаҳои нохуш, аз ҷумла дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, гум шудани молу ашё, офатҳои табиӣ, вайрон гаштани киштӣ, ҳалокати уштурҳо ва дигар ҳодисаҳо дучор мешуданд ва дар натиҷа хисороти зиёди моливу пули медиданд.

Аз ин лиҳоз, тоҷирону соҳибкорон (аъзоёни корвон) ба хулосае омаданд, ки  бо мақсади таъмини амнияти бехатарии молу маҳсулот ва ҳифзи

саломатӣ байни худ тариқи шифоҳӣ аҳд банданд, ки мазмуну мундариҷаи он чунин буд: «Дар сурати дар сафар ба миён омадани ҳодисаҳои нохуш, аз ҷумла дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, гум шудани молу ашё, офатҳои табиӣ, вайрон гаштани киштӣ, ҳалокати уштурҳо, чорвоҳо ва ғайра ҳаҷми хисорот баробар тақсим ва пардохт карда шавад»[52]. Бо ин мақсад аз арзиши умумии молу мулки ба сафар мебароварда маблағеро пасандоз менамуданд ва хазинаи махсус таъсис медоданд. Ҳангоми ба миён омадани ягон бадбахтӣ аз ин маблағҳо ба тоҷири зарардида ҳамчун кумакпулӣ ҷудо карда мешуд. Яъне, гуфтан мумкин аст, ки ин ҳолат ба аввалин марҳилаҳои иникшофи муносибатхои суғуртавӣ замина гузоштааст. Гарчанд дар дигар шакл ба расмият дароварда шавад ҳам мазмуну моҳияти ягона дошт.

Таҳлили далелҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки дар ин давра моҳияти аслии суғурта на дар дарёфти даромад ва гирифтани фоида арзёбӣ мегардид, балки аз расонидани ёрии мутақобилаи байни одамон иборат буд. Тибқи маълумоти таърихӣ, нишонаҳои асосии суғурта ва пайдошавии муносибатхои хуқуқии суғуртавӣ дар он давра, аслан, байни қишрҳои миёнаи аҳолӣ, яъне косибон, тоҷирону бозургонон ва ҳунармандон пайдо ва рушду инкишоф ёфта буд. Ҳамин тавр марҳила ба марҳила, вобаста ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, муносибатҳои суғуртавӣ такмилу равнақ ёфта оҳиста - оҳиста мазмуну моҳияти худро дигар кард. Яъне, дигар муносибатҳои суғуртавӣ дар доираи расонидани ёрӣ маҳдуд нагашта, балки характери иқтисодӣ гирифтани фоидаи муайянро низ ифода менамуд. Муносибатҳои суғуртавӣ бо ҳамин мазмуну моҳият ба марҳилаи пасошуравӣ омада расид.

Рушди низоми умумии суғурта дар давраи шуравӣ низ якчанд мархилаи таърихиро паси сар кардааст. Дар низоми даврони шуравӣ институти мазкурро зери назорати ҷиддӣ қарор дода, намудҳои гуногуни суғуртаро

---

[52] Сафаров М.М. Суғурта чист? (что такое страхование?) (на таджикском и русском языках). – Душанбе, 2003. – С. 64.

ташкил ва роҳандозӣ менамуданд, бахусус суғуртаҳое, ки объекташон дорои характери иҷтимоиву табииро касб намуда буданд. Тазаккур бояд дод, ки дар даврони шуравӣ аз ҷониби Комиссириати халқии меҳнат «Низомнома дар бораи Шурои суғурта» қабул ва мавриди амал  қарор гирифт, ки аз рӯзхои аввал стратегияи ба роҳ мондани хизматрасониҳои ройгони давлатиро дар нақша дошт ва ин ҳолат боис ба он мегардид, ки ширкатҳои суғуртавӣ фаъолияти минбаъдаи худро дар қаламрави иттиҳоди давлатҳо қатъ намоянд ва ин стратегия ба ҳадафи ниҳоии худ расид.

Бо қабул шудани Декрет (Қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки дорои қувваи ҳуқуқи буд)  фаъолияти пурраи ширкатҳои суғуртавӣ манъ карда шуд. Ҳамзамон, дар асоси Декрет ташкилотҳои суғуртавӣ вазифадор карда шуданд, ки ҳамаи шартномаҳои баимзорасонидаи худро бе назардошти пардохти маблағҳои суғуртавӣ бекор кунанд.  Бо ин роҳ фаъолияти институти суғуртавӣ қариб маҳдуд карда шуда ҷои онро расонидани ёрии ройгон ба аҳолӣ ҳангоми омадани офатҳои табии, сӯхтор, омадани сел, хушксолӣ, эпидемияҳо ва дигар вазъиятҳои фавқулода иваз намуд.

Аммо ин ҳолат, яъне амали Декрет, бинобар сабаби нарасидани маблағҳои буҷетӣ  рӯи коғаз монда, дар амал иҷро нашуд. Пас аз гузаштани якчанд марҳилаи таърихӣ дуюмбора соли 1925 баҳри рушду инкишофи муносибатхои суғуртавӣ боз иштироки кооперативҳои  суғуртавиро (ташкилотҳои суғуртавӣ) дар низоми суғуртакунии кишвар ҷой диҳанд ва худи ҳамон сол дар заминаи қонунгузории ИҶШС қоида ва тарифҳои суғуртавӣ коркард ва роҳандозӣ карда шуд. Аммо минбаъд фаъолияти кории кооперативхои суғуртавӣ аз ҷониби мақомоти давлатии соҳаи суғурта (Госстрах СССР) пайваста зери назорат қарор дода шуда ва фаъолияти онҳо дар асоси, Иҷозатномаи мақомоти ваколатдори давлатӣ  амали мегашт.

Ҳамин тавр солҳои 1930 зарурати суғуртакунии моликияти давлатӣ ва дар ин замина зарурати қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ҷавобгӯи талаботи замон бошад, аз қабили қабул намудани Қарор «Дар бораи суғуртаи давлатии молу мулки корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо»[53] ба миён омад.

Дар асоси Қарори мазкур аз ҷониби мақомоти давлатии суғуртакунӣ (Госстрах СССР), молу мулки корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, фондҳои манзил, иттифоқхои касаба ва ғайра суғурта карда мешуданд. Пас аз он ки муносибатҳои суғуртавӣ дар дохили иттиҳоди давлатҳо ба низоми муайян дароянд, соли 1936 зарурати рушди муносибатҳои суғуртавии хориҷӣ ба миён меояд, ки ин ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба санадҳои қонунгузории иттиҳоди давлатҳо тақозо менамояд. Ҳамин тариқ моҳи декабри соли 1936 ба Конститутсияи ИҶШС меъёре ворид карда шуд, ки суғуртакунии давлатиро дар соҳаи масъулияти мақомотхои олии ҳокимияти ИҶШС танзим менамуд. Аммо бинобар сабаби оғоз ёфтани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бештари муносибатхои ҷамъиятӣ, бахусус муносибатхои суғуртавӣ таъсири манфӣ ёфта дар натиҷа ин санади меъёрӣ ҳуқуқӣ дар амал иҷро нашуд.

Соли 1942 бо Фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС тағйиру иловаҳо ба Қонун «Дар бораи суғуртаи ҳатмии акладҳо» ва Қарори Совнарком РСФСР «Дар бораи суғуртаи ҳатмии акладҳо» ворид карда шуд. Ҳамзамон худи ҳамон сол Қарор «Дар бораи суғуртаи ихтиёрии молу амволи хоҷагиҳои кишоварзӣ, техникаҳои кишоварзӣ, чорвои кори ва маҳсулдиҳанда» қабул ва мавриди амал қарор гирифт. Пас аз ба охир расидани Ҷанги дуюми ҷаҳон, соли 1950 дар асоси Қарори XX Съезди Ҳизби коммунисти ИҶШС чорабиниҳои умумӣ оид ба такмили сохтор ва нақшу моҳияти аслии давлатҳои аъзо дар танзиму рушди муносибатхои хоҷагидории ИҶШС қабул ва мавриди амал қарор гирифт.

[53] Тагиев Г.М. Развитие государственного страхования в СССР (1917-1977 гг). – М.:Финансы, 1978. – С. 29.

Дар заминаи съезди мазкур қабули якчанд санади меъёрии хуқуқӣ ба миён омад. Аз ҷумла, Қарори Шурои Вазирон ИҶШС аз 17 апрели соли 1958 «Дар бораи ба маҳалҳо (давлатҳои аъзо) додани мақомотҳои суғуртакунӣ (Росстрах СССР)». Дар асоси Қарори мазкур Сарраёсати суғуртаи давлатии ИҶШС барҳам дода шуд ва дар ҷои он дар ҳайати Дастгоҳи марказии Вазорати молияи ИҶШС шуъбаи суғуртаи давлатӣ ташкил карда шуд. Дар давлатҳои аъзо бошад, раёсатҳои он ташкил гардид, ки сиёсати ягонаи давлатии суғуртавиро дар маҳалҳо ба анҷом мерасониданд.

Ҳамин тариқ марҳила ба марҳила рушди муносибатхои суғуртавӣ инкишоф ёфта, намудҳои гуногуни объектхои суғурта ба миён омаданд. Соли 1961 - 1970 намудҳои суғуртаи шахсӣ аз ҷумла, суғуртаи кӯдакон ривоҷу равнақ ёфтанд. Ин намуди суғуртакунӣ имконият медиҳад, ки падару модарон ё хешовандони наздики кӯдак то ба сини 18 солагӣ расидани кӯдак маблағҳои муайян ҷамъоварӣ намоянд, то кӯдак пас аз ба синни 18 солагӣ расидан тавонад ба донишгоҳҳо дохил шавад ё дигар эҳтиёҷоти худро қонеъ созад. Таҳлилҳои омории солҳои 1974 нишон медиҳад, ки аз ин намуди суғурта зиёда аз 6 миллион шартнома бо маблағҳои калон ба имзо расонида шудааст. Солҳои 1971 - 1976 тарғибу ташфиқи фаъолияти суғуртавӣ тавассути воситаҳои ахбори омма бо роҳҳои гузаронидани сухбатҳо, лексияҳо, докладҳо ва дигар роликҳои ташвиқотӣ сурат гирифтааст. Аз соли 1976 то соли 1980 бо мақсади рушди муносибатҳои суғуртавӣ якчанд санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст. Аз ҷумла, соли 1977 Қарор «Дар бораи чораҳои рушди минбаъдаи суғуртаи давлатӣ», соли 1978 Қарор «Дар бораи амалигардонии қоидаҳои барқарор намудани зарарҳои савхозҳо ва дигар хоҷагихои кишоварзии давлатӣ аз ҳодисахои нохуш ва шароитҳои номусоид» ба тасвиб расонида буд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардидаи суғуртаи давлатиро метавон ба ду қисмат ҷудо намуд:

- суғуртаи давлатии савхозҳо;

- суғуртаи давлатии дигар хоҷагиҳои кишоварзӣ.

Солҳои 1980 бо супориши давлат ҳаҷми калони намудҳои гуногуни таваккалҳои суғуртавӣ бахшида ба гузаронидани чорабинии сатҳи байналмилалӣ «Олимпиада-1980» дар шаҳри Москва ҷорӣ карда шуд. Ин таваккалҳо аз ҷониби ширкати суғуртавии «Ингострах» суғурта карда шуданд. Суғуртакунии воситаҳои нақлиёт низ аз ҳамин сол оғоз карда шуд. Вале дар ин давра танҳо воситаҳои нақлиёт суғурта карда мешуд, на масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт. Дар солҳои 1981 дар замони шуравӣ 23 намуди махсулоти суғуртавӣ вуҷуд дошт, ки аз ин шумора 14 намудаш суғуртаи молу мулк ва 9 намуди дигар суғуртаи шахсӣ ҳисоб меёфт. Аз ҷумла чунин намудҳои суғурта арзи вуҷуд доштанд:

- суғуртаи давлатии савхозҳо;

- суғуртаи давлатии калхозҳо ва дигар хоҷагиҳои кишоварзӣ;

- суғуртаи давлатии кооперативхо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

- суғуртаи давлатии шаҳрвандӣ;

- суғуртаи амволи давлати, ки ба иҷора дода шудааст ё дар намуди дигар мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ба намудҳои суғуртаҳои шахсӣ шомил буданд:

- суғуртаи ҳаёт;

- суғуртаи кӯдакон;

- суғуртаи акди никоҳ;

- суғуртаи вафот ва гум кардани қобилияти меҳнатӣ;

- суғуртаи нафақа ва ғайра.

Соли 1983 Қарор «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии молу мулки шаҳрвандон» қабул карда шуд. Дар асоси қарори мазкур шаҳрвандон вазифадор буданд, ки хонаҳои истиқоматӣ, бустонсароҳо, хоҷагиҳои кишоварзӣ, уштурҳо, аспҳо ва дигар молу мулки худро аз ҳодисаҳои табиӣ,

яъне омадани сел, сӯхтор, садамаҳо, хушксолӣ ва дигар ҳодисаҳои фавқулода суғурта намоянд.

Чи тавре аз маълумоти овардашуда маълум мегардад, муносибатҳои умумии суғуртавӣ якчанд марҳилахои таърихиро паси сар намудааст.

Тибқи таҳлилҳои Е.А. Шкарупа давраҳои рушди муносибатҳои суғуртавӣ тулони буда, 11 марҳилаи рушди инкишофро дар бар мегирад, ки аз ин шумора ду марҳилааш ба давраи шуравӣ рост меояд. Яъне:

1. Давраи бунёдии муносибатхои суғуртавӣ;
2. Давраи рушди низоми суғурта.

Давраи бунёдии муносибатҳои суғуртавӣ солҳои 1922 – 1967-ро дар бар мегирад. Дар ин давра суғуртакунии молу амволи хоҷагидорон ба таври ҳатмӣ ва ихтиёрӣ сурат мегирифт, вале на аз ҳама ҳодисаҳои нохуши табиӣ. Дар ин давра ҳаққи суғурта ба он ҳаҷме, ки муқаррар шуда буд, ҷамъоварӣ карда намешуд ва хоҷагидорон ҳаққи суғуртавиро ҳамчун маблағҳои андозӣ қабул намуда буданд, ки ин ду пардохт гуногун буда, аз ҳам бо таъинот ва низоми худ ба куллӣ фарқ мекарданд.

Давраи дуюм, яъне давраи рушди низоми суғуртакунӣ солҳои 1968 -1991-ро дар бар мегирад. Дар ин давра рушди муносибатҳои суғуртавӣ ба назар расида, хоҷагидорон аз мазмуни моҳияти низоми суғурта пурра огоҳ шуда буданд. Дар ин давра суғуртакунандаҳо на танҳо молу амволи калхозу савхоз ва дигар хоҷагиҳои кишоварзиро суғурта мекарданд, ҳатто ба суғуртакунии молу маҳсулотҳои кишоварзӣ низ шуруъ намуда[54] буданд.

Чи тавре маълум аст, соли 1991 иттиҳоди шуравӣ пурра пароканда шуд ва ҳар як давлати аъзо соҳибситиқлолии худро эълон намуд.

Пас аз пошхӯрдани ИҶШС, ҶТ 9 сентябри соли 1991 соҳибистиқлолии худро эълон карда ҳамагуна муносибаҳои ҷамъиятиро (иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ) аз нав ҳамчун давлати соҳибистиклол оғоз намуд.

---

[54] Шкарупа Е.А. Этапы становления и развития института сельскохозяйственного страхования в России // Региональная экономика: теория и практика. – 2012. – №40 (271). – С. 34.

Дар ин давра, чи тавре қайд карда шуд, ислоҳотҳои иқтисодӣ оғоз гардида, қабули як қатор санади меъёрии ҳуқуқӣ марҳила ба марҳила ба тасвиб расид, зеро гузаштан аз як сохти иҷтимоӣ ба дигар сохти иҷтимоӣ ва куллан дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ қабули чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқиро тақозо менамуд. Қонунҳое, ки ҶТ дар ҳайати давлати шуравӣ қабул карда буд, барои инкишофи муносибатҳои нави бавуҷудомада мусоидат карда наметавонистанд[55].

Аз ин лихоз зарурат ба миён омад, ки вобаста ба тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, бахусус дар самти ислоҳоти замин, истифодаи минбаъдаи он, такмил ва шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва, умуман, ба рушду инкишофи сектори аграрӣ, қонунҳои танзимкунандаи соҳа қабул ва мавриди амал қарор дода шаванд. Дар марҳилаҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар диққати махсус бештар ба санадҳои меърии ҳуқуқии соҳаи кишоварзӣ, бахусус ба истифодабарии дурусти замин дода мешуд, зеро пас аз пошхурии иттиходи шуравӣ кишвар ба мушкилотҳои зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дучор шуд.

Ҷанги шаҳрвандӣ ба он оварда расонид, ки мардум дар қисматҳои ҷумҳурӣ пурра ва дар баъзе қисматҳо қисман аз маводҳои аввалиндараҷаи ғизои маҳрум монданд. Аз ин рӯ, Сарвари давлат ҷиҳати аз ҳолати бамиёномада баромадан ва ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар таъмини амнияти озуқаворӣ расидан қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро зарур ва саривақтӣ шуморид.

Ҳамин тариқ, дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи ислоҳоти замин» соли 1992 марҳилаи тақсим намудани заминҳои минтақаҳои кӯҳӣ ва назди кӯҳӣ оғоз гардид. Инчунин, бо фармонҳои Президенти ҶТ аз 9 октябри соли 1995 таҳти №342 ва аз 1 декабри соли 1997 таҳти №874, 75 ҳазор гектар замин

---

[55] Раҳимзода М.З. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият: инкишоф ва проблемаҳо / Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият (Маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2011. – С. 18.

барои истифодаи аҳолии деҳот тақсим карда шуд, ки ин амал барои таъмин намудани аҳоли ба озуқа мусоидат намуд. Ҳамзамон, дар ин давра як қатор ислоҳотҳо дар соҳаи кишоварзӣ гузаронида шуд. Ислоҳотҳои гузаронидашуда дар соҳаи кишоварзӣ, ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) озодии интихоби истеҳсол ва фурӯши зироатҳои кишоварзиро дода, дахолати мақомоти давлатиро дар интихоби кишти зироатҳои кишоварзӣ маҳдуд намуд.

Бояд қайд намуд, ки соҳаи кишоварзӣ бахши пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон ба шумор рафта, дар солҳои охир новобаста ба таъсири офатҳои табиӣ ва омилҳои бухронӣ дар сатҳи зарурии устувор қарор дошта, ба ҳисоби миёна аз 18 то 21% фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилиро таъмин менамояд. Яке аз омилҳои ба чунин натиҷаҳои дилхоҳ расидани соҳа ин қабули саривақтӣ ва зарурии санадҳои меъёрии хуқуқӣ мебошад.

То имрӯз аз ҷониби мақомоти олии қонунгузории кишвар - Маҷлиси Олии ҶТ, зиёда аз 330 қонуни мукаммал қабул ва мавриди амал қарор гирифтааст, ки самтҳои гуногуни хоҷагии халқро танзим карда истодаанд[56].

Оид ба рушди низоми қонунгузории кишвар байни олимон фикру андешаҳои гуногун вуҷуд дорад. Масалан М.З. Раҳимзода рушди низоми қонунгузории кишварро бо назардошти ҷараёни рушди муносибатхои ҷамъиятӣ дар замони истиқлолият ба се давра ҷудо намудааст:

- давраи якум, солҳои 1991 – 1994;
- давраи дуюм, солҳои 1995 – 2000;
- давраи сеюм, аз соли 2000 то ба имрӯз.

Н.Ф. Тоҳиров бошад, рушди низоми қонунгузории кишварро аз ду марҳила иборат медонад: давраи якум рушди фаъолияти қонунгузорӣ, тибқи

---

[56] Раҳимзода М.З. Сифати қонун ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии он // Забон ва сифати қонун. – Душанбе, 2010. – С. 15.

Конститутсияи соли 1978 ва давраи дуюм, тибқи Конститутсияи соли 1994[57]. Ба андешаи мо, мавқеъи М.З. Раҳимзода дуруст ва мувофиқи мақсад мебошад, зеро дар давраи соҳибистиқлолии кишвар танҳо он санадҳои меъёрии хуқуқие қабул карда мешаванд, ки ба арзишхои миллии мардуми тоҷик, аз ҷумла урфу одат, анъана, шароит ва иқлими ҷойгиршавии кишвар, низоми иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва дигар хусусиятхои хос ва арзишҳо мувофиқ мебошанд.

О.С. Муминзода ҳангоми омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои таърихии муносибатҳои суғуртавӣ дар воситаҳои нақлиёт қайд кардааст, ки муносибатҳои суғуртавӣ дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ инҳисорӣ (монополия) буд[58].

Ғ.Д. Ашуров таърихи ташаккул ва рушди қонунгузориро дар соҳаи суғуртаи ҶТ ба 4 марҳила ҷудо намуда қайд кардааст:

Якум – то даврони барҳамхурдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва эълон гардидани истиқлолияти давлатии ҶТ (солҳои 1924 -1991). Қайд мекунад, ки дар ин давра асосан суғуртаи давлатӣ мавқеи назаррас ва калидиро доро буд ва барои ташкил кардани ширкатҳои ғайридавлатии суғуртавӣ имкон дода намешуд.

Марҳилаи дуюми рушди қонунгузории суғурта ба солҳои аввали даврони соҳибистиқлолӣ рост меояд. Ҳанӯз соли 1991 дар ҷумҳурӣ назорати давлатии суғуртавӣ дар назди Ҳукумати ҶТ (баътар ин мақомот ба ихтиёри Вазорати молияи ҶТ вогузошта шуд), ташкил гардид. Омили мусбати ин давра қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи суғурта» (соли 1994) ва эътирофи ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ аз тарафи давлат ҳисобида мешавад. Дар ин раванд ташкилотҳои аввалини ғайридавлатӣ (соли 1992 ҶСК "Муин" ба фаъолият шурӯъ намуд) ба муқобили ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ

[57] Тохиров Н.Ф. Провозглашение государственной независимости – новая веха в законодательной деятельности Республики Таджикистан // Развитие законодательной деятельности в Таджикистане (1917-2007). – Душанбе: Эҷод, 2009. – С. 134.
[58] Муминзода О.С. Рушди қонунугузории суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ // Қонунгузорӣ. – 2020. – №2(38). – С. 51.

(“Тоҷиксуғурта” ва “Тоҷиксармоягузор”) рақобати озод намуда, ба ташаккули бозори хизматрасониҳои суғуртавии ҶТ асос гузоштанд. Ба андешаи ӯ, ин давраи эҳёи суғуртаи миллӣ буда, раванди он аз соли 1992 то 30-юми декабри соли 1998-ро дарбар мегирад.

Марҳилаи сеюм бо қабул гардидани Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 1998 таҳти № 511 «Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 1997 №261 «Дар бораи муайян намудани ҳаҷми ниҳоии сармояи оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ», оғоз гардида, то соли 2014 давом ёфт.

Марҳилаи чаҳорум бо қабул ва иҷрои Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 декабри соли 2014, таҳти №788 “Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта” оғоз гардида, то ба имрӯз идома дорад, ки дар ин давра заминаи ҳуқуқии соҳа дар базаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда мустаҳкам гардида истода, лоиҳаи як қатор қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омода гардидаанд, ки дар ин раванд саҳми Идораи назорати суғуртавии БМТ назаррас аст[59].

Дар баробари қонунҳои дар боло зикргардида як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти соҳибкорӣ, бахусус дар самти суғуртакунӣ. қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд.

Дар ин давра як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд. Қарори Шурои сарони Иттиходи давлатхои мустақил «Оид ба суғуртаи ихтиёрии илова ба нафақа барои кормандон, хизматчиён ва калхозчиён» (8.12.1992), Қарори Шурои Вазирони ҶТ “Дар бораи суғуртакунии давлатии ҳатмии шахсии ходимони Мақомоти давлатии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” (14.04.1993), Қонуни ҶТ «Суғурта»(20.07.1994, №982), Қарори Ҳукумати ҶТ «Оид ба ташкил намудани корхонаи давлатӣ оид ба суғуртакунии сармояи ватанӣ ва хориҷӣ дар назди Вазорати молия» (30.07.1998, №203), Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи таъсис додани корхона оид ба суғуртаи

[59] Ашуров Ғ.Д. Асари ишорашуда. – С. 192.

сармоягузории «Тоҷикинвест» (30.07.1998 №277), Қарори Ҳукумати ҶТ «Оид ба баъзе чорахои амалигардонии фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи ҷудо кардани соҳаи фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (15.03.1999 №83), Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқ намудани барномаи миёнамуҳлати тараққиёти системаи миллии суғурта дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2000 – 2002 (30.02.2000, №50), Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи суғурта дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Евраазия» (30.04.2004, №179), Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон» (12.03.2008, №918), Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи мутақобила» (05.08.2009, №540), Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» (02.08.2011, №758), Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқ намудани Оинномаи КВД «Тоҷиксуғурта» (5.08.2011, №429) ва ғайра.

Бо таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи суғурта ва таҷрибаи дохилии бозори суғурта ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки низоми суғуртакунии кишвар таҳти ду мақомоти давлатӣ, яъне КВ сармоягузории “Тоҷикинвест” ва КВД “Тоҷиксуғурта”, ки низоми ягонаи суғуртакуниро дар марҳилаҳои муайян дар бозори суғурта амалӣ менамуданд рушд ва инкишоф ёфтааст. Айни замон дар кишвар зиёда аз 18 КВД ва ширкати суғуртавӣ фаъолият мекунанд, вале қисми ками онҳо хоҳиши суғуртакунии замин ва соҳаи кишоварзиро доранд, зеро чи тавре дар боло қайд карда шуд, хавфҳои сар задани ҳодисаҳои нохӯш дар ин самт зиёд арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа хоҷагидорон аз гирифтани ҳосили дилхоҳ маҳрум мегарданд. Вале новобаста аз ин ҳолатҳои вуҷуддошта зарурати ба миён омадааст, ки суғуртакунии соҳаи кишоварзӣ бахусус заминҳои таъиноти кишоварзӣ роҳандозӣ карда шавад.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки суғуртакунии самти кишоварзӣ инкишоф ёфта дар ин самт қонунҳои махсус қабул намудаанд, ки

суғуртакунии соҳаи кишоварзиро амалӣ менамоянд. Аз ҷумла, соли 2011 ФР Қонун “Дар бораи дастгирии давлатӣ дар соҳаи суғуртаи хоҷагии кишоварзӣ”-ро қабул намуд. Ҳамзамон, дар ин кишвар ба Қонун “Дар бораи рушди хоҷагии кишоварзӣ” вобаста ба суғуртакунии соҳаи кишоварзӣ тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуд. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатиро дар соҳаи суғурта намудани хоҷагиҳои кишоварзӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои молистеҳсолкунандагон танзим менамояд.

Тибқи м. 7 Қонуни мазкур, ба сифати объектҳои суғурта дар самти хоҷагии кишоварзӣ инҳо баромад мекунанд: намудҳои гуногуни зироат, аз ҷумла сабзавотҳо, полезиҳо, токзорҳо, меваҳо, бутта меваҳо, боғҳо, ниҳолҳои бисёрсола, ғалладонагиҳо, лубиёгиёҳо, навъҳои гуногуни тухмӣ, растаниҳои гуногун барои истеҳсоли равғанҳо, намудҳои гуногуни хӯроки чорво, чорпоён аз ҷумла ҳайвонҳои калони шохдор (говҳо, қутосҳо), ҳайвонҳои майдаи шохдор (бузҳо, гӯсфандҳо), хукҳо, аспҳо, хачир, хар, уштур, оҳу, заргӯш, намудҳои гуногуни парандаҳо, намудҳои гуногуни моҳиҳо, оилаҳои занбӯрҳо ва ғайра.

Дар низоми қонунгузории ҶТ то ҳол санади меъёрии ҳуқуқии махсус, ки суғуртакунии соҳаи кишоварзиро амалӣ намояд, қабул нагардидааст. Баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа суғуртакунии намудҳои алоҳидаи соҳаи кишоварзиро дар матни худ ҳамчун меъёри ҳаволакунанда муқаррар кардаанд. Масалан мазмуни сархати 3 қ. 1 м. 22 Қонуни ҶТ “Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он” муқаррар менамояд, ки яке аз самтҳои дастгирии давлатӣ ин суғурта намудани фаъолият оид ба муомилоти ғалла ва маҳсулоти коркарди он мебошад. Гузашта аз ин, м. 9 Қонуни ҶТ “Дар бораи ниҳолпарварӣ” муқаррар менамояд, ки субъектҳои фаъолияти хоҷагидории соҳаи ниҳолпарварӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ суғурта карда мешаванд. Моддаи 22 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” таъсис додани фонди суғуртаи ҳифзи муҳити зистро муқаррар кардааст, ки

ҳадафи асосии фонд ба пӯшонидани хароҷот оид ба барқарорсозии талафоти муҳити зист, ҷуброни товони зарари расида ба саломатӣ, молу мулки шаҳрвандон дар натиҷаи офатҳои табиӣ, садамаю фалокат ва дигар хатарҳои экологӣ равона шудааст. Ба мисли қонунҳои дар боло овардашуда боз дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи кишоварзиву ҳифзи муҳити зист чунин меъёрҳо вуҷуд доранд, аммо механизми иҷроишашон дар санадҳои қонунгузорӣ чандон равшан нест.

Аз ин рӯ пешниҳод карда мешавад, ки қонуни махсусе, ки танзимкунандаи муносибатҳои суғуртавиро дар самти истифодаи замин, бахусус заминҳои таъиноти кишоварзӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва муносибатҳои ба ин самт вобастабуда дар бар мегирад, қабул ва мавриди амал қарор дода шавад.

# БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ

## 2. 1. Мафҳум, хусусият ва шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ

Суғурта ва муносибатҳои суғуртавӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ аҳаммияти хосро дар секторҳои иқтисодиву иҷтимоӣ касб кардааст. Имрӯз қисми зиёди муносибатҳои ҷамъиятӣ баҳри ҳифзу нигаҳдорӣ ва истифодабарии минбаъдаи молу мулк, нигоҳдории саломатӣ, ҳифзи бинову иншоотҳо, ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, эмин нигоҳ доштани боғу токзорҳо ва дигар шаклҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки ба истеҳсол, коркард ва нигаҳдории маҳсулотҳои кишоварзӣ машғуланд, баҳри ҳифз аз пайомадҳои эҳтимолӣ бо институти суғурта ҳамкориҳои судмандро ба роҳ гузоштаанд.

Мақсад ва моҳияти аслии институти суғурта, пеш аз ҳама аз ҳифзу нигаҳдории молу мулки суғурташавандагон ва ҳимоя намудан аз манфиатҳои давлат ва ҷомеа иборат мебошад.

А.М. Сатторӣ сабаби аслии пайдоиши суғуртаро вобаста ба механизми ҳифзи тавлидкунандагони маҳсулот дар муқобили хатарҳои эҳтимолии марбут ба тавлидоти гурӯҳӣ (ҷамъиятӣ) аз офатҳои табиӣ, беморӣ ва ғайра медонад[60]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ оид ба мафҳуму моҳият, хусусият ва худи истилоҳи суғурта фикру андешаҳо дар байни олимону муҳаққиқони зиёд, мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Олимону муҳаққиқон мафҳуми суғуртаро ҳам аз лиҳози илмҳои иқтисодӣ ва ҳам аз лиҳози илмҳои иҷтимоиву гуманитарӣ (ҳуқуқ) таҳлил кардаанд. Маврид ба зикр аст, ки аз лиҳози илмҳои иқтисодӣ суғурта яке аз муҳимтарин институти рушди хоҷагидорӣ дар бозор ҳисоб ёфта,

---

[60] Сатторӣ А.М. Тоҷиксуғурта: таърих ва дастовардҳо. – Душанбе: Кайҳон, 2016. – С. 9.

таъминкунандаи устуворӣ ва самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ арзёбӣ шудааст, ки аҳаммияти зиёди иҷтимоиву иқтисодӣ дорад[61]. Ба ибораи дигар, иқтисоддонҳо дар бештар маврид ба омилҳои иқтисодӣ такя намуда, ба мазмуну моҳияти суғурта аз лиҳози мавҷуд будани фонди суғуртавӣ баҳо медиҳанд. Ҳуқуқшиносон бошанд, масъалаи мазкурро аз нигоҳи ҳуқуқи баҳо дода, қайд мекунанд, ки суғурта ҳамчун иҷрои уҳдадорӣ дарк карда мешавад[62].

Оид ба истилоҳи “суғурта”, мазмун ва моҳияти он дар адабиёт олимону муҳаққиқон фикру андешаҳои гуногун пешниҳод намудаанд. Қисме аз муҳаққиқон чунин андеша доранд, ки мафҳуми ибтидоӣ дар ҳуқуқи суғурта ин худи истилоҳи «суғурта» мебошад. Суғурта аз калимаи русии «страх» гирифта шуда, маънои аввалаш тарс, ваҳм, ҳарос мебошад. Маънои дуюми калима дар шакли «страховать»-и русӣ буда, суғурта намудан, пешгирӣ кардан, пешакӣ ҳимоя намудан, пеши чизеро гирифтан, эҳтиёт карданро ифода мекунад[63]. Яъне, ибораи “Ман аз пайёмадҳои эҳтимолие, ки ба вуқуъ омаданаш дар назар аст, ба монанди воқеаҳои нохуш, ҳодисаҳои табиӣ ва ба амсоли инҳо метарсам ва тарси худро барои ҳимоя намудан ва дар ин замина аз масъулият дур шудан ба дигар субъект (суғуртакунанда ё суғуртакунандаҳо) ҳавола мекунам”. Бо чунин андешаи ғалат розӣ шудан ғайриимкон аст, зеро калимаи “суғурта” вожаи арабӣ мебошад, на русӣ. Решаи он калимаи арабии “суғур” – ҷонвари гурбамонанди сурхчамӯй, ки аз пусташ пӯстин дӯзанд” [64].

Дар забони англисӣ мафҳуми мазкур дар шакли «insurance» омада, маънояш боварӣ, эътимод мебошад[65]. Ҳамзамон, қайд шудааст, ки истилоҳи “суғурта” мафҳуми баҳсангез аст ва решааш ҳам чандон аниқ нест.

---

[61] Тронин Ю.Н. Основы страхового бизнеса. – М.: Алфа-Пресс, 2006. – С. 3.
[62] Бадалов Ш. Ҳукуи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. – С. 2.
[63] Сафаров М. Мавқеи суғуртаи давлатӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 1998. – С. 8.
[64] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Ҷилди 2. / Зери таҳрири С. Назарзода ва диг. – Душанбе, 2008. – С. 270.
[65] Сафаров М. Асари ишорашуда. – С. 8.

Баъзе муҳаққиқон асли онро аз вожаи туркии “суюртмиш” донистаанд, бархе дигар онро шакли таҳрифшудаи вожаи русии “страхование” медонанд. Дар забони тоҷикӣ барои ифодаи ин мафҳум калимаҳои аслии тоҷикии “бима”, “тарс” ва калимаи арабиасли “ваҳм” мавҷуданд[66]. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ”, ки шарҳи калимаҳо ва истилоҳотро аз асри X то ибтидои асри XX дар бар мегирад, истилоҳи “суғурта” тамоман дарҷ наёфтааст[67]. Дар фарҳанги мазкур калимаи “бим” ба маънии тарс ва хавфу хатар ҷой дорад, ки маъноҳои калимаи “страх”-и русӣ ва «insurance» - и англисиро чун “тарсу ваҳм”, “хавф”, “бими чизеро ё касеро аз даст надодан”, “дур кардани хатар аз худ”, “натарсидан”, “хавф надоштан аз чизе”-ро баён менамояд[68].

Ҷ.М. Зоиров ва И.Ҳ. Бобоҷонов дар воситаи таълимии “Ҳуқуқи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” қайд кардаанд, ки дар забони тоҷикӣ калимае, ки метавонад “суғурта”-ро иваз намояд,“бима” мебошад, ки дар забони форсӣ- тоҷикӣ роиҷ аст. Гузашта аз ин, қайд мекунанд, ки мо ҷонибдори истифодаи истилоҳи мазкур дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошем, зеро ин нуқта аз лиҳози техникаи ҳуқуқӣ асоснок шудааст”[69].

Н.О. Шаропов ҳангоми омӯзиши таърихи суғурта ба ин масъала диққати махсус дода, қайд мекунад, ки то соли 1929 Тоҷикистон чун давлати худмухтор дар ҳайати Ӯзбекистон қарор дошт ва асоси пайдоиши мафҳуми “суғурта” дар забони тоҷикӣ аз ҳамин вақт маншаъ мегирад. Ин вожа туркиасос буда, то кунун бо забони тоҷикии илмӣ тарҷума нагардидааст[70].

Ғ.Д. Ашуров фикру андешаи Ҷ.М. Зоиров., И.Ҳ. Бобоҷонов, Ш.Бадалов ва Н.О. Шаропов ҷонибдорӣ намуда, қайд кардааст, ки калимаи “суғурта”,

---

[66] Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 334.
[67] Шукуров М.Ш., Капронов В.А., Ҳошим Р., Маъсумӣ Н.А. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). – М.: Нашриёти “Советская энциклопедия”, 1969. – Ҷ. 1. – С. 69.
[68] Ашуров Ғ.Д. Асари ишорашуда. – С. 53.
[69] Зоиров Ҷ.М., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Ҳуқуқи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – С. 36.
[70] Шаропов Н. О страховом рынке Республики Таджикистан и о термине «страхование» // Экономика Таджикистан. – 2018. – № 2. – С. 56.

ки дар забони модарии мо ҳамчун истилоҳи иқтибосӣ ворид гардидааст, беҳтар аст дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ба вожаи "бима" иваз карда шавад, зеро вожа бояд пеш аз ҳама, беғалат ва ифодагари яке аз нишонаҳои мафҳум бошад ё ба таври мушаххас маънии онро баён намояд. Гузашта аз ин, қайд мекунад, ки мафҳумҳои дигар, ба монанди: "Бимагар" (ташкилоти суғуртавӣ), "Бимагузор" (суғурташаванда) ва "Бимашуда" (шахси суғурташуда) истилоҳоти дурусти соҳавиро баён мекунанд[71]. Албатта, мо низ ҷонибдори иваз кардани калимаи "суғурта" ба калимаи "бима" ҳастем, вале дигар масъалаҳое, ки дар муносибатҳои суғуртавӣ, аллакай, аҳаммияти хосро касб кардаанд, ҳангоми ивазкунии калимаҳои мазкур эҳтимолияти аз лиҳози грамматикӣ, имлоӣ ва дигар қоидаву техникаҳои забони тоҷикӣ мушкилиҳоро эҷод намояд. Барои мисол калимаҳои: "Фаъолияти суғуртавӣ", "Азнавсуғурташаванда", "Ҷамъияти суғуртаи мутақобила", "Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)", "Ҷуброни суғуртавӣ" ва ғайра чи гуна иваз карда мешавад? Яъне, дар ин ҷо мебояд заҳматҳои олимону муҳаққиқони соҳаҳои иқтисодиву гуманитариро васеъ истифода намуд.

А.И. Худяков ба масъалаи мазкур диққати махсус дода, қайд мекунад, ки суғурта пеш аз ҳама, муносибати байни суғурткунанда ва суғурташаванда мебошад, ки оид ба пешниҳод намудани маблағ дар шакли мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ ба шахси суғурташуда ҳисоб ёфта, ҳангоми ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ ва дигар пардохтҳо, ки дар шартнома ва қонунгузорӣ пешнибинӣ шудааст, амалӣ мегардад[72]. Албатта, мо ба фикри А.И. Худяков қисман розӣ шуда наметавонем, зеро муносибати байни суғурткунанда ва суғурташаванда аввалан аз қонунгузорӣ сарчашма гирифта, сипас дар бандҳои шартнома ифодаи худро меёбад. Яъне шартномаи суғурта дар заминаи меъёрҳои қонунгузори омода шуда, пас аз ризояти тарафҳо қувваи

[71] Ашуров Ғ.Д. Асари ишорашуда. – С. 53.
[72]Ниг: Худяков А.И. Страховое право. (Теория и практика гражданского право и гражданского прецесса). – М.: Юридический центр, 2004. – С. 6.

қонунӣ пайдо мекунад. Агар шартномаи суғурта шартҳоеро дар бар гирад, ки вазъи шаҳрванд, шахси суғурташуда ё бадастовардаи фоидаро нисбат ба муқаррароти муайяннамудаи қонунҳо бадтар мегардонад, бар ивази чунин шартҳои шартнома муқаррароти дахлдори қонунҳо татбиқ карда мешавад (қ. 3 м. 1055 КМ ҶТ).

Албатта, муносибатҳои суғуртавие, ки бештар дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқ таҷассум меёбанд, яке аз институтҳои муҳим ва мушкил ба шумор меравад, зеро қисми зиёди масъалаҳое, ки вобаста ба муқаррару танзим кардани муносибатҳои суғуртавӣ, аз ҷумла муқаррар кардани ҳаққи суғуртавӣ, амалӣ гардонидани пардохтҳои суғуртавӣ, эътироф кардани ҳолатҳои суғуртавӣ ва дигар муносибатҳои суғуртавӣ ба миён меоняд, характери баҳсангезӣ дошта, ҳалли объективии онҳо дар бештар маврид зарурати тафсири қонунгузории соҳаи суғурта ва шартномаи мазкурро тақозо мекунад.

Дар матни Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", ки сиёсати ягонаи давлатиро дар бозори суғурта танзиму муқаррар кардааст, мафҳуми "суғурта" дарҷ нагардидааст, дар ҳоле, ки мавҷуд будани мафҳуми "суғурта" дар манти Қонуни мазкур ба мақсад мувофиқ буда, ба бештар баҳсҳо нуқта мегузошт.

Ғ.Д. Ашуров суғуртаро ҳамчун соҳаи мустақили иҷтимоиву иқтисоди ҳисобида, қайд кардааст, ки суғурта фарогири самтҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад ва онро мебояд аз чанд нуқтаи назари илмӣ баҳогузорӣ намуд: маъмурӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ-техникӣ ва иқтисодӣ[73]. Вобаста ба гуфтаҳои боло ва таҳлили ҳамаҷонибаи фикру андешаҳои олимон зери мафҳуми суғурта маҷмуи муносибатҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки байни иштирокчиёни муносибатҳои суғуртавӣ ба миён омада, тавассути қонунгузорӣ, шартнома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим мегарданд.

[73] Ашуров Ғ.Д. Асари ишорашуда. – С. 35.

Тазаккур бояд дод, ки мафҳумҳои “суғурта”, “фаъолияти суғуртавӣ”, “суғуртаи кишоварзӣ”, “суғуртаи замин” ва “суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ” бо хусусиятҳои бо худ хос аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Яъне, хусусиятҳои фарқкунандаашон на танҳо дар объекти суғурта ифода меёбад, балки дар шартҳои шартнома ва фаъолияташон низ ҳамдигар тафовут доранд.

Мафҳуми фаъолияти суғуртавӣ дар Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” чунин омадааст: фаъолияти суғуртавӣ ин фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ), ки дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ, тибқи талаботи қонунгузории ҶТ амалӣ мегардад, фаҳмида мешавад. Яъне, мафҳуми “фаъолияти суғуртавӣ” нисбат ба мафҳуми “суғурта” васеъ ва гуногунпаҳлу мебошад.

Дар адабиёт зери мафҳуми фаъолияти суғуртавӣ дар бештар маврид фаъолияти суғуртакунандаҳое, ки барои амалигардонии фондҳои махсуси пулӣ (захираҳои суғуртавӣ) ҷиҳати амалӣ гардонидани пардохтҳои суғуртавӣ нигаронида шудаанд, фаҳмида мешавад. Дар баъзан маврид дар зери мафҳуми фаъолияти суғуртавӣ фаъолияти суғуртакунанда, ки баҳри баимзорасонӣ ва иҷро намудани бандҳои шартнома нигаронида шудааст, дарк карда мешавад.

Ба андешаи А.И. Худяков зери мафҳуми фаъолияти суғуртавӣ фаъолияти ташкилоти суғуртавие фаҳмида мешавад, ки барои амалигардонии институти суғурта нигаронида шудааст[74]. Ҳамзамон, дар баъзан маврид олимону муҳаққиқони соҳа зери мафҳуми фаъолияти суғуртавӣ кори суғуртавиеро (страховое дело) дар назар доранд, вале ба андешаи муаллиф, ин чандон қобили қабул нест, зеро худи истилоҳи “кор” нисбат ба истилоҳи “фаъолият” васеъ ва фарқкунанда мебошад.  Кор равандест, ки истифодаи заҳматҳои

[74] Худьяков А.И. Асари ишорашуда. – С. 6.

руҳӣ ё ҷисмонии инсонро талаб карда ҳадафи он расидан ба натиҷаҳои муайян мебошад. Фаъолият бошад, як навъи хоси инсон аст, ки ба дигаргунсозии эҷодӣ, такмили воқеият нигаронида шудааст.

Ҳамзамон, қайд мекунанд, ки суғуртакунӣ, азнавсуғуртакунӣ, суғуртаи муштарак, суғуртаи мутақобила, суғуртаи гуруҳӣ, суғуртаи ҷамъшаванда, пардохтҳои суғуртавӣ, ҷуброни суғуртавӣ, агентҳои суғуртавӣ, брокери суғуртавӣ, актурий, адҷастери суғуртавӣ, дар маҷмӯъ фаъолияти суғуртавӣ ҳисоб меёбанд, зеро дар ҳар яке аз ин муносибатҳо фаъолияти суғуртавӣ ба таври ошкоро дида мешавад.

Суғуртаи кишоварзӣ яке аз навъҳои фаъолияти суғуртавӣ ба шумор меравад. Кишоварзӣ мафҳуми васеъ буда, дар худ на танҳо истеҳсолу коркарди маҳсулотҳои кишоварзиро, балки нигаҳдориву парвариши ҳайвонҳои маҳсулдиҳандаро низ дар бар мегирад. Аз ҷумла, ба соҳаи кишоварзӣ истеҳсоли ғалла, растаниҳои гуногун, меваю сабзавотҳо, боғу токпарварӣ, лимупарварӣ, ниҳолпарварӣ, нигоҳдорӣ ва парвариши намудҳои гуногуни чорво, қутоспарварӣ, моҳидорӣ, захираҳои биологии обӣ, парандапарварӣ, занбӯриаслпарварӣ, аспарварӣ ва ғайраҳо дохил мешавад, ки ҳар яке аз инҳо объекти алоҳидаи муносибатҳои суғуртавӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳисоб меёбад.

И.И. Гатиятуллина қайд мекунад, ки суғуртаи кишоварзӣ дар худ на танҳо истеҳсоли маҳсулотҳои гуногуни кишоварзӣ ва чорводориро, балки объекти эҳтимолии суғуртаи кишоварзӣ метавонад иншоотҳои хоҷагӣ, гармхонаҳо, анборҳо барои нигаҳдории ашёҳои хом ва маҳсулотҳои кишоварзӣ, мошинҳо, механизмҳои кишоварзӣ ва ғайра низ бошанд[75]. Мафҳуми замин нисбат ба мафҳуми заминҳои таъиноти кишоварзӣ васеъ ва гуногунпаҳлу мебошад, ки ҳангоми суғуртакунӣ хусусиятҳои хоси худро пайдо мекунанд. Тибқи меъёри м. 3 КЗ ҶТ, тамоми заминҳои кишвар фонди

---

[75] Гатиятуллина И.И. Страховые правоотношения в сельском хозяйстве: дис. … канд. юрид. наук. – Уфа, 1998. – С. 36.

ягонаи давлатии заминро ташкил медиҳанд ва мутобиқи таъиноти мақсаднок ба гурӯҳҳо зерин: заминҳои таъиноти кишоварзӣ; заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот); заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва таъиноти дигар; заминҳои таъиноти ҳифзи табиат, солимгардонӣ, рекреатсионӣ ва таърихию маданӣ; заминҳои фонди давлатии ҷангал; заминҳои фонди давлатии об ва заминҳои захираи давлатӣ ҷудо карда мешаванд. Яъне, то он мавриде, ки гурӯҳи замин аниқу дақиқ нашавад, суғрта кардани замин дар бештар мавврид ғайримантиқӣ ҳисоб меёбад.

Заминҳои таъиноти кишоварзӣ яке аз гурӯҳҳои замин ба шумор меравад. Заминҳои таъиноти кишоварзӣ тамоми заминҳое ба ҳисоб мераванд, ки барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ истифода мешаванд. Заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз заминҳои корам, дарахтони бисёрсола, заминҳои партов, заминҳои алафдарав ва чарогоҳҳо, заминҳое, ки дар онҳо роҳҳои дохилихоҷагӣ, коммуникатсияҳо, обанборҳо, иншоотҳои гидротехникӣ ва биною иморатҳо воқеъ буда, барои истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди аввали маҳсулоти кишоварзӣ истифода мешаванд, ҳамчунин, дигар заминҳои ғайрикишоварзии дар дохили ин гурӯҳи заминҳо ҷойгиршуда, фаҳмида мешавад (м.64 КЗ ҶТ). Яъне, аз мазмуни меъёри моддаи мазкур маълум мегардад, ки заминҳои таъиноти кишоварзӣ самти муайяни маҳдуд дошта, сирф ба истеҳсол, нигаҳдорӣ ва коркарди аввалияи маҳсулотҳои кишоварзӣ бахшида шудаанд.

Қайд гардидааст, ки суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ яке аз намудҳои махсуси суғуртакунӣ дар бозори суғурта ба шумор меравад, зеро аз таркибу ҳолати мелиоративии заминҳо, таркиби хок, тарзи дуруст пеш бурдани корҳои агротехникӣ, ҷалби мутахассисони соҳибкасб ва техникаву технологияҳои мусоир нишондиҳандаҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ва, дар маҷмуъ, қисми муайяни иқтисодиёти кишвар вобаста мебошад. Тибқи

нишондиҳандаҳои оморӣ, аз 23 то 25 % маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро маҳз соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳад. Олимону муҳаққиқон исбот кардаанд, ки суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳам аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳам аз лиҳози иҷтимоиву ҳуқуқӣ аҳаммияти хосаро касб кардааст. Вале дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ таҳлилҳои ҳуқуқиву иқтисодӣ ба истиснои таҳқиқу тавсияи умумӣ дар соҳа, ба пуррагӣ ба анҷом нарасидааст.

Таҷрибаи қисми зиёди давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ қисман аз ҳисоби ташкилотҳои суғуртавӣ ва қисман аз ҳисоби ҷалби маблағҳои буҷетӣ амалӣ мегарданд. Оид ба ҷалби маблағҳои буҷетӣ дар низоми суғуртакунӣ фикру андешаҳои олимону муҳаққиқон гуногун мебошад. Масалан Ғ.Д. Ашуров қайд мекунад, ки суғурта дар шароити муосир ҳамчун рукни асосии соҳибкорӣ баромад мекунад ва набояд чун объекти фаъолияти маблағгузории давлат тарҳрезӣ гардад[76]. М.М. Сафаров низ мавқеи Ғ.Д. Ашуров дастгирӣ намуда, менависад, ки институти суғурта буҷаро аз ҳама гуна хароҷотҳои зиёдати озод намуда ҳамчун сарчашмаи ягонаи молиявӣ баромад мекунад[77]. М.П. Казакова ва В.Ф. Масликова қайд мекунанд, ки дар тамоми ҷаҳон малум аст, ки бинобар бениҳоят баланд арзёбӣ гардидани хавфнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ ташкилотҳои суғуртавӣ имконияти аз ҷиҳати молиявии мустақилона бартараф намудани ҳолатҳои суғуртавиро надоранд, онҳо фаъолияти худро танҳо дар шарикӣ бо давлат амалӣ гардонида метавонанд[78]. Ф.М. Раянов, Г.Г., Файзуллин, А.Р. Воробьева ва дигар олимони соҳаи ҳуқуқи кишоварзӣ мавқеи М.П. Казакова ва В.Ф. Масликова – ро дастгирӣ

[76] Ашуров Ғ.Д. Асари ишорашуда. – С. 39.
[77] Сафаров М.М. Суғурта чист? (что такое страхование?) (на таджикском и русском языках). – Душанбе, 2003. – С. 63.
[78] Казакова М.П., Масликова В. О финансово – кредитном механизми в сельском хозястве (экологическое образование) // Экономика сельскохозяйственных и перерабатыающих предпрятий. – 1999. – №5. – С. 22.

намуда, қайд мекунад, ки мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии суғурта дар соҳаи кишоварзӣ бидуни иштироки давлат амалан ғайриимкон аст[79].

Мо низ дар ин ҷо бо андешаҳои олимони мазкур соҳаи ҳуқуқи кишоварзӣ М.П. Казакова., В.Ф. Масликова, Ф.М. Раянов, Г.Г. Файзуллин, А.Р. Воробева ҳамфикр ҳастем, зеро хавфҳо ва эҳтимолияти сар задани ҳолатҳои фавқулода дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус дар заминҳои таъиноти кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқ зиёд арзёбӣ гаштааст, ки на ҳар як ташкилоти суғуртавиро ба суғуртакунӣ дар ин самт ҳавасманд мегардонад. Гузашта аз ин, то имрӯз ҳамагуна ҳолатҳои фавқулодае, ки дар хоҷагиҳои кишоварзии мамлакат ба вуқуъ омадааст, сирф аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузориву барқарор шуда истодааст. Барои мисол, бар асари боришоти пайдарпай ва омадани сел санаҳои 4-5, 7-8, ва 11-12-13 майи соли ҷорӣ дар шаҳру навоии вилоятҳои Суғду Хатлон, аз ҷумла ноҳияҳои Деваштич, Ашт, Панҷакент, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон, Вахш, Муъминобод ва шаҳри Кӯлоб зиёда аз садҳо гектар заминҳои кишт, қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигии сокинон ва иншооти ёрирасон аз истифодабарӣ бозмонданд, як қисми дигари заминҳо фурӯ рафтанд, ки дар натиҷа на танҳо ба хоҷагиҳои кишоварзӣ, балки дар маҷмуъ ба иқтисодиёти кишвар хисороти калони молиявӣ расонид. Бо боварии комил гуфта метавонем, ки дар ин маврид ташкилотҳои суғуртавӣ бе кумаку дастгирии давлат аз уҳдаи барқарор кардани хисоротҳои бамиёномада намебарояд.

Бинобар ин, ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ пайваста аз ҷониби Ҳукумати ҶТ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои соҳавӣ қабул ва мавриди амал қарор мегиранд, ки мақсади асосиашон пурра қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо маҳсулотҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, маҳулотҳои хӯрокворӣ, таъмини

[79] Раянов Ф.М. Основные направления правового обеспечения развития фермерских хозяйств в Республике Башкортостан // Правовые вопросы предпринимательской деятельности в Республике Башкортостан. – Уфа, 1994. – С. 79.; Файзуллин Г.Г. Актуальные проблемы развития фермерства в современных условиях // Организационно-правовые проблемы фермерства. – Уфа, 1994. – С. 101.

кафолатнокии бехатарӣ озуқаворӣ, зиёд намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, ҷиҳозонидани ташкилотҳо бо технологиҳои муосир, тавлиди навъҳои нави маҳсулоти озуқаворӣ ва ҳавасмандкуни дар рушди саноати коркард иборат мебошанд. Аз ҷумла бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.12 соли 2006, №516 “Барномаи рушди соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007 -2015” таҳия ва қабул шуда буд.

Аммо дар санадҳои қонунгузорие, ки сиёсати ягонаи давлатиро оид ба танзиму истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ муқаррар кардаанд, аз қабили, КЗ ҶТ, Қонуни ҶТ “Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ”, Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”ва ғайра, дар матнҳои онҳо меъёри махсус, ки ба танзими муносибатҳои суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ заминаи ҳуқуқӣ гузорад, дида намешавад. Танҳо дар Қонуни ҶТ “Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)” дар сархати 10 қ. 1 м. 27 ба хоҷагии деҳқонӣ ҳуқуқ додааст, ки ихтиёран молу мулки худро аз ҷумла зироатҳои кишоварзӣ, чорво, воситаҳои асосӣ ва дигар молу мулкро суғурта кунад. Ҳамзамон, м. 35 Қонуни мазкур муқаррар мекунад, ки аъзои хоҷагии деҳқонӣ ба суғуртаи иҷтимоии давлатӣ фаро гирифта шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ бо нафақа ва дигар имтиёзҳо таъмин карда мешаванд. Яъне, меъёри моддаҳои мазкур суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзиро дар матни худ муқаррар накардаанд.

Танҳо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 январи соли 1994, таҳти №36 “Дар бораи суғуртаи ҳатмии амволи хоҷагиҳои кишоварзӣ сарфи назар аз шакли моликияташон” қабул гардидааст. Қарори мазкур чунин объектҳо:

а) ҳосили зироатҳои кишоварзӣ (ғайр аз алафҳои худруй);

б) соҳаи чорводорӣ, парандаҳои хонагӣ; харгӯш ва оилаҳои занбӯри асал;

в) иморат, иншоот, механизмҳои интиқолдиҳанда, мошинаву воситаҳои нақлиёт, таҷҳизот, ашё, маҳсулот ва дарахтони бисёрсоларо суғурта мекунад, ки ниёз ба такмил дорад.

Ба андешаи муаллиф, санади меъёрии ҳуқуқии мазкур суғуртакунии на ҳама маҳсулотҳои кишоварзӣ ва объектҳое, ки ба соҳаи кишоварзӣ ва истифодабарии замин вобаста аст, дар матни худ таҷассум кардааст.

Вобаста ба ин, қабули санади қонунгузориро дар робита ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва соҳаи кишоварзӣ зарур мешуморем.

Айни замон дар як қатор ҷумҳуриҳо қонунҳои махсуси суғуртаи кишоварзӣ қабулу мавриди амал қарор гирифтаанд, масалан, дар Федератсияи Русия қонун "Дар бораи танзими давлатии истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ", дар Ҷумҳурии Қазоқистон қонун "Дар бораи суғуртаи ҳатмии зироатҳо", дар Ҷумҳурии Украина қонун "Дар бораи хусусиятҳои суғуртаи маҳсулоти кишоварзӣ бо дастгирии давлатӣ" ва як қатор дигар давлатҳои хориҷӣ, зеро аз суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ рушди босуботи хоҷагидории мамлакат, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, рушди боғдориву чорводорӣ, бунёди ҷойҳои кории доимӣ, ва аз ҳама муҳим, таъмини амнияти озуқаворӣ, ки яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар ба шумор меравад, вобаста мебошад.

Суғуртакунии соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби қисме аз олимону мутахассисони соҳа мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст, ки мо онҳоро то андозае мавриди омӯзишу таҳлил қарор додем, аммо таҳлил дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқон қариб ба назар намерасад. Бинобар ин, вобаста ба таҳлилҳои соҳаи кишоварзӣ мафҳуми суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро чунин

пешниҳод мекунем: Зери мафҳуми суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ муносибатҳои ҳуқуқие дар назар дошта мешавад, ки байни суғуртакунанда ва суғурташаванда бо мақсади эмин нигоҳ доштани қабати ҳосилхези заминҳои таъиноти кишоварзӣ, риояи дурусти пеш бурдани корҳои агротехникӣ, гирифтани ҳосили дилхоҳ ва барқарор кардани зарар, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода, ҳодисаҳои табиӣ ва таъсири шахсони сеюм ба миён омадааст, тавассути меъёрҳои қонунгузорӣ ва шартнома ба танзим дароварда мешавад.

Муносибатҳои суғуртавӣ, чи тавре маълум аст, дорои хусусиятҳои ба худ хос аст. Барои таҳлили дурусти муносибатҳои суғуртавӣ зарур аст, ки хусусиятҳои шартномаи суғуртаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

В.И.Серебровский хусусиятҳои шартномаи суғуртаро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, онҳоро аз якчанд банд иборат намудааст:

- мустақилияти шартнома;
- хусусияти ду ҷониба доштани шартнома;
- хусусияти таваккалӣ доштани шартнома;
- маҳдуд будани масъулияти суғуртакунанда;
- хусусияти таъҷилӣ доштани ин масъулият;
- хусусияти ногаҳонӣ доштани ҳодиса;
- музднок будани шартнома;
- бастани шартнома танҳо бо ташкилотҳое, ки мунтазам ба фаъолияти суғуртавӣ машғул мебошанд ва ғайра. Ба андешаи мавсуф, аз ҳама хусусиятҳои муҳимме, ки дар боло қайд карда шуд, ин хусусиятҳои таваккал ва мақсаднокӣ ба шумор меравад[80].

В. Н. Яковлев хусусиятҳои муносибатҳои суғуртавиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, ба хулосае меояд, ки ин хусусиятҳо аз 5 намуд иборат мебошад:

---

[80] Серебровский В.И. Избранные труды. – М.: Статут, 1997. – С. 346.

- хусусияти таваккалӣ доштани муносибатҳои суғуртавӣ;

- манфиати суғуртавӣ;

- ташкилоти аз ҷиҳати молиявӣ мустаҳкам, ки масъулияти молиявии барқарор намудани оқибатҳои офтаҳои табииро доро бошад;

- ташкил намудани фонди махсусе, ки ба ҳайси асосҳои иқтисодӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ бaромад карданро доро бошад;

- пайдо шудани муносибатҳо, ки аз меъёрҳои қонунгузорӣ ва далелҳои ҳуқуқӣ сарчашма мегиранд[81].

Дар натиҷаи таҳлилҳои ҳамаҷонибаи хусусиятҳои шартномаи суғурта ба чунин хулосае омадан лозим аст:

- хусусияти таваккалӣ доштани муносибатҳои суғуртавӣ, зеро вақте, ки субъект ба муносибатҳои суғуртавӣ ворид мегардад, пеш аз ҳама, кӯшиши ҳимоя намудани худро аз ҳар гуна ҳолатҳои манфӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии ӯ ва молу мулки ӯ метавонад таъсири манфӣ расонад, ба ҷо меорад;

- манфиати суғуртавӣ ба шумор меравад. Дар адабиётҳои илмӣ зери мафҳуми манфиати суғуртавӣ фикру андешаҳои гуногун мавҷуд аст. Масалан, В.Н. Яковлев зери мафҳуми манфиати суғуртавӣ предмети танзими ҳуқуқиро дар муносибатҳои молумулки дида, манфиати суғуртавиро ҳамчун манфиати суғуртакунанда дар ҳифз ва нигаҳдории молу мулк, ки метавонад дар натиҷаи ба миён омадани ҳолатҳои фавқуллода талаф ёбад, маънидод мекунад. Ба андешаи мавсуф, мазмуни суғурта на танҳо дар ҳифз ва нигаҳдории молу мулки суғурташаванда маҳдуд мегардад, балки баҳри бартараф намудан ва пардохти зарари расонидашуда (функсияи барқароркунӣ) иборат мебошад[82]. М.Л. Шиминова манфиати суғуртавиро ҳамчун шарти ба вуҷуд омадани муносибатҳои суғуртавӣ маънидод мекунад[83].

---

[81] Яковлев В.Н. Асари ишорашуда. – С.137.
[82]Яковлев В.Н. Асари ишорашуда. – С. 130.
[83] Шиминова М.Я.Асари ишорашуда. – С. 33.

Муносибатҳои суғуртавӣ, ки дар шартномаи суғурта ифодаи ҳатмии худро меёбад, ин фонди суғуртавӣ ба шумор меравад, ки заминаи иқтисодии ин муносибатҳоро ташкил медиҳад. Танҳо дар сурати мавҷуд будани фонди суғуртавӣ ташкилоти суғуртавӣ, тибқи низоми муқарраршуда, масъулияти ба зимма гирифтани таваккалро мекунад. Ба доираи маблағҳои фонди суғуртавӣ самаранокӣ ва намудҳои фаъолияти суғуртакунии ташкилоти суғуртавӣ вобаста мебошад.

Хусусиятҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ нисбат ба хусусиятҳои шартномаи суғурта тафовут дорад. Хусусиятҳои фарқкунандаашон дар он ифода меёбад, ки нисбатан доираи маҳдуди ин муносибатҳоро фаро мегиранд.

Чи тавре, ки Ф.М. Райанов қайд мекунад, мо чунин мешуморем, ки бидуни ба назар гирифтани хусусиятҳои кишоварзии имрӯза, ҳалли мушкилот дар деҳот ҷойдошта, аз ҷумла мушкилоти ҳуқуқӣ ғайриимкон аст[84]. Албатта танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи кишоварзӣ омили нав набуда имрӯз пайдо нашудааст, ин муносибатҳои ҳуқуқи мавҷуд буданд ва ҳамеша дар ҳоли рушд қарор доранд, ки яке аз ин муносибатҳо ин суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои рушди муносибатҳои ҳуқуқиро дар рушди хоҷагиҳои кишоварзӣ ва истифодабарии заминҳо олимон зери таваҷҷуҳи хоса қарор додаанд. Аз ҷумла, Ф.М. Райанов, ин хусусиятҳоро таҳлил карда, таснифи онҳоро чунин шарҳ медиҳад:

1. Хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ:

а) мавҷудияти фарқиятҳои назаррас байни шаҳр ва кишвар, ки ба ташкили танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонанд;

б) мавҷудияти ду шакли моликият, ки асоси иқтисодии истеҳсолоти кишоварзиро ташкил медиҳанд;

---

[84] Раянов Ф.М. Предмет и система сельскохозяйственного права. – Уфа, 1980. – С. 5.

в) инфрасохтори камтар рушдёфта (роҳҳои бад, дурии истгоҳҳо, деҳаҳои пароканда ва ғайра.);

2. Хусусиятҳои фарҳангӣ ва рӯзмарра: кӯчонидан, малакаҳои фарҳангӣ, психологӣ, расму оин, анъана ва ғайра;

3. Хусусиятҳои технологӣ:

а) истифодаи замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот;

б) шароити гуногуни хок, табиат ва иқлимӣ, ки ба ҷойгиршавӣ ва махсусгардонии корхонаҳои кишоварзӣ таъсири назаррас мерасонанд;

в) маҷмуи махсуси техникаи кишоварзӣ, асбобҳо ва воситаҳои меҳнат;

д) мувофиқат накардани вақти кор бо давраи истеҳсолот, ки мавсимияти меҳнати кишоварзиро муайян мекунад[85].

Шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ як қатор хусусиятҳоеро дорад, ки ҳангоми суғуртакунии заминҳо байни суғуртакунанда ва суғурташаванда, мувофиқа шуда, ҳатман, дар матни шартнома ҷой дода мешавад:

1. Музднокии шартнома (яъне, ҳангоми муқаррар намудани тарифи суғуртавӣ бояд, пеш аз ҳама, аз ҳолатҳои агротехникӣ, агрокимиёвӣ, мелиоративӣ, фитосанитарӣ, экологию биологӣ, зиддиэрозиявӣ, болопӯшида ё болокушода будани қитъаи замин, наздикӣ доштан ё надоштан бо дигар захираҳои табиӣ (об), инфрасохторҳои зарурӣ ва дигар хусусиятҳои муҳим) ба инобат гирифта шавад;

2. Хусусияти сеҷониба доштани шартнома (яъне, дар суғуртакунии ҳатмии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба ҳайси суғуртакунанда давлат ва ташкилоти суғуртавӣ баромад мекунад ва ба ҳайси суғурташаванда бошад, хоҷагиҳои кишоварзӣ);

[85] Раянов Ф.М. Учет специфики сельского хозяйства в правовом регулировании агарных отношений // Советское государство и право. – 1982. – № 4. – С. 34.; Раянов Ф.М. Аграрно-правовая наука: понятие и генезис // Советское государство и право. – 1988. – № 3. – С. 31.; Аграрное право. Учебник / отв. ред. Г.Е. Быстров, М.И. Козырь. – М.: Юристь, 1996. – С. 49.

3. Хусусияти ҳатми доштани шартнома (Яъне суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бояд ба таври ҳатмӣ муқаррар карда шавад, то ин ки таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва истифодаи устувору самаранокии замин таъмин гардад. Дар ин маврид З. Шаропов бо маврид дар ин хусус қайд мекунад, ки суғуртакунии ҳатмии хоҷагиҳои кишоварзӣ танҳо бо роҳи таъмин кардани фазое сурат гирад, ки хоҷагиҳои кишоварзиро ҳавасманд ва ҷалб намояд ва дар рушди рақобати байни ташкилотҳои суғуртавӣ замина гузорад[86];

4. Хусусияти таваккалӣ доштани шартнома;

5. Хусусияти таъҷили доштани иҷрои масъулияти ҷонибҳо, ки аз банҳои шартнома сарчашма мегирад;

6. Хусусияти ногаҳонӣ доштани ҳодиса;

7. Бастани шартнома танҳо бо ташкилотҳои суғуртавие, ки сирф ба суғуртакунии заминҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ машғул бошанд;

8. Бастани шартнома танҳо бо ташкилотҳои суғуртавие, ки аз лиҳози молиявӣ мустаҳкам, дорои мутахассисони сатҳи баланд бошанд ва боварии хоҷагидоронро сазовор шудаанд.

Асоси бастани шартномаро қонунгузории маданӣ бо риояи ҳатмии шартҳои шартнома муқаррар кардааст. Мувофиқи қисми 1 м. 498 КМ ҶТ, агар байни тарафҳо, мутобиқи шакли дар ҳолатҳои муайяни зарурӣ, аз рӯи ҳама шартҳои асосии шартнома созиш ба даст омада бошад, шартнома басташуда дониста мешавад. Дар илми ҳуқуқи маданӣ барои дақиқ намудани хусусиятҳои шартҳои шартнома равишҳои гуногун вуҷуд дорад. Дар давраҳои тоинқилобӣ револютсия шартҳои шартнома дар ҳуқуқи маданӣ ба ду қисмат ҷудо мешуд: аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа[87].

---

[86] Шаропов З. Основы рыночной экономики и формирование хозяйственного механизма АПК. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 382.

[87] Красавчиков О.А. Юридические факты в советском гражданском праве. – М., 1950. – С. 117.

Масъалаи мазкурро бо усули дигар таҳлил намудан мумкин аст. Яъне, тақсимотро вобаста ба моҳияти шартнома баҳогузорӣ карда чунин ақида пайдо мешавад, ки дар шартнома шартҳое метавонад мавҷуд бошад, ки ба мазмуну моҳияти шартнома таъсир расонад ва боз шартҳое дар шартнома шартҳое бошад, ки чунин таъсиррасониро ба мазмуну моҳияти шартнома надорад. Ба андешаи мо, шартҳое, ки ба мазмуну моҳияти шартнома таъсир мерасонад, ҳангоми беэътибор донистани шартнома мумкин аст, танҳо ба аз байн бурдани шартҳои шартнома мусоидат кунад, аммо он шартҳое, ки ба мазмуни шартнома таъсир намерасонад, ҳангоми бекоркунии шартнома на танҳо шартҳои шартнома аз байн меравад, балки чунин ҳолат метавонад ба азбайнравии худи шартнома мусоидат намояд.

Олимони ҳуқуқи маданӣ дар даврони шуравӣ, дар аксари ҳолат, ба гуфтаи О. Красавчиков, ба «сегона» будани шартҳои шартнома ҳамфикр буданд[88]. Ин равиш ба аксарияти мутлақи асарҳои бунёдии ҳуқуқи маданӣ, ки дар солҳои гуногун нашр шудаанд, хос буд. Якум, шартҳои муҳимми шартнома бояд дар мувофиқа ва розигии тарафҳои шартнома ба имзо расонида шавад. Дар сурати ба инобат нагирифтани розигии тарафҳо шартномаи мазкур басташуда эътироф карда намешавад. Дар ин ҷо сухан, пеш аз ҳама, дар бобати шартҳои шартнома ва басташуда ҳисоб ёфтан ё наёфтани шартнома меравад. Гузашта аз ин, дар заминаи шартҳои шартнома дақиқ ифода шудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои шартнома дар назар дошта шудааст.

Дуюм, шартҳои одӣ ва муқаррарии шартнома, ки бевосита дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун меъёри диспозитивӣ ифодаи худро ёфтаанд. Чунин шартҳои шартнома ҳангоми бастани шартнома дар матни он ифода карда мешавад, агар тарафҳои шартнома тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд. Ин шартҳо, чун қоида, дар навъҳои муаяни шартнома ба назар

[88] Красавчиков О.А. Категории науки гражданского права. Избранные труды: в 2 т. Т.2. – М., 2005. – С. 280.

мерасанд. Ҳамзамон, дар шартномаҳое, ки дар сатҳи қонунгузорӣ баста мешаванд, чунин шартҳо бештар ба назар мерасанд. О.С.Иоффе ин навъи шартҳои шартномаро тафсир карда чунин қайд мекунад, ки ин шартҳо дар бастани шартнома аҳаммияти мушаххас надоранд, зеро ҳангоми бастани шартнома ё қатъ гаштани шартнома онҳо ба мазмуни шартнома, умуман таъсир расонида наметавонанд. Гузашта аз ин, ӯ қайд мекунад, ки шартҳои умумии дар шартнома ифодаи худро, аллакай, дар қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи ёфтаанд ва азбаски ҷонибҳо барои бастани ин шартнома розӣ шудаанд, ба ин васила онҳо ба шартҳои умумие, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, дар маҷмуъ розигии худро додаанд.

Чунин ақидаро И.Б. Новитский низ дастгирӣ намуда шартҳои умумии шартномаро ҳамчун "бандҳои муқаррарии шартнома" ҳисоб кардааст[89]. С.К.Май шартҳои муқаррарии шартномаро на танҳо меъёри диспозитивӣ дар қонунгузорӣ, балки ин шартҳоро ҳамчун одат ҳисоб мекунад[90]. Ба ин маъние, ки меъёрҳои муқаррарӣ дар шартнома ифодаи худро шояд наёфта бошад, вале онҳо бояд дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии дахлдор дар шартнома татбиқ шаванд.

Фикру ақидаҳои гуногунро дар хусуси мансуб донистани меъёрҳои императивӣ дар шартҳои умумии шартнома баррасӣ намуда баъзе муаллифон меъёрҳои императивиро ҳамчун шартҳои умумии шартнома ҳисоб мекунанд, зеро "моҳияти шартҳои умумии шартнома аз ҷониби тарафҳои шартнома мавриди баррасиву мувофиқа қарор намегиранд, балки аз ҷониби тарафҳои шартнома ҳамчун меъёрҳои қонун қабул мегарданд"[91]. Ба чунин нуқтаи назар Р.О.Халфина розӣ нашуда меъёрҳои императивиро аз шартҳои муқаррарии шартнома хориҷ мешуморад. Мевқеи Р.О.Халфинаро М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский дастгирӣ намуда, қайд кардаанд, ки

---

[89] Новицкий И.Б., Лунц Л.А. Обшее учение об обязательстве. – М., 1954. – С. 148.
[90] Май С.К. Очерки обшей частӣ буржуазного обязательственного права. – М., 1953. – С. 72.
[91] Гражданское право. Учебник. Часть. I. Изд.третье, перераб, и доп./ под ред. Л.П.Сергеева, Ю.К.Толстого. – М., 1998. – С. 502.

сарчашмаи ҳуқуқи мадании даврони шуравиро “доираи шартҳои муҳим” ташкил медиҳад (на худи шартҳо). Гузашта аз ин, ба андешаи онҳо, шартҳои умумӣ ва муҳим ба иродаи тарафҳои шартнома вобаста мебошад. Дар хусуси меъёрҳои императивӣ чунин қайд мекунанд, ки “дар ин ҷо сухан дар хусуси он ки оё тарафҳо дар бастани шартнома розӣ шуданд ё не намеравад, балки сухан дар хусуси он меравад, ки онҳо шартномаро дар мувофиқа бо тамоми шартҳое, ки дошт, қабул кардаасту ба имзо расониданд. Яъне, онҳо ҳангоми бастани шартнома тарафҳо меъёрҳои қонунгузориро, ки дар шартҳои умумии шартнома пешбинӣ шудааст, ба инобат гирифтанд[92].

Олимону муҳаққиқон дар баробари таҳлил намудани шартҳои муҳим ва муқаррарӣ (умумӣ), ҳамзамон, шартҳои тасодуфиро низ дар шартнома мавриди омӯзиш қарор додаанд. Шартҳои тасодуфӣ, ки ифодаи худро дар қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ наёфтаанд, ба шартҳои умумӣ мансуб медонанд. Дар матни шартнома ҷой намудани шартҳои тасодуфӣ танҳо дар он мавриде дохил карда мешавад, ки ҷонибҳо инро хоста бошанд. Вақте, ки сухан дар хусуси шартҳои умумӣ ва тасодуфӣ меравад, О. С. Иоффе чунин қайд мекунад, ки “агар шартҳои умумӣ аз ҷониби қонунгузорӣ пешбинӣ шуда бошад, қувваи амали он пас аз ба имзо расидани шартнома оғоз мегардад, вале шартҳои тасодуфӣ бошад, он гоҳ эътибори ҳуқуқии худро пайдо мекунад, ки дар худи матни шартнома ворид ва шартнома мавриди амал қарор гирифта бошад”[93].

Н. Д. Егоров дар хусуси шартҳои тасодуфии шартнома сухан ронда чунин қайд мекунад, ки “шартҳои тасодуфӣ ё шартҳои муқар-рариро тағйир медиҳад ё ба ин шартҳо иловаҳо ворид месозад”. Ворид шудани шартҳои тасодуфӣ дар матни шартнома танҳо дар мувофиқа бо розигии ҷонибҳои шартнома сурат мегирад. Мавҷуд набудани шартҳои тасодуфӣ мисли

[92] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Асари ишорашуда. – С. 300.
[93] Гражданское право. Учебник. Часть I. Изданые третье, перераб и доп / под ред. А.П.Ссргссва, Ю.К. Толстого. – М., 1998. – С. 50.

шартҳои муқаррарӣ ба мазмуну моҳият ва воқеияти шартнома таъсири манфӣ намерасонанд. Аммо ба фарқ аз шартҳои муқаррарӣ, шартҳои тасодуфӣ қувваи ҳуқуқии худро пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани шартнома пайдо мекунанд[94].

Таҳлили мавқеъҳои гуногуни олимон дар ин масъала ба он оварда расонад, ки гӯё шартнома аллакай баста шудаасту дар ҷараёни иҷро қарор дорад. Воқеан ҳамагуна шартҳоеро, ки дар шартнома ҷой доранд, ҳамчун шартҳои муҳим ҳисоб намудан мумкин аст, зеро ин гуна шартҳо бо хоҳиши яке аз ҷонибҳои шартнома дар матни он ворид шудааст. Гузашта аз ин, вақте сухан дар хусуси шартҳои муҳимми шартнома меравад, қонунгузор модел барои шартномаҳои ҳуқуқи маданиро муқаррар мекунад. Қоидаҳое муқаррар шудааст, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ муносибатҳои минбаъда танзим карда мешавад. Барои иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ аз ҳама муҳим ин аст, ки пешакӣ донанд, ки барои расидан ба ҳадаф, яъне бастани шартнома бояд кадом шартҳоро иҷро кунанд. Дар ин росто донистани шартҳои муҳимми шартнома аҳаммияти калон дорад. Вобаста ба ин, ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ таснифоти дурусти шартҳои шартнома ба устувории шартнома ва он мақсаде, ки ҷонибҳои шартнома дар назар доранд, оварда мерасонад. Бе сабаб нест, ки дар қонунгзории амалкунанда ба шартҳои шартнома диққати махсус дода шудааст.

Мутобиқи м. 498 КМ ҶТ, шартҳо оид ба мавзуи шартнома ва шартҳое, ки дар қонун ё дигар санади ҳуқуқӣ барои шартномаи шакли мазкур муҳим ва зарурӣ номбар шудаанд, инчунин ҳамаи он шартҳое, ки дар алоқамандӣ ба онҳо тибқи аризаи яке аз тарафҳо созиш ба даст ояд, шартҳои асосӣ ба ҳисоб меёбанд.

Мазмуни докторинаи шартҳои асосии шартнома дар асри XX аз ҷониби олимону муҳаққиқон дар қонунгузорӣ ифодаи худро ёфта буд. С.В. Дедиков

---

[94] Гражданское право. Учебник. Том 1,2-е изд. / под ред. О А Суханова. – М., 2000. – С. 50.

чунин қайд мекунад, ки дар баробари шартҳои асосӣ, ҳамзамон, диққати махсусро бояд ба шартҳои “махсус” диҳем. Шартҳои махсуси шартнома, ҳарчанд ҳамчун шарти асоси ҳисоб наёбанд ҳам, вале хусусияти уҳдадориро дар шартнома метавонанд ба миён оварад. Барои мисол муаллиф якчанд шартҳоеро пеш меорад, ки дар асл метавонанд аҳдҳои суғуртаро як намуди махсуси шартномаҳои ҳуқуқи мадани созанд. Тазаккур бояд дод, ки чунин шартҳо дар қонунгузорӣ ҳамчун меъёри дизпозитивӣ ҷой дода нашудаанд. Ин шартҳо дар шартномаҳо ҳамчун муомилоти корӣ истифода шуда, дар бештар маврид ҳамчун шартҳои стандартӣ дар шартнома истифода мешаванд. Ҳангоми татбиқ намудани ҳамин шартҳо ҷонибҳои шартнома шартҳои асосиро ба инобат гирифта, ба чунин шартҳо диққати махсус намедиҳанд, ки ин ҳангоми барасмиятдарории шартнома дар амалия мушкилоти муайянро ба миён меорад. Диққати махсус надодан ба чунин шартҳо шартномаро ба бекоршавӣ оварда намерасонад, вале ҷараёни амалишавии онро то андозае бозмедорад.

Шартҳо бештар дар шартномаҳои азнавсуғуртакунӣ ба назар мерасанд. Дар ин маврид муаллиф қайд мекунад, ки истифода шудани шартҳо ба мақсад мувофиқ буда, зарурати истифода шудани ибораи “шартҳои махсус” дар шартнома мавҷуд намебошад. Шартҳое, ки дар боло қайд карда шуд, яке аз намудҳои муомилоти корӣ ба шумор меравад, ки дар шартнома мавриди истифода қарор дода мешавад.

Ҳангоми татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузорӣ зарурат ба миён меояд, ки шартҳои асосии шартнома, ки мазмуну моҳият ва мақсади асосии шартномаро дақиқ муайян мекунанд, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷой дода шаванд. Ин ҳолат аҳаммияти хосро дар татбиқ намудани муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ пайдо хоҳад кард.

Дар оянда масъалаҳое, ки дар амалия ҳангоми танзим намудани муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз меъёрҳои

шартномаи суғурта, бахусус шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ сарчашма мегиранд, аз ҷониби тарафҳои шартнома пурра мавриди омӯзишу таҳлили ҳамаҷониба қарор дода мешавад, зеро таҷриба нишон дода истодааст, ки вақтҳои охир пас аз ба имзо расонидани шартнома ва рух додани ҳолатҳои суғуртавӣ байни ҷонибҳо оид ба мазмуну моҳияти ин ё он банди шартнома нофаҳмиҳо сар мезанад, ки барои баррасӣ ва ҳаллу фасли баъзеи онҳо ба мақомоти судӣ муроҷиат мешаванд. Дар ин хусус З. Шаропов ба маврид қайд мекунад, надоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва сарфаҳм нарафтан ба нозукиҳои меъёрҳои шартнома боис мегардад, ки байни ҷонибҳои шартнома нофаҳмиҳо ба миён ояд[95].

Бинобар ин, истифода шудани меъёрҳои императивии қонунгузорӣ дар шартнома, аз як тараф, ҷониби “зайф”-ро ҳимоя мекунад аз ҷониби дигар имконият намедиҳад, ки тарафи дигари иштирокчии шартнома меъёрҳои шартномаро бо диду хоҳиш ва манфиати худ истифода намояд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло шартҳои асосии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро ба умумӣ ва махсус ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ мешуморем. Ба шартҳои умумӣ дохил мешавад: мавзуи шартнома, шартҳои шартнома, ки дар қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода ёфтаанд, муҳлати шартнома, музднокии шартнома ва ғайра.

Ба шартҳои махсус дохил мешавад: ба суғуртакунанда пешниҳод намудани иттилооти пурра оид ба масоҳати умумии қитъаи замин, чигунагии ҳосилнокии қитъаи замин дар солҳои (мавсимҳои) гузашта, сабаб ва омилҳои талафотҳои ҳосилҳои солҳои (мавсимҳои) гузашта, таркиби хок, муҳлати гузаронидани корҳои агротехникӣ, агрокимиёвӣ, мелиоративӣ, фитосанитарӣ, экологию биологӣ ва зиддиэрозиявӣ, шумораи умумии кормандон, шумораи умумии мутахассисони соҳа, вақтҳои оғоз ва анҷоми рӯзи кории кормандон, давомнокии мавсими корӣ, шумораи умумии

[95] Шаропов Н. Асари ишорашуда. – С. 346.

техникаҳо, навъ, тамға ва механизмҳои онҳо, ҳолати техникии системаҳои иригатсионӣ, насосҳои обкашӣ ва ғайраҳо. Ба суғурташаванда дақиқ ва шаффоф фаҳмонидани мавридҳое, ки ҳамчун ҳолати суғуртавӣ ҳисоб меёбанд, тарзи ҳисоб кардан ва амали намудани пардохтҳои суғуртавӣ, муайян кардани ҳаққи суғуртаӣ ва дигар масъалаҳои муҳим аз шартҳои махсус ба шумор мераванд.

## 2.2. Манфиати молумулкӣ ҳамчун объекти шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ

Дар шароити иқтисод бозорӣ қисми зиёди муносибатҳои ҷамъиятӣ, бахусус муносибатҳои тиҷоративу расонидани хизматрасониҳои гуногун, ки дар онҳо ҷонибҳо бо мақсади ба даст овардани фоида ба созиш омадаанд, шартномаҳои гуногуни ҳамкорӣ ба имзо мерасонанд. Дилхоҳ муносибати шартномавӣ дар заминаи қонунгузорӣ бунёд ёфта, дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал мекунанд. Имрӯз муносибатҳои шартномавӣ, ки хизматрасониҳои гуногун бахусус хизматрасониҳои суғуртавиро мавриди танзим қарор медиҳанд, дар ҳоли рушд ва инкишоф қарор доранд.

Муносибатҳои шартномавӣ аз як қатор ҷузъҳо (элемент)-и таркибӣ иборат мебошанд, ки яке аз ин ҷузъҳои шартнома объект ба шумор рафта, асоси пайдо шудани муносибатҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Дигар ҷузъҳои таркибии шартнома, аз қабили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳо, муҳлати амали шартнома, музднокии он ва дигар шартҳои муҳим маҳз аз объекти шартнома сарчашма гирифта, дар доираи шартнома амал мекунанд.

Шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ яке аз намудҳои шартномаи суғурта ба шумор рафта, хизматрасониҳоро дар бобати ҳифзу эмин нигоҳ доштани ҳолати мелиоративии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳосилхезгардонии қабати болои хок, фарҳанги баланди истифодабарии замин, таъмин намудани бозори дохил ва хориҷ бо маҳсулотҳои аз лиҳози

экологӣ тоза, таъмин намудан ба ҷойҳои кории доимӣ ва дигар масъалаҳои муҳимро, ки баҳри таъмини амнияти озуқаворӣ нигаронида шудааст, танзиму муқаррар менамояд ва ҳамчун объекти суғурта ифодаи расмии худро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқи наёфтааст. Дар қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" зери мафҳуми объекти суғурта манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримолумулкии суғурташаванда, ки ба қонунгузории ҶТ мухолифат надоранд ва дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, фаҳмида мешавад. Моддаи 3 Қонуни мазкур манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримолумулкиро ҳамчун объекти суғурта муқаррар кардааст. Аз ҷумла, суғуртаи вобаста ба ҳаёт, саломатӣ, қобилияти меҳнат, таъминоти нафақавӣ ва дигар манфиатҳои шахси суғурташуда; соҳибӣ, идоракунӣ ва истифодаи молу мулк; расонидани зарар ба шахси сеюм (воқеӣ ё ҳуқуқӣ) ё худ ба молу мулки ӯ. Моддаи 1055 КМ ҶТ "молу мулки муайян" ё "маҷмуи манфиатҳои молумулкиро" ҳамчун объекти суғурта муқаррар кардааст, ки ин ҳолат байни олимон ва муҳаққиқони соҳа баҳсҳои зиёдеро дар хусуси он, ки объекти суғуртаро "молу мулк" ташкил медиҳад ё "манифат", ба миён овардааст, ки поёнтар маълумоти муфассал хоҳем дод.

Ҳамагуна муносибатҳои ҳуқуқӣ бо замин, бахусус бо заминҳои таъиноти кишоварзӣ аҳаммияти махсусро дар қонунгузорӣ пайдо кардааст. Мувофиқи м. 22 КЗ ҶТ ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ҳамчун объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ эътироф шудааст, зеро, ҳамчун бойгарии табиӣ истеҳсолнашаванда буда, ягона ҷой барои зисту зиндагии инсоният ва дигар мавҷудоти биологӣ ба шумор меравад. Вобаста ба ин масъла, қайд мешавад, ки замин ҳамчун компоненти муҳимми муҳити зист ба шумор рафта, фаъолияти худро тибқи қонунҳои табиати зинда ба роҳ мемонад, ки барои тоза нигоҳ доштани ҳавои атмосфера, захираҳои об, олами набототу ҳайвонот ва тамоми мавҷудоти зинда ба роҳ мондааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муносибатҳои вобаста ба замин хусусиятҳои хоси худро доро

мебошанд. Дар робита ба ин масъала қисме аз олимон қайд мекунанд, ин муносибатҳо на танҳо сирф бо меъёрҳои КМ ҶТ, балки бо меъёрҳои КЗ ҶТ низ танзим мегарданд. Меъёрҳои КМ ҶТ танҳо дар он мавриде истифода мешаванд, ки ин муносибатҳоро КЗ ҶТ дар матни худ муқаррар накарда бошад[96]. Албатта, вобаста ба муносибатҳои бо замин, бахусус бо заминҳои таъиноти кишоварзӣ аҳаммияти калонро дар худ таҷассум мекунанд, ки ин муносибатҳо наметавонанд дар доираи маҳдуди санадҳои қонунгузорӣ танзиму муқаррар карда шаванд. ҶТ дар давраи соҳибистиқлолии худ ба самти кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист диққати махсус дода, дар ин давра дар низоми қонунгузории кишвар зиёда аз 48 санади қонунгузорӣ, қарорҳои ҳукумат, консепсияҳо, барномаву стратегияҳо ва шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гаштааст ки ҳадафи асосии ҳар яке аз он ҳифзу самаранок истифода намудани ҳар ваҷаб замин мебошад.

Аз ин лиҳоз, мо наметавонем қайд кунем, ки муносибатҳо вобаста ба ҳифзу истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ танҳо дар доираи КМ КЗ ҶТ танзиму муқаррар карда мешаванд. Агар объекти муносибатҳо бештар хусусияти заминистифодабариро дар худ таҷассум карда бошанд, пас, меъёрҳои КЗ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа мавриди истифодабарии аввалиндараҷа қарор мегиранд. Аммо дар муносибатҳои суғуртавӣ, ки аслан объекти ин муносибатҳо “амвол” ё “манфиат” арзёбӣ мегардад, байни суғуртакунандаҳо ва суғурта-шавандаҳо ба миён меояд, бештар бо меъёрҳои КМ ҶТ мавриди танзим қарор мегиранд. Зарур мешуморем қайд намоем, ки новобаста ба он, ки яке аз самтҳои асосии КЗ ҶТ баҳри ҳифзу ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ равона шудааст, вале Кодекси мазкур дар матни худ ба суғуртакунии заминҳо, аз ҷумла ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ меъёре пешбинӣ накардааст, дар ҳоле, ки мебоист дар ин самт як боби махсусро, ки ба

[96] Бородин С.С. Земельное право. Общая часть: курс лекций. – СПб., 2000. – С. 7.

институти суғуртакунии заминҳо, бахусус заминҳои таъиноти кишоварзӣ равона шуда бошад, дар матни худ ҷой медод.

Дар байни олимону муҳаққиқони ҳуқуқшинос оид ба масъалаи объекти шартномаи суғурта фикру андешаҳои гуногун мавҷуд мебошад. Ақидае вуҷуд дорад, ки объекти муносибатҳои суғуртавӣ бо хизматрасониҳои суғуртавӣ дар алоқамандии зич қарор доранд. Ҳамин тавр Б.С. Шас қайд мекунад, ки хизматрасониҳои суғуртавӣ аз он иборат мебошад, ки аввал суғуртакунандаро ба худ пурра қабул, сипас таваккалро пешниҳод мекунад. Қайд гардидааст, ки хизматрасониҳои суғуртавӣ метавонад ҳамчун предмети шартномаи суғуртавӣ баромад намояд[97], вале ин маврид чандин қобили қабул шуморида намешавад, зеро хизматрасониҳои суғуртавӣ ифодакунандаи мақсади суғуртакунӣ аст. Ю.Т. Ахвледиани қайд мекунад, ки хизматрасониҳои суғуртавӣ мафҳуми васеъ буда, дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Қайд мегардад, ки зери мафҳуми хизматрасониҳои суғуртавӣ на танҳо расонидани хизмат оид ба суғуртакунӣ ва азнавсуғуртакунӣ дар назар дошта мешавад, балки хизматрасониҳои миёнаравиро низ дар бахши суғурта фаро мегирад[98].

Ғ.Д. Ашуров ҳангоми таҳлилӣ хизматрасониҳои суғуртавӣ аломатҳои онҳоро муайян намуда, ба қисматҳо ҷудо кардааст:

1. Мақсади хизматрасониҳои суғуртавӣ гирифтани фоида аст;

2. Предмети хизматрасонӣ фаъолият доир ба амалигардонии намудҳои алоҳидаи суғуртавӣ, дигар хизматрасониҳои касбӣ (ташкилоти адҷастерӣ сюрвейри суғуртавӣ, ташкилоти ассистансӣ) аст;

3. Субъекти хизматрасонӣ  ташкилоти суғурта мебошад;

4. Мавҷудияти иҷозатнома барои хизматрасонии суғуртавӣ ҳатмист;

[97] Щац Б.С. Об объекте страхования // Юридическая и правовая работа в страховании. – 2006. – №2. – С. 47-55.

[98] Ахвледиани Ю.Т. Рынок страховых услуг: современные тенденции и перспективы развития: монография. – М.: РУСАЙНС, 2017. – С. 28.

5. Касбият асоси хизматрасонист[99].

Ҳамзамон, қайд мешавад, ки объект ва предмети суғурта, ки дар онҳо хизматрасониҳо ҷойгир мебошанд, аз ҳамдигар то андозае тафовут доранд, вале ин тафовут дар амалия ягон оқибати ҳуқуқиро ба миён намеоварад. Аз ин лиҳоз, хизматрасониҳои суғуртавӣ дар як маврид наметавонанд ҳам ба сифати объект ва ҳам ба сифати предмети суғурта баромад намоянд.

Дар адабиёти ҳуқуқи қайд шудааст, ки категорияи объект бештар ба муносибатҳои шартномавӣ ва категорияи предмети шартнома бештар ба шартнома ҳамчун ҳуҷҷат хос мебошад[100]. Ҳамзамон, дар ин масъала ақидае мавҷуд аст, ки ба сифати предмети шартнома фаъолияти фаъоли ҷонибҳои шартнома дарк карда мешавад, объекти шартнома бошад, ҷузъи таркибии предмети шартномаро ташкил медиҳад[101].

Ҳамин тариқ як қатор омилҳое мавҷуд аст, ки барои муайян намудани объекти суғурта мушкилотҳоро ба миён меорад. Якум, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ объектҳо бо номҳои гуногун ифода ёфтаанд. Маслан, қ. 2 м. 1042 КМ ҶТ объекти суғурта:

а) молу мулк;

б) таваккали масъулияти шаҳрвандӣ вобаста ба уҳдадорие, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё молумулки ашхоси дигар ба миён омадааст ва дар ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст, инчунин масъулият (м. 1044 ва 1045) тибқи шартнома;

в) таваккали соҳибкорӣ - таваккали ба даст наовардани даромади дарназардошташуда аз фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба вайрон кардани уҳдадориҳои худ аз ҷониби контрагентҳои соҳибкор ё тағйир додани шарти ин фаъолият вобаста ба ҳолатҳое, ки ба соҳибкорӣ (м. 1046) алоқаманд

---

[99] Ашуров Ғ.Д. Асари ишорашуда. – С. 202.
[100] Обыденнов А.Н. Предмет и объект как существенные условия гражданско-правового договора // Журнал российского права. – 2003. – №8. – С. 21.
[101] Федькин Л.О. Аренда земельных участков (гражданско-правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2005. – С. 48.

намебошанд. Дуюм, м. 3 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” ба сифати объекти суғурта а) ҳаёт, саломатӣ, қобилияти меҳнат, таъминоти нафақавӣ ва дигар манфиатҳои шахси суғурташуда; б) соҳибӣ, идоракунӣ ва истифодаи молу мулк, в) расонидани зарар ба шахси сеюм (воқеӣ ё ҳуқуқӣ) ё худ ба молу мулки ӯро муқаррар кардааст.

Гузашта аз ин, қонунгузории ҶТ то имрӯз шарҳи расмиро дар хусуси оне, ки предмет ва объекти шартномаро чӣ ташкил медиҳад, муқаррар накардааст, ба истисноси предмети шартномаи гарав.

Ҷ.С. Муртазоқулов дар ин масъала андешаронӣ намуда, қайд кардааст, ки ҳеҷ гуна асос барои фарқгузорӣ байни ин мафҳумҳо нест ва минбаъд истилоҳи объект ва предмети суғуртаро ҳамун муродифи ҳаммаъно истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст[102].

Оид ба мафҳум ва моҳияти объекти суғурта дар байни олимону муҳаққиқон фикру андешаҳо зиёд мебошад. Мувофиқи назарияи В.И. Сереброский ягона объекти суғурта ин манифат ҳисоб меёбад[103]. Ба ақидаи В.И. Сереброский, метавонем ҳамфикр бошем, зеро зери мафҳуми манфиати суғуртавӣ дар бештар маврид манфиати молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дарк карда мешавад. Манфиати суғуртавӣ бошад, дар навбати худ, пардохтҳои суғуртавиро дақиқ мекунад. Бинобар ин, маблағи дарназардошташудаи пардохтҳои суғуртавӣ худ манфиат ҳисоб ёфта, объекти суғуртаро ташкил медиҳад. Гузашта аз ин, ин нуқтаи назар дар сатҳи қонунгузори, аллакай, ифодаи худро ёфтааст. Чи тавре дар боло қайд карда шуд, мувофиқи м. 3 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”, объекти суғуртаро манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримолумулкӣ ташкил медиҳад.

---

[102] Муртазоқулов Ҷ.С. Ҳуқуқи граждани, қисми II, китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2007. – С. 243.
[103] Серебровский В.И. Избранные труды по наследственному и страховому праву. – М.: Статут, 1997. – С. 318.

Қайд мешавад, ки манфиат дар муносибатҳои суғуртавӣ ифодакунандаи муносибатҳои байни субъект ва объектро дақиқ мекунад. Аммо дар ин ҷо на суғуртакунии худи объект, балки манфиати суғуртавӣ фаро гирифта мешавад. Дар ҳақиқат ҳамин хел аст, вале то ба даст овардани манифат объект бо тамоми хусусиятҳои ба худ хосаш, ки институти суғуртакунӣ муқаррар кардааст, ҳифзу нигаҳдорӣ карда мешавад. Ю.Б. Фогелсон дар ин масъала мавқеи дигарро пайгирӣ намуда, қайд мекунад, ки талабот дар хусуси гирифтани манфиатҳои суғуртавӣ ҳамчун анахронизм ҳисоб меёбад, зеро манфиати суғуртавӣ ин манфиатест, ки шахс нисбат ба ашёҳ ва ҳуқуқҳои молумулки дорад[104].

Муҳаққиқон М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский манфиати суғуртавиро ба позетивӣ ва негативӣ ҷудо намудаанд. Онҳо манфиати позетивӣ гуфта, манфиати шахси суғурташударо дар назар доранд, ки дар сурати ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ ё ҳолатҳои ногувор ҷиҳати гирифтани пардохтҳои суғуртавӣ талош менамоянд. Манфиати негативӣ бошад, манфиати суғуртакунанда ҳисоб меёбад. Онҳо ҳаракат мекунанд, ки ҳолатҳои суғуртавӣ рух надиҳад[105]. Ба андешаи Г.Ф. Шершенеивч, объекти суғурта худи молу мулк ҳисоб меёбад[106]. Аммо қонунгузор муқаррар мекунад, ки суғуртакунанда вазифадор аст, то зарари расонидашударо дар шакли пули пардохт намояд, на худи молу мулкро. Агар молу мулк объекти суғурта ҳисоб меёфт, пас, суғуртакунанда вазифадор мешуд, ки дар сурати ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ худи молу мулкро барқарор мекард, ки ин ҳолат ғайриимкон мебошад.

Олимони ватанӣ низ дар ин масъала фикру андешаҳои худро иброз намудаанд. Аз ҷумла Ҷ.С. Муртазоқулов қайд мекунад, ки предмети

---

[104] Фогельсон Ю.Б. Комментарий к страховому законодательству (постатейный). – М.: «Юристъ», 2002. – С. 310.

[105] Брагинский М.И. Витрянский В.В. Договорное право. Договоры о выполнении работ и окозании услуг. – М.: Статут, 2002. – С. 450.

[106] Шершеневич Г.Ф. Учебник торгового право. – М.: Статут, 1994. – С. 287.

шартномаи суғуртаро навъи хоси хизматрасоние ташкил медиҳад, ки суғуртакунанда пешниҳод мекунад[107]. Дар ин ҷо Ҷ.С. Муртазоқулов мафҳуми предмети суғуртаро якҷониба, яъне танҳо аз нигоҳи суғуртакунанда баҳогузорӣ намудааст. Ба андешаи мо, мафҳуми объекти шартномаи суғурта бояд тарзе ифода карда шавад, ки дар он хусусиятҳои хоси ҷонибҳо ба инобат гирифта шавад.

Дар матни шартномаи суғурта ба таври васеъ объекти суғурта ва ҳолатҳои суғуртавӣ ҳамчун шарти муҳимми шартнома нишон дода мешавад. Объектҳое, ки суғуртакуниашон ба таври ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, муносибатҳои онҳо дар асоси қонунҳои махсус мавриди танзим қарор мегирнад. Дар ин маврид, суғуртаи масъулияти ҳатмии соҳибони воситаҳои нақлиёт, тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт" мисол шуда метавонад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мазмуну моҳияти суғурта ин кам кардани дараҷаи хавфнокии объект аз ҳодисаҳои гуногун мебошад. Аз ин ҷо мақсади асосии суғурташавандаҳо ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ҳисоб ёфта, хавфро ба зиммаи ташкилотҳои суғуртавӣ мегузоранд. Ташкилоти суғуртавӣ дар навбати худ, хавфро ба зимма гирифта, тибқи шартнома барои ҳифзи объект аз ҳодисаҳое, ки ҳамчун хавф дар шартномаи суғурта эътироф шудаанд, аз суғурташавандаҳо пардохтҳои суғуртавиро талаб менамоянд.

Таҷрибаи қисми зиёди давлатҳо нишон медиҳад, ки аксарияти соҳибкороне, ки ба фаъолити соҳибкорӣ дар самти хоҷагидорӣ машғул мешаванд, наметавонанд, фаъолияти соҳибкории худро идома диҳанд, то он вақте ки онҳо имконияти ба дӯши ташкилоти суғуртавӣ гузоштани хавфро надошта бошанд, зеро ягон соҳибкор розӣ намешавад, ки маблағҳои калонро ба лоиҳаҳое, ки ҳоло мукаммал нашудаасту эҳтимолияти ба даст овардани фоидаро зери шубҳа меорад, сармоягузорӣ намояд. Танҳо пас аз пешгири

[107] Муртазоқулов Ҷ.С. Асари ишорашуда. – С. 243.

кардани зарарҳои иқтисодӣ аз ин ҳолатҳои ногувор шаҳрвандон ва соҳибкорон розӣ мешаванд, ки лоиҳаи хавфи соҳибкориро қабул намоянд. Ҳамин тариқ фаъолияти хоҷагидорӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ ҳисоб ёфта, суғуртакунии ҳатмии соҳа ба мақсад мувофиқ мебошад.

Табиист, ки ташкилоти суғуртавӣ аз ҳолатҳои сар назадани хавф манфиатдор мебошанд, зеро фаъолияти кории минбаъдаи ташкилот аз фаро расидани хавф вобаста мебошад. Агар хавф мавҷуд набошад, пас, зарурият ба бастани шартномаи суғурта низ аз байн меравад. Асоси бастани шартномаи суғуртаро маҳз хавф ташкил медиҳад. Хавфи суғуртавӣ ин мафҳуми номуайян мебошад, вале дар бештари маврид зери он эҳтимолияти ба миён омадани зарар фаҳмида мешавад. Аммо андешаҳое вуҷуд дорад, ки на ҳама намуди хавфҳо асос барои пайдо шудани муносибатҳои суғуртавӣ мегардад. Он хавфҳое, ки имконияти баҳогузорӣ кардану эҳтимолияти фаро расидани ҳолатҳои суғуртавиро дақиқ ифода карда наметавонанд ё ҳаҷми зарар ва ҳисоб кардани эквиваленти суғуртавиро душвор мегардонад, омилҳои баста шудани шартномаҳои суғуртавиро коҳиш дода, то ҳадде сабаби ба созиш наомадани ҷонибҳои шартнома мегардад, ки дар натиҷа асос барои бастани шартномаи суғуртаро аз байн мебаранд. Ҳамзамон, на ҳама намуди зарар талофи карда мешавад. Масалан, зарраре, ки тибқи шартнома ҳамчун ҳолати суғуртавӣ ҳисоб намеёбанд, талофӣ карда намешавад.

Мутаассифона, то ҳол олимону муҳаққиқон натавонистаанд, ки мафҳуми дақиқи хавфро бо тамоми хусусиятҳое, ки доро мебошад, пешниҳод намоянд. Мо ҳама медонем, ки хавф чӣ аст, вале хусусиятҳои дақиқи онро дарк карда наметавонем. Албатта, фикру андешаҳои ҷолиб ва гуногунҷабҳа дар ин самт зиёд ба назар мерасад, вале онҳо аз камбудиҳо орӣ намебошанд. Масалан, зери мафҳум ва моҳияти хавф ҳолатҳое дар назар дошта мешавад, ки эҳтимолияти ба миён омадани зарар нишон намедиҳад, аммо натиҷаи

ниҳоии онро дақиқ гуфта наметавонад. Мазмуну моҳияти объекти суғурта бевосита аз хавфи суғуртавӣ вобаста мебошад. Хавф дар навбати худ ҳамчун объекти суғурта баромад мекунад, ки амалишавии он дар натиҷаи ба миён омадани ҳодисаҳои ногаҳонӣ муайян мешавад.

Вобаста ба натиҷаи эҳтимолӣ дар адабиёти илмӣ се намуди хавф мавҷуд аст: хавфи тоза, хавфи спекулятивӣ ва хавфи суғуртанашуда. Ҳамзамон хавфҳо, тасниф карда мешаванд: вобаста ба хусусияти объект, вобаста бо сабабҳои бавуҷудоӣ, вобаста ба таъсири эҳтимолияти расонидани зарар ва сарчашмаи пайдошавии он.

Хавф ин ҳодисаи эхтимолие мебошад, ки суғурташавандаҳо (хоҷагидорон) имконияти мустақилона пешгирӣ ва бартараф кардани онро надоранд.

Дар асоси фикру андешаҳои олимон зери мафҳуми хавфи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳодисаи эҳтимолии хавфноки табиӣ, эпидемиологӣ ва омилҳои фардӣ дар назар дошта шудааст.

Ҳодиса бошад, дар бештар маврид ба сифати хавфи суғуртавӣ дида баромада мешавад, ки дорои хусусиятҳои эҳтимолӣ ва ногаҳониро дар худ таҷассум мекунад. Аломатҳои фарқкунандаи объекти суғуртаро Ғ.Д. Ашуров чунин баён кардааст.

- нишонаҳои пайдоиши объект (моддӣ ва ғайримоддӣ);
- имконияти баҳодиҳӣ ба арзиши объект;
- сатҳи барқароршавӣ баъд аз ҳодисаи суғуртавӣ.

Дар натиҷаи таҳлилҳои ҳамаҷониба таснифоти объекти суғуртаро чунин ифода кардааст.

| Соҳаҳои суғурта | Нишонаҳои пайдоиши объект | Имконияти баҳодиҳӣ ба арзиши объект | Сатҳи барқароршавӣ баъд аз ҳодисаи |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | суғуртавӣ |
| Суғуртаи шахсӣ | Категорияи ғайримоддӣ (ҳаёт, саломатӣ, қобилияти кории шаҳрванд) | Арзиши ҳақиқӣ надорад | Баъд аз ҳодисаи суғуртавӣ пурра барқарор намешавад |
| Суғуртаи амвол | Арзиши моддӣ дорад | Дорои арзиши ҳақиқӣ мебошад | Баъд аз ҳодисаи суғуртавӣ пурра барқарор мешавад |
| Суғуртаи масъулияти шаҳрвандӣ | Категорияи ҳуқуқӣ аст | Арзиши ҳақиқӣ надорад | Тавзеҳоти ягона надорад |
| Суғуртаи хавфи молиявӣ | Категорияи молиявӣ аст | Дорои арзиши ҳақиқӣ мебошад | Баъд аз ҳодисаи суғуртавӣ пурра барқарор мешавад |

Муҳаққиқони рус дар соҳаи суғурта В.В. Шахов ва Ю.Т. Ахвледиани ба он ақидаанд, ки суғурта (Insurance) низоми муносибатҳое мебошад, ки барои ҳимояи манфиатҳои амволии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз тарафи ташкилоти махсус - ташкилоти суғуртакунанда, барои баргардонидани зарари расида аз ҳодисаҳои суғуртавӣ ташкил шудааст. Манфиатҳои амволӣ (Owner of Interest), ки ҳамчун объекти суғурта ҳисобида мешаванд, бо:

1) ҳаёт, саломатӣ, таъминоти нафақавии суғурташаванда ва ғ. (суғуртаи шахсӣ);

2) соҳибӣ кардан, ихтиёрдорӣ, истифодабарӣ (суғуртаи молумулк);

3) баргардонидани зарари расида ба шахс ва ё амволи шахси воқеӣ, доштани масъулият (суғуртаи масъулият) алоқаманд мебошанд[108].

Ба ақидаи Т.В. Никитина суғурта дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун як соҳаи фаъолияти тиҷоратӣ баромад мекунад. Суғуртакунанда масъулиятро барои ин ё он хавф бар дӯши худ гирифта, пеш аз ҳама, интизори он аст, ки шартномаи басташуда ба ӯ чӣ манфиат (даромад) меорад. Чунончи, соҳибкорӣ бе хавф амалӣ шуда наметавонад[109]. Суғурта дар шароити иқтисоди бозорӣ на танҳо тарзи ҳимояи соҳибкорӣ аз ҳолатҳои фавқулода, балки воситаи ҳимоя аз тағйироти иқтисодӣ дар бозор маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, суғурта дар ин ҳолат алоқамандии иқтисодӣ ва ҳуқуқиро байни иштирокдорони муносибатҳои бозорӣ танзим менамояд[110].

Суғурта чун системаи муҳофизати манфиатҳои амволии шаҳрвандон унсури зарурии сохти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мебошад ва ба мустаҳкам гардидани низоми иқтисодии давлат таъсири мусбат мерасонад. Ба ақидаи И.Т. Балабанов, суғурта он муносибатҳоеро дар бар мегирад, ки оид ба ҳимояи манфиатҳои молумулкии субъекҳои хоҷагидорӣ ва шаҳрвандон дар ҳолати фарорасии ҳодисаҳои суғуртавӣ аз ҳисоби пардохтҳои ҳатмӣ ва

---

108 Страхование // Под ред. В.В. Шахова, Ю.Т. Ахвледиани – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИДАНА, 2007. – С. 5.

109 Никитина Т.В. Страхование коммерческих и финансовых рисков. – СПб.: Питер, 2002. – С. 11.

110 Искандари Сулаймон. Страхование риска предпринимательской деятельности: частноправовое регулирование в Республике Таджикистан: дис. … кан. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – С. 42.

ихтиёрии худи онҳо ба вуҷуд омадаанд. Суғурта арзиши нав ташкил намекунад, танҳо зарари як суғурташударо байни дигар суғурташудагон тақсим мекунад[111]. Ба ақидаи Д. Фарни, суғурта ҳимояи манфиатҳои номуайяни истеъмолкунандагонро дар асоси мувозинати хавф байни суғуртакунанда ва дигар иштирокдорони фаъолияти суғуртавӣ дар як давраи муайян таъмин менамояд[112]. Ҳамин тавр, тибқи таҳлили муаллиф, суғурта низоми муносибатҳои байни суғуртакунанда ва суғурташаванда оид ба қонеъгардонии манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии мутақобила тавассути истеҳсол, мубодила, тақсимот ва истеъмоли хизматрасониҳо - «ҳимояи суғуртавӣ» мебошад.

Соҳаи хизматрасонии суғуртавӣ ҳамчун бахши мустақили таъминкунандаи ҳимояи манфиатҳои амволии ҳамаи иштирокдорони муносибатҳои бозорӣ ҳисобида мешавад. Аз ин ҷо манфиати умумидавлатӣ барои рушди ин соҳа ба миён меояд, ки зарурати идоракунии пешрафти онро тақозо менамояд.

Тибқи баъзе қоидаҳои суғуртаи ихтиёрии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва ниҳолҳои бисёрсола, андозаи пардохти ҳолатҳои суғуртавӣ ба сатҳи ҳосилнокии қитъаи замин вобаста мебошад. Мувофиқи қоидаи мазкур, ба сифати объекти суғурта арзиши миёнаи ҳосилноки аз 1 гектар замин дар давоми панҷ сол ё бо хоҳиши суғурташавада 3 соли ҳосилнокии хубе, ки дар панҷ соли сипаригашта қитъаи замин дода аст, ба инобат гирифта мешавад ё ҳосилнокие, ки дар асоси шартномаи иҷора ҷонибҳо ба мувофиқа расида буданд, ба инобат гирифта мешавад[113].

Суғурта намудани қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ ё ҳосилнокии маҳсулотҳои кишоварзӣ хусусиятҳои хоси худро доро мебошад. Якум, барои қитъаҳои замин ва ҳосилнокии маҳсулотҳои кишоварзӣ эҳтимолияти зиёди

[111] Балабанов И.Т. Стахование. – СПб.: Питер, 2004. – С. 9.
[112] Farny Dieter: Versicherungsbetriebslehre. – Karlsruhe: VVW, 1995. – P.8.
[113] Правила добровольного страхования сельскохозяйственных культур и многолетних насаждений, принадлежащих сельскохозяйственным товаропроизводителям от 21 июля 1994, № 21.

ба миён омадани ҳодисаҳо (ҳолатҳо)-и суғуртавӣ зиёд ба назар мерасад. Дуюм, қитъаи замин ва ҳосилнокии он ба пасту баланд шудани ҳарорат ва вазъи мусоиду номусоиди боду ҳаво вобаста мебошад. Дар ин маврид ба суғуртакунӣ танҳо ҳосили аздаст рафтаи даромад муқаррар мешавад. Лекин дар шароити иқтисоди бозорӣ танҳо ҷуброн намудани ҳосили аз дастрафта ба қонунҳои талаботу таклифот ҷавобгӯ намебошад, зеро даромаднокии хоҷагиҳои кишоварзӣ танҳо ба шумора ва иқтидори ҳосилнокии қитъаи замин вобаста намебошад, балки сифатнокии маҳсулот низ аҳаммияти муҳимми аввалиндараҷаро доро мебошад.

Барои мисол аз таъсири ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ метавонад сифати маҳсулоти кишоварзӣ паст ҳосил шавад, ки дар натиҷа талаботи худро дар бозори истеъмолӣ наёфта, бо арзишҳои нисбатан кам ба фуруш баровarда мешавад. Дар баъе маврид фурӯши маҳсулотҳои сифати пасти кишоварзӣ хисоротҳои калонро нисбат ба он, ки дар қитъаи замин сарф шудааст, ба бор меорад.  Бинобар ин, айни замон зарур аст, ки ҳангоми суғуртакунии маҳсулотҳои кишоварзӣ аз ҳодисаҳои табиӣ на танҳо хисорот ба суғурта карда шавад, балки ба сифати маҳсулот низ диққати махсус дода шавад, зеро имрӯз талабот ба сифати маҳсулот аҳаммияти калонро касб кардааст.

Барои рушди ин намуди суғурта зарур аст, ки базаи ягонаи иттилоотие, ки дар он ҳосилнокии қитъаи замин, хисороти он дар солҳои гузашта, сабабҳои нагирифтани ҳосилнокӣ ё гирифтани ҳосилнокӣ нисбатан кам ва бесифат, тарзи пеш бурдани корҳои хоҷагидорӣ, шумораи мутахассисон ва кормандон, шумораи техникаҳои зарурӣ ва дигар масъалаҳои муҳимро дар бар гирад.

### 2.3. Иштирокчиёни шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ

Хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки аслан заминаи фаъолияти онҳоро заминҳои таъиноти кишоварзӣ ташкил медиҳад, яке аз соҳаҳои хавфноки

истеҳсолӣ ба ҳисоб мераванд. Ба фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ омилҳои зиёди табиӣ, аз ҷумла вазъи номусоиди боду ҳаво, иқлим, мавқеи ҷойгиршавӣ ва дигар ҳодисаҳои табиӣ таъсир расонида метавонанд ва дар натиҷаи ба миён омадани ин омилҳо хоҷагиҳои кишоварзӣ дар кӯтоҳтарин вақт заҳматҳо ва сармоягузориҳои чандинсолаи худро бе бозгашт аз даст медиҳанд.

Фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар ва таъмини амнияти озуқаворӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Бинбар ин, давлату ҳукукмат ҷиҳати рушди соҳаи истеҳсоли кишоварзӣ пайваста чораҳои зурурӣ, ба монанди қабул намудани стратегиву барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ меандешанд. Тазаккур бояд дод, ки дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” қайд шудааст, ки тағйирёбии иқлим яке аз омилҳои мусоидаткунанда ба харобшавии заминҳо ҳисоб меёбад, ки ин ҳолат коҳишёбии гирифтани ҳосили дилхоҳро дар соҳа ба миён меорад[114]. Вобаста ба ин, зарурат ба миён омадааст, ки суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо иштирок ва дастгирии давлатӣ роҳандози карда шавад. Дар ин ҷо муносибатҳои суғуртавӣ дар доираи танҳо суғуртакунанда ва суғурташаванда маҳдуд намегардад, балки давлат ҳамчун субъекти ин муносибатҳо баромад мекунад.

Дар назарияи ҳуқуқ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ин алоқамандии субъектҳое, ки дорои ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқие мебошад, фаҳмида мешавад. Моҳияти аслии муносибатҳои ҳуқуқӣ ин иҷрои уҳдадориҳое мебошад, ки суғурташаванда уҳдадор мешавад, то сари вақт ҳаққи суғуртавиро пардохт намуда, оид ба вазъ ва ҳолати кунунии объект ҷиҳати баҳогузорӣ намудани хавф суғуртакунандаро огоҳ созад ва суғуртакунанда, дар навбати худ, вазифадор мешавад, ки ҳангоми ба миён омадани ҳолати

---

[114] Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.10.2016, таҳти №392 ба тасвиб расид. Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 1.12.2016 таҳти №636 тасдиқ карда шуд.

хавф пардохти суғуртавиро амали намояд. Ин муносибатҳои суғуртавӣ ба талаботи м. 351 КМ ҶТ, ки мафҳуми уҳдадориро дар матни худ ифода мекунад, мутобиқ мебошад. Тибқи м. 351 КМ ҶТ, аз рӯи уҳдадории як шахс (қарздор) бояд ба фоидаи шахси дигар (кредитор) амали муайянро анҷом диҳад, кредитор бошад, ҳақ дорад аз қарздор иҷрои уҳдадориро талаб намояд.

Худи мафҳуми муносибатҳои ҳуқуқӣ дар назарияи ҳуқуқ ва курси ҳуқуқи мадани пурра мавриди омӯзишу барррасӣ қарор гирифтааст. Тазаккур бояд дод, ки муносибатҳои суғуртавӣ характери уҳдадориро дар худ касб кардааст. Дар муносибатҳои суғуртавӣ ҷонибҳои шартнома мавқеи худро вобаста ба марҳилаҳои иҷроишавии шартнома иваз карда то ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ суғуртакунанда ба ҳайси кредитор баромад мекунад ва ҳуқуқ дорад, ки аз суғурташаванда иҷрои саривақтии уҳдадориҳояшро аз қабили ҳаққи суғуртавӣ ва ғайра талаб намояд. Пас аз ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ, аллакай суғурташаванда ба ҳайси кредитор баромад намуда, ҳуқуқи талаб намудани пардохтҳои суғуртавиро аз суғуртакунанда амали менамояд. Дар ҳуқуқи мадани чунин уҳдадориҳоро ҳамчун уҳдадории мутақобила мешуморанд.

Мисли дигар муносибатҳои ҳуқуқи, муносибатҳои суғуртавӣ дорои таркиби ба худ хос аст, ки ба онҳо дохил мешавад, субъект, объект ва мазмун. Асоси ба вуҷуд омадани қисми зиёди муносибатҳои ҳуқуқи ва ҷараёни равиши онҳо, пеш аз ҳама, фактҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Дар муносибатҳои ҳуқуқи суғуртавӣ, пеш аз ҳама, манфиат мавқеи асосиро ташкил медиҳад. Бархе тадқиқотчиён дар ин хусус чунин андеша доранд, ки сабаби асосии ба вуҷуд омадани муносибатҳои суғуртавӣ мавҷуд будани хавф аст, на манфиат. Аммо тазаккур бояд дод, ки хавф дар ҳама соҳаҳо, новобаста ба иродаву хоҳиши инсоният, вуҷуд дорад. Барои он ки хавф ҳамчун асос барои ба вуҷуд омадани муносибатҳои суғуртавӣ гардад, пас,

зарур аст, ки байни суғуртакунанда ва суғурташаванда манфиат барои бастани шартнома, ки дар он хавф мавҷуд мебошад, баста шавад. Мавҷуд набудани манфиати суғуртакунанда ва шахси суғурташуда асос барои риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ мегардад. Маҳз манфиат ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқи аз лиҳози категорияи иқтисодӣ ва ҳуқуқи мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст.

Тазаккур бояд дод, ки қонунгузории амалкунанда мафҳуми расмии манфиатро дар матни худ муқаррар накардааст. Бинбар ин, аз меъёрҳои КМ ҶТ манфиати суғуртавиро чунин маънидод мекунем. Суғуртакунанда манфиати суғуртавии худро вобаста ба мафниати худ баррасӣ мекунад. Категорияи манфиат вақтҳои охир дар адабиёти ҳуқуқи низ бештар мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Табиист, ки манфиати суғуртавӣ худ аз худ вуҷуд дошта наметавонад ва он танҳо дар сурати эҳтимолияти ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, шарти мавҷуд будани манфиати суғуртавӣ ин манфиати субъектии шахс ҳисоб меёбад ва дар сурати ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ ба субъект ва молу мулки ӯ таъсири манфи расонида мешавад.

В.С. Михайлов мафҳуми манфиати суғуртавиро чунин шарҳ додааст: Манфиати суғуртавӣ, вобасата ба шакли муносибатҳои ҷамъиятии мазмунан талаботи суғуртакунанда (фоидагиранда ё шахси суғурташударо) фарогиранд, дар сурати ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ ҳуқуқи пардохт намудани мабалағи суғуртавиро дар бар мегирад[115].

Барои он ки муносибатҳои суғуртавӣ ба вуҷуд ояд, манфиат бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад: молу мулкӣ, ҳуқуқӣ, субъективӣ ва ғайра дар доираи талаботҳои қонун.

С. Дедиков қайд мекунад, ки категорияи манфиати суғуртавӣ, пеш аз ҳама, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои ташкилотҳои суғуртавӣ мебошад. Вақте,

[115] Михайлов В. С. Категория интереса в российском гражданском праве. – М., 2002. – С. 31.

ки суғурташаванда дар бастани шартнома манфиат надошта бошад, пас, дар ин ҳолат ба суғуртакунанда ҳуқуқ медиҳад, ки аз пардохтҳои суғуртавӣ даст кашад. Ҳамзамон, ӯ қайд мекунад, ки вазифаи асосии манфиати суғуртавӣ ин ҳифз намудани суғуртакунанда аз ҳар гуна қаллобиҳои суғуртавӣ мебошад[116].

Дар ин масъала ҳақ ҷониби Т.С. Мартянова аст, ки манфиати суғуртавӣ яке аз унсури муҳимми муносибатҳои суғуртавӣ ба шумор меравад, зеро маҳз манифати суғуртавӣ аст, ки муносибатҳои суғуртавӣ пайдо шуда, рушд ва ташаккул меёбад. Мавсуф қайд мекунад, ки агар манифати суғуртавӣ набошад, пас, муносибатҳои суғуртавӣ низ вуҷуд дошат наметавонад. Дуюм, ин ки манфиати суғуртавӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми муносибатҳои суғуртавӣ баромад намуда, дигар ҷузъҳои шартнома аз ҷумла объект, таркиби субъект, мазмун, иҷроиш ва ҷавобгарии тарафҳои шартномаи суғурта дар сурати номатлуб иҷро шудани бандҳои шартнома ва дигар масъалаҳои муҳим аз он сарчашма мегирад[117].

В.Ю. Абрамов бо истинод ба В.И. Серебровский қайд мекунад, ки манфиати суғуртавӣ агар ҷузъ (элемент)-и асосии муносибатҳои суғуртавӣ ҳисоб наёбад ҳам, вале дар ин самт муҳим ҳисоб меёбад, зеро манфиати суғуртавӣ асос барои пайдо шудани муносибатҳои суғуртавӣ мегардад[118]. М.И. Брагинский қайд мекунад, ки дар муносибатҳои суғуртавӣ ҳар ду ҷониби шартнома бояд манфиатдор бошанд. Манфиати суғуртакунанда дар қабул намудани ҳаққи суғуртавӣ ҳисоб меёбад, манфиати суғурташаванда аз қабул намудани пардохтҳои суғуртавӣ дар сурати ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ ба ҳисоб меравад[119].

Т.В. Никитина қайд мекунад, ки суғурта дар замони муосир ҳамчун як соҳаи фаъолияти тиҷоратӣ баромад мекунад. Аз ин лиҳоз суғуртакунанда

---

[116] Ниг.: Дедиков С. Функционалная теория страхового интереса // ЭЖ- Юрист. – 2010. – №10. – С. 86.
[117] Мартьянов Т.С. Обязательства по оказанию финансовых услуг // Гражданскаое право: учеб.: В. 2 Т / Отв. ред Е.А. Суханов. – М., 2000. – С. 59.
[118] Абрамов В.Ю. Страхование: теория и практика. – М., 2007. – С. 329.
[119] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право, кн. 3 Договоры о выполнении работ и оказании услуг. – М., 2004. – С. 550.

масъулиятро барои ин ё он хавф бар дӯши худ гирифта, пеш аз ҳама, интизори он аст, ки шартномаи басташуда ба ӯ чӣ манфиат (даромад) меорад. Чунончи, соҳибкорӣ бе хавф амалӣ шуда наметавонад[120]. Ғ.Д. Ашуров ҳангоми пешниҳод намудани мафҳуми суғурта ба манифати суғуртавӣ диққати махсус дода, қайд мекунад, ки муносибатҳои байни суғуртакунанда ва суғурташаванда ҷиҳати қонеъ гардонидани манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии мутақобила, ки тавассути истеҳсол, мубодила, тақсимот ва истеъмоли хизматрасониҳо ба миён меояд, асоси муносибатҳои суғуртавиро ташкл медиҳад[121].

Чи тавре дар боло ишора шуд пас, аз бастани шартномаи суғурта байни суғуртакунанда ва суғурташаванда муносибатҳои суғуртавӣ пайдо шуда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо ба таври дақиқ муқаррар карда мешавад. Суғурташаванда пеш аз ҳама, бо мақсади ҳифз намудани амволи худ бо суғуртакунанда ба созиш омада, шартнома ба имзо мерасонад. Дар сурати ба миён омадани ҳолатҳои суғуртавӣ суғуртакунанда вазифадор мешавад, ки барои барқарор кардани зарари расонидашуда пардохтҳоро амалӣ намояд. Худи ҳолати суғуртавӣ аз хавфи суғуртавӣ сарчашма мегирад. Мутобиқи м. 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”, хавфи суғуртавӣ гуфта, ин ҳодисаи эҳтимолие мебошад, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад. Дар ин маврид қайд кардан ба маврид аст, ки мо хавфро наметавонем ҳангоми бастани шартнома нодида гирем, зеро дар ин маврид суғурта моҳияти аслии худро аз даст медиҳад.

Ҳолати суғуртавие, ки муносибатҳои суғуртавиро амалӣ мегардонад, аз хавфи суғуртавӣ бо мавҷудият ва амали воқеии худ фарқ мекунад. Қонуни мазкур ҳодисаи суғуртавиро чунин таъриф додааст. Ҳодисаи суғуртавӣ ин воқеае мебошад, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), тибқи қонун ва шартнома, бояд пардохти суғуртавиро

---

[120] Никитина Т.В. Страхование коммерческих и финансовых рисков. – СПб.: Питер, 2002. – С. 11.
[121] Ашуров Ғ.Д. Асари ишорашуда. – С. 202.

анҷом диҳад. Суғурташаванда ҳангоми суғурта намудани амволи худ хавфҳое, ки эҳтимолияти расонидани зарраро ба амвол дорад, интихоб намуда ба суғуртакунанда пешкаш менамояд. Дар сурати ба мувофиқа расидани ҷонибҳо шартномаи суғурта ба имзо расонида шуда ҳар яке аз онҳо то ба анҷом расидани муҳлати амали шартнома уҳдадориҳои худро софдилона иҷро менамоянд. Шартнома, пеш аз ҳама, бо мақсади расидани ба ҳадафҳое, ки ҷонибҳои шартнома дар нақша доранду ба созиш омадаанд, баста мешавад. Дар адабиёти илмӣ оид ба муносибатҳои шартномавӣ, таркиб, хусусият, мазмун ва таснифоти онҳо фикру андешаҳои гуногун роиҷ аст. Ю.В. Романсов ҳангоми таҳлил намудани таснифоти шартномаҳо вобаста ба иҷрои кор ва хизматрасониҳо хулосабарорӣ намуда чунин қайд кардааст, ки ҳамагуна шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ бо назардошти хусусиятҳо ва самти фаъолияташон ба 7 гурӯҳ ҷудо мешаванд, ки яке аз онҳо суғуртакунии хавфҳо аз ҳодисаҳои ногаҳонӣ мебошад[122].Шартномаи суғурта, аслан дар шароити муосир, ки пур аз руйдодҳои ногаҳонӣ мебошад, аҳаммияти хосаро касб кардааст.

Бархе аз донишмандон, шартномаи суғуртаро ба шартномаҳое, ки ба сектори иқтисодӣ наздик асту хусусиятҳои пуливу молиявиро доро мебошад, мансуб медонанд. Махсусан, дар ин масъала Ғ.Д. Ашуров қайд мекунад, ки дар шароити муосир суғурта ҳамчун рукни асосии соҳибкорӣ баромад намуда, сатҳи таъсири он ба тарзҳои пешбиниҳои иқтисодӣ, вобаста мебошад[123].

Аммо новобаста ба он ки суғурта бештар ба сектори иқтисодӣ мансуб аст, аксарияти ин муносибатҳо бо меъёрҳои қонунгузорӣ, қоидаҳои суғуртавӣ ва шартномаи суғурта танзиму муқаррар карда мешавад.

Яке аз намудҳои шартномаи суғурта, шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба шумор меравад, ки ифодаи расмии худро дар

---

[122] Романцов Ю.В. Сущность договор страхование // Законодатеьства. – 2021. – №5. – С. 51.
[123] Ашуров Ғ.Д. Асари ишорашуда. – С. 29.

санадҳои қонунгузорӣ наёфтааст. Шартномаи мазкур, мисли дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ дорои мазмун, хусусият ва субъектҳои ба худ хос мебошад.

Мазмуни шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳои шартнома ташкил медиҳад. Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" иштирокчиёни касбии бозори суғуртаро ҳамчун субъекти муносибатҳои суғуртавӣ эътироф кардааст (қ.5 м. 3 Қонуни мазкур). Ба сифати субъектҳои муносибатҳои суғуртавӣ ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), брокери суғуртавӣ, ташкилотҳои актуарӣ, сюрвейери суғуртавӣ, ки дар асоси иҷозатномаи мақомоти назорати суғуртавӣ фаъолият менамоянд, қайд карда мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқб зери мафҳуми истилоҳи "субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ", аслан, иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Истилоҳҳои "субъект" ва "шахс" чун ҳаммаъно истифода шуда, ки ҷузъи таркибии дилхоҳ муносибатҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Аммо мафҳумҳои "субъекти ҳуқуқ" ва "субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ" аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳар як инсон сарфи назар аз сину сол ва мавқеи иҷтимоиаш ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқ ҳисоб меёбад. Муносибатҳои ҳуқуқӣ бошад, муносибатҳои ҷамъиятиеро меноманд, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқ дида мешавад.

Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" мафҳуми суғуртакунандаро дар матни худ муқаррар накардааст, вале ҳамчун суғуртакунанда бештар ибораи "ташкилотҳои суғуртавӣ"-ро мавриди истифода қарор додааст.  Моддаи 1051 КМ ҶТ муқаррар кардааст, ки ба сифати суғуртакунандагон ашхоси ҳуқуқӣ, яъне ташкилотҳои тиҷоратӣ баромад мекунанд, ки барои анҷом додан (бастан) навъи дахлдори суғурта иҷозатнома доранд. КМ ҶТ ба сифати суғуртакунандагон танҳо ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ишора кардааст, ҳол он ки м. 8 Қонуни ҶТ "Дар

бораи фаъолияти суғуртавӣ” муқаррар кардааст, ки ташкилотҳои суғуртавӣ на танҳо дар шакли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, балки метавонанд дар шакли корхонаҳои воҳиди давлатӣ низ таъсис дода шаванд. Тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, ба сифати суғуртакунандаҳо ҳамагуна шахсони ҳуқуқие, ки дорои иҷозатномаи мақомоти дахлдори давлатиро ба даст овардаанд баромад карда метавонанд, ба истиснои баъзе мавридҳое, ки объекти суғуртаашон махсус мебошанд, барои мисол суғуртаи ҳатмии давлатӣ.

Суғуртакунанда, чун қоида, ҳамчун яке аз ҷонибҳои муҳими шартнома баромад карда, ба худ уҳдадорӣ мегирад, ки дар сурати ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ уҳдадориҳое, ки тибқи шартнома ба зимма гирифтааст, пурра иҷро намояд. Пардохтҳои суғуртавӣ на ҳама вақт дар шакли маблағҳои пулӣ анҷом дода мешавад. Қонунгузор иҷозат медиҳад, ки талофӣ кардани зарари расонидашуда дар дигар шаклҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, амали шуданаш имконпазир аст. Суғуртакунанда вазифадор аст, ки ҳангоми бастани шартномаи суғурта суғурташавандаро бо қоидаҳои суғуртавӣ шинос намояд. Қоидаҳои суғуртавӣ метавонад дар қисмати қафои полиси суғуртавӣ ифода карда шавад. Ҳамчунин, метавонад чун ҳуҷҷати алоҳида бо риояи ҳатмии ҳамаи талаботи расмиёт ба суғурташаванда дода шавад. Гузашта аз ин, қонунгузор суғуртакунандаро вазифадор кардааст, ки он хароҷотеро, ки суғурташаванда баҳри кам кардани эҳтимолияти ба миён омадани хавф сарф кардааст, пурра пардохт намояд.

Ҳамзамон, дар сурати ба миён омадани ҳолатҳои навошокоршуда, ки эҳтимолияти ба миён омадани хавфро зиёд ё кам мекунад, фавран суғурташавандаро огоҳ намояд. Ҳатто ин ҳолатҳо метавонад ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё аз сари нав бастани шартнома бо талаботи нави ошокоршуда байни ҷонибҳо ба имзо расонида шавад. Суғуртакунанда ҳангоми ба имзо расонидани шартнома ҳуқуқ надорад, ки маълумотро

вобаста ба фаъолияти суғурташаванда, вазъи иқтисодиву молиявии ӯ ошкор созад, ба истисноои мавридҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар карда аст. Дар сурати пеш аз мухлат қатъ намудани шартнома суғуртакунанда вазифадор аст, ки суғурташавандаро огоҳ созад. Аммо суғуртакунанда наметавонад то ғундоштани ҳосиле, ки суғурташаванда коридааст, якҷониба шартномаро пеш аз мухлат қатъ намояд.

Мутобиқи қ. 3 м. 1071 КМ ҶТ, ҳангоми пеш аз мухлат қатъ кардани шартномаи суғурта вобаста ба ҳолатҳои пешбининамудаи қ. 1 моддаи мазкур, агар ин ҳодиса бо сабабҳое ба миён омада бошад, ки ба суғурташаванда ва фоидагиранда алоқаманд набошад, суғуртакунанда мутаносибан ба вақте, ки дар ҷараёни он суғурта амал мекард, бояд маблағи изофагии қисми мукофоти суғуртаи гирифтаашро ба суғурташуда баргардонад. Қисми 1 м. 1071 КМ ҶТ пешбинӣ кардааст, ки шартномаи суғурта дар мавридҳои зерин пеш аз мухлат қатъ карда мешавад:

1. Несту нобуд гардидани молу мулк бо сабабҳои нисбатан ба фарорасии ҳодисаҳои суғурта фарқкунанда (алоқаманднабуда);

2. Тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби шахсе, ки таваккали соҳибкорӣ ё таваккали масъулияти шаҳрвандиро вобаста ба ин фаъолият анҷом медод, яъне қатъ шудани фаъолияти соҳибкорӣ;

3. Ғайри қобили амал ё қобили маҳдуд эътироф кардани шахсе, ки таваккали масъулияти шаҳрвандиаш суғурта шуда буд.

Суғуртакунанда, ҳамзамон, уҳдадор аст, ки дар асоси хоҳиши хаттии суғурташаванда, фоидагирандаро иваз намояд. Дар қоидаҳои суғуртавӣ ва шартнома метавонад суғуртакунанда дигар уҳдадориҳоро низ ба зимма гирифта пурра иҷро намояд. Аз ҷумла, баррасмиятдарории ҳуҷҷатҳо, муқаррар кардани андозаи маблағи суғуртавӣ, ҳангоми зарурат ҷалб намудани мутахассис дар мавриди гузаронидани ташхис, баҳогузорӣ намудани амволи суғурташуда, муқаррар намудани франшизаи суғуртавӣ ва

дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти суғуртавӣ. Суғуртакунанда, ҳамзамон, дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки қонунгузор муқаррар кардааст.

Ҷониби дигари шартномаи суғурта суғурташаванда ба ҳисоб меравад. Зери мафҳуми шахси суғурташаванда шахси воқеӣ ё ҳуқуқие дар назар дошта мешавад, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро ба имзо расонидааст. Вазъи ҳуқуқии шахси суғурташаванда дар боби 53 КМ ҶТ, Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", КЗ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи самти хоҷагидориву соҳибкорӣ ифода ёфтааст. Тазаккур бояд дод, ки ба сифати суғурташаванда шахси ҳуқуқи ва воқеии мукаллафе, ки ба синну соли муқаррарнамудаи қонун расидааст ва дар муносибатҳои ҳуқуқи, ҳуқуқҳояш маҳдуд нагардидааст, баромад карда метавонад. Ба сифати шахси ҳуқуқӣ баромад намудани суғурташаванда дар қонунгузорӣ ягон мушкилии ҳалношавандаро ба миён наовардааст, вале ба сифати суғурташаванда баромад намудани шахси воқеӣ зарур аст, ки як қатор ҳолатҳо ва оқибатҳои ҳуқуқӣ ба инобат гирифта шавад. Албатта, м. 27 КМ ҶТ ба ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола ҳуқуқ додааст, ки аз ҳисоби музди меҳнат, стипендия ва даромади дигари қонунии худ аҳдҳо баста, ҳамчун ҷониби иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ гарданд. Аммо уҳдадории суғурташаванда танҳо дар доираи пардохт намудани ҳаққи суғуртавӣ маҳдуд намегардад, балки дар давоми муҳлати амали шартнома пайдо шудани дигар масъалаҳое, ки аз мазмуни шартнома бар меояд, мумкин аст, ки иҷрои онҳо аз ҷониби ноболиғон ҷониби дигари шартномаро зери суол қарор медиҳад.

Мутахассисон ва олимони соҳа оид ба иҷрои уҳдадориҳо аз ҷониби субъектҳои муносибатҳои суғуртавӣ фикру андешаҳои гуногунро иброз намудаанд. Бархе чунин андеша доранд, ки уҳдадориҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: якум, уҳдадорӣ ин муносибати суғурташаванда ба объекти суғурташуда, аз ҷумла риоя намудани қоидаҳои дурусти истифодабарии объект, муносибати эҳтиёткорона ба ҳаёт ва саломатӣ ва ғайра, ки ҳамаи ин

муносибатҳо аз бохирадӣ, таҷрибадорӣ ва қобилияти дарккунии суғурташаванда дар хусуси мазмунану моҳиятан истифода намудани объекти суғурташванада шаҳодат медиҳад. Дуюм, уҳдадорӣ вобаста ба ҳолати сар задани ҳодисаи суғуртавӣ мебошад. Дар ин маврид суғурташаванда вазифадор аст, суғурткунандаро оид ба сар задани ҳолати суғуртавӣ огоҳ намояд. Ҳамзамон, огоҳ намудани мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати андешидани чораҳо дар хусуси кам кардани хавфи ҳодисаи суғуртавӣ вазифаи аслии суғурташаванда мебошад, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст.

Бинобар ин, қонунгузорӣ барҳақ муқаррар кардааст, ки ҳангоми бастани шартномаи суғурта, ҳатман, шахси мукаллаф баромад намояд. Дар намудҳои алоҳидаи суғурта, ки объектҳояшон гуногун мебошад, метавонад талаботҳои иловагӣ ва гуногун низ ба суғурташаванда вогузор шавад. Ин пеш аз ҳама вобаста аст ба объекти шартнома. Масалан, дар суғуртакунаии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳосилнокии қитъаи замин, мавқеи ҷойгиршавии он, намнокӣ ва шӯрнокии қитъаи замин, мавҷуд будани ҳашаротҳо ва касалиҳои гуногуни сироятӣ, сари вақт гузаронида шудани корҳои агротехникӣ, санитарӣ, дар ҳолати коршоямӣ қарор доштани системаи ирригатсионӣ, мавҷуд будани мутахассисони соҳа ва ғайра ба назар гирифта мешавад. Суғурташаванда бояд баро иҷрои ҳамаи ин талабот қобилияти дарки масъулиятро дошта бошад.

Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки дар баробари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар намуди суғуртакунии ҳатмии давлатӣ ба сифати суғурташванда мақомоти дахлдори давлатӣ низ баромад карда метавонанд. Шартҳои ин намуди шартномаро қонунгузорӣ муқаррар кардааст.

Дар азнавсуғуртакунӣ бошад суғуртакунанда дар як маврид ҳам суғуртакунанда ва ҳам суғурташаванда ҳисоб меёбад ва хавфҳое, ки ба зимма гирифта буд, пурра ё як қисми онро ба суғуртакунанда месупорад. Чун қоида, азнавсуғуртакунӣ дар ин ҳолат дар ду маврид сурат мегирад: якум

мавҷуд будани хавфи калони суғуртавӣ; дуюм, мавҷуд будани маблағҳои калон барои суғуртакунии объект. Аммо новобаста ба ин ҳолатҳо дар назди суғурташаванда, суғуртакунандае, ки аввал ба ӯ шартномаи суғурта ба имзо расонида шуда буд, ҷавобгарӣ ва масъулиятро ба зимма дорад ва дар сурати ба миён омадани ҳолатҳои суғуртавӣ ҳуқуқи талаб кардани пардохтҳои суғуртавиро доро мебошад, зеро яке аз ҳуқуқҳои асосии суғурташаванда ин гирифтани пардохтҳои суғуртавӣ мебошад. Ҳатто суғурташаванда ҳуқуқ дорад, дар давоми муҳлати умумии даъво аз лаҳзае, ки дарк кунад, ки ҳуқуқҳои ӯро суғуртакунанда поймол кардааст, ба мақомоти дахлдори давлатӣ дар хусуси барқарор кардани зарараш мурочиҳат намояд.

Суғурташаванда ҳуқуқ дорад, ки дар интихоб намудани шахси сеюм, яъне фоидагиранда озод бошад. Ҳамзамон, тибқи қонунгузорӣ, дар доираи амали шартнома ҳуқуқ дорад, фоидагирандаро озод намояд, ба истисно мавридҳое, ки агар пурра ё қисман пардохтҳои суғуртавӣ дар давраи амали шартнома пардохт шуда бошад. Агар дар шартномаи суғурта фоидагиранда дақиқ ифода нагардида бошад, пас, дар ин маврид, меъёрҳои қонунгузории маданӣ дар хусуси муайян кардани меросхӯр танзиму муқаррар карда мешавад. Суғурташаванда дорои дигар ҳуқуқҳое низ шуда метавонад, ки қонунгузорӣ ва шартномаи байни ҷонибҳо муқаррар кардааст.

Суғурташаванда дар баробари доштани ҳуқуқ, ҳамзамон, дорои як қатор уҳдадориҳои ба худ хос мебошад. Вазифаи асосии суғурташаванда, пеш аз ҳама, пардохт намудани ҳаққи суғуртавӣ мебошад. Тибқи шартномае, ки ҷонибҳо ба созиш меоянд, суғурташаванда метавонад ҳаққи суғуртавиро давра ба давра пардохт намояд. Аммо берун аз муҳлати муқарраршуда пардохт нагардидани ҳаққи суғуртавӣ боиси беъэтибор донистани шартномаи мазкур хоҳад гашт.

Суғурташаванда, ҳамзамон, вазифадор аст, ки ҳангоми бастани шартнома суғуртакунандаро оид ҳолат ва вазъи имконпазири фарорасии

ҳодисаҳои суғуртавӣ ва дигар хусусиятҳои муҳимми объекти суғуртамешуда, ки барои сар задани хавфҳо аҳаммияти калон дорад, хабардор намояд. Дар сурати пинҳон доштани ин ҳолатҳо, дақиқан ё носаҳеҳ додани маълумот, бақасдона пешниҳод кардани маълумоти бардурӯғ ва дигар омилҳо суғуртакунанда метавонад беэътибор донистани шартномаро талаб намуда, аз пардохт маблағҳои суғуртавӣ даст кашад. Агар пардохтҳои суғуртавӣ дар ин маврид амалӣ шуда бошаду шартномаи мазкур беэътибор этироф шавад, пас, дар ин ҳолат пардохтҳое, ки суғуртакунанда анҷом дода аст, баргардонида мешавад. Ҳаққи суғуртавӣ бошад, ҳамчун даромад ба буҷети ҷумҳурӣ ворид карда мешавад. Вале агар ҳолатҳое, ки оид ба онҳо суғурташаванда изҳор накардааст, аз байн рафта бошанд, пас, дар ин маврид суғуртакунанда наметавонад, беэтибор донистани шартномаро талаб намояд (м.1057 КМ ҶТ.).

Суғурташаванда, новобаста ба оне ки шартномаи суғурта ба имзо расидаасту объект таҳти муҳофизат қарор дорад, аз масъулияти дар ҳолати хуб нигоҳ доштани объект озод намегардад. Суғурташаванда вазифадор аст, ки барои ҳифзу нигоҳдории амволи суғурташуда чораҳои зарурӣ андешад. Қонунгузории мадании ҶТ суғурташавандаро вазифадор намудааст, ки дар сурати ба миён омадани ҳолатҳои суғуртавӣ тамоми чораҳоро ҷиҳати кам кардани хавф андешад. Ҳамзамон, вазифадор аст, ки аз ҳолатҳои ба миён омадани хавфу хатар суғуртакунандаро огоҳ созад. Моддаи 1074 КМ ҶТ ин уҳдадориро ба зиммаи фоидагиранда низ гузоштааст. Дар ин маврид огоҳ накардани суғуртакунанда ва дидаву дониста наандешидани чораҳо ҷиҳати кам кардани хавф ба суғуртакунанда ҳуқуқ медиҳад, ки аз пардохтҳои суғуртавӣ даст кашад. Ҳамзамон, суғурташаванда вазифадор аст, ки дар давоми муҳлати амали шартнома аз ҳама гуна тағйироте, ки нисбати объекти суғурташуда ба миён омадааст ва дар ҳифзу эмин нигоҳ доштани объект аҳаммияти муҳим доранд, суғуртакунандаро фавран огоҳ созад. Ҳолатҳои

муҳим ҳамон ҳолатҳое эътироф мешаванд, ки дар шартнома ифода ёфтаанд. Тағйир додани ҳолатҳои муҳим боиси аз сари нав бастани шартномаи нав мегардад ва агар эҳтимолияти сар задани хавфҳо дар шартнома кам нишон дода шуда бошад, пас, ҳаққи суғуртавӣ низ дар шартнома нисбатан кам нишон дода мешавад ё баръакс. Тибқи м. 1075 КМ ҶТ, тамоми хароҷотҳо бо мақсади кам кардани зиён, ки аз ҷониби суғурташуда масраф шуда буд, аз ҷониби суғуртакунанда пардохт карда мешавад, ҳатто агар тадбирҳои дахлдор натиҷаи дилхоҳ надода бошад ҳам.

Ҳангоми пеш аз муҳлат қатъ кардани шартнома, суғурташаванда вазифадор аст, ки суғуртакунандаро аз шакл ва муҳлате, ки дар шартнома қайд шудааст, огоҳ намояд. Агар дар шартнома чунин ҳолат муқаррар нашуда бошад, пас, дар ин маврид суғурташаванда ҳуқуқ дорад, ки дар дилхоҳ маврид аз иҷрои минбаъдаи шартнома даст кашад. Дар ин маврид суғуртакунанда вазифадор аст, ки ҳаққи суғуртавии пардохтшударо дар муҳлати иҷронашудаи шартнома, бо назардошти кам кардани хароҷотҳояш, ба суғурташуда баргардонад. Дар сурати пеш аз муҳлат қатъ шудани шартномаи суғурта, ки дар он эҳтимолияти сар задани хавф нисбатан коҳиш ёфтааст, суғурташуда ҳаққи баргардонидани маблағи суғуртавиро аз даст медиҳад, зеро ҳангоми бастани шартнома эҳтимолияти сар задани хавф хело зиёд буд. Мувофиқи м. 1080 КМ ҶТ, суғурташаванда вазифадор аст, ки ҳуқуқҳои субрагатсионии суғуртакунандаро таъмин намояд. Дар баробари суғурташаванда фоидагиранда низ вазифадор мебошад, ки ба суғуртакунанда тамоми ҳуҷҷат, маълумот ва далелҳои заруриро супорида ба ӯ тамоми маълумотҳоеро, ки ҷиҳати татбиқи ҳуқуқи талаботи гузашта барояш зарур мебошанд, иттиллоъ диҳад. Дар сурати аз ҷониби суғурташаванда пешниҳод наудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ё бо гуноҳи суғурташаванадае, фоидагиранда сари вақт дастрас нашудани ҳуҷҷатҳои

зарурӣ ба суғуртакунанда ҳуқуқ медиҳад, ки аз пардохти ҷуброни суғурта озод карда шавад.

Дар муносибатҳои суғуртавӣ бештар маврид шахси сеюм иштирокчии ин муносибатҳо мебошад. Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ба сифати шахси сеюм фоидагирандаро муқаррар кардааст. КМ ҶТ бошад, калимаҳои "бадастоваранадаи фоидаро" дар матни худ истифода кардааст, ки бо калимаи "фоидагиранда" ҳаммаъно мебошад. Аммо КМ ҶТ зери мафҳуми бадастоварандаи фоида кадом субъектро дар назар дорад, дар матни худ муқаррар накардааст. Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" фоидагирандаро чунин таъриф додааст: Зери мафҳуми фоидагиранда шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки аз ҷониби суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар шартномаи суғуртавӣ таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст, фаҳмида мешавад.

Ба ибораи дигар, фоидагиранда шахсе мебошад, ки ба фоидаи ӯ шартномаи суғурта ба имзо расонида шудааст. Иштироки фоидагиранда дар муносибатҳои суғуртавӣ танҳо бо хоҳиши суғурташаванда амали карда мешавад. Албатта, таҷриба нишон медиҳад, ки дар баъзе маврид бе назардошти ба инобат гирифтани фикру андешаи суғурташаванда дар ин муносибатҳо фоидагиранда иштирок мекунад. Фоидагирандае, ки дар шартномаи суғурта қайд гардидааст, бояд дар муносибатҳои суғуртавӣ манфиатдор бошад, зеро дар сурати манфиатдор набудани фоидагиранда шартномаи мазкур беэътибор ҳисоб карда мешавад.

Фоидагирандае, ки аз ҳуқуқҳои шартномаи суғуртавӣ бархӯдор шудааст, ухдадориҳои муайянро ба даст меорад. Агар фоидагиранда оид ба меъёрҳои шартнома иродаи худро баён намояд, пас, дар ин маврид ӯ бевосита субъекти ин муносибатҳо ҳисоб меёбад. Бастани шартномаи суғурта ба манфиати фоидагиранда суғуртакунандаро аз иҷрои ухдадориҳое, ки аз

мазмуни шартнома ба миён омадааст, озод намекунад. Моддаи 1069 КМ ҶТ муқаррар кардааст, ки суғурташаванда ҳуқуқ дорад бадастоварандаи фоидаро, ки дар шартнома зикр гардидааст, ба шахси дигар иваз намояд ва ба таври хаттӣ суғуртакунандаро огоҳ созад. Бадастоварандаи фоида наметавонад баъди он ки ӯ ин ё он уҳдадориро вобаста ба шартномаи суғурта анҷом додааст ё ба суғуртакунанда дар мавриди пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта талабот пешниҳод кардааст, ба дигар шахс иваз намояд.

Қонунгузорӣ бастани шартномаи суғуртаи молумулкро ба манфиати фоидагиранда бидуни зикри ном ё номгӯи бадастоварандаи фоида муқаррар кардааст (қ.2 м. 1043 КМ ҶТ). Аммо дар ин ҳолат низ бадастоварандаи фоида бояд манфиатдор бошад. Дар шартномаи суғурта зикр кардани шахси - сеюм фоидагиранда, аз он шаҳодат медиҳад, ки фоидагиранда ҳуқуқ дорад дар сурати ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ мустақилона аз суғуртакунанда маблағи суғуртавиро талаб намояд. Агар суғурташаванда дар шартномаи суғурта фоидагирандаро дарҷ накарда бошад, пас, дар ин маврид, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, гирифтани пардохтҳои суғуртавӣ аз ҷониби меросхӯрон амалӣ карда мешавад.

Қонунҳои амалкунандаи ҶТ дар баробари суғуртакунанда, суғурташаванда ва фоидагиранда дигар иштирокчиёни муносибатҳои суғуртавиро муқаррар кардааст, ки ба онҳо дохил мешавад: агентҳои суғуртавӣ, брокерҳои суғуртавӣ, сюрвейрҳои суғуртавӣ, ташкилотҳои акутарйи ва ғайра.

Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” зери мафҳуми агенти суғуртавӣ шахси воқеӣ ва ҳуқуқиеро дар назар гирифтааст, ки фаъолиятро оид ба ташкили бастани шартномаҳои суғурта бо супориши ташкилоти суғуртавӣ аз номи он анҷом медиҳад. Фаъолияти агентҳои суғуртавӣ бештар ҳангоми бастани шартномаҳои суғуртавие, ки дар шакли ихтиёрӣ ба миён омадааст, ба назар мерасад. Агентҳои суғуртавӣ ҳангоми пешниҳод

намудани хизматрасониҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртакунанда ба суғурташавандаҳо тамоми паҳлуҳо ва шартҳои шартнома, қоидаҳои суғуртавӣ, омода ва пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои лозима ҳангоми ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти суғуртавиро пурра мефаҳмонанд. Агентҳои суғуртавӣ ҳуқуқ доранд, танҳо аз номи як ташкилоти суғуртавӣ баромад намуда, ҳуқуқу манифатҳои онҳоро ба суғурташавандагон муаррифӣ намоянд.

Брокери суғуртавӣ шахси воқеӣ ва ҳуқуқиест, ки фаъолиятро оид ба хизматрасонӣ барои анҷом додани амалиёти ҳуқуқӣ ва дигар амалҳо нисбати бастан, тағйир додан, қатъ намудан ва иҷрои шартномаҳои суғурта бо супориши шахсони воқеӣ ё ҳуқуқи (суғурташавандагон) аз номи худ, вале аз ҳисоби шахсони мазкур ё иҷрои амалиёти суғурта (азнавсуғуртакунӣ) аз номи суғурташавандагон (азнавсуғур-ташавандагон) ё ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва аз ҳисоби онҳо иҷро менамояд, инчунин, фаъолияти машваратиро оид ба масъалаҳои суғуртавӣ анҷом медиҳад. Брокери суғуртавӣ барои анҷом додани фаъолияти худ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ иҷозатнома мегирад.

Вазифаи асосии брокери суғуртавӣ ин доштани махзани ягонаи маълумот оид ба суғуртакунандаҳо мебошад. Ҳамзамон, брокерҳои суғуртавӣ дар асоси махзани ягонаи маълумот ба суғурташавандагон дар хусуси эътимоднок будани ташкилотҳои суғуртавӣ тавсияҳои асоснок пешниҳод менамоянд.

Агар суғурташаванда бо ташкилоти суғуртавӣ бо тавсияи брокери суғуртавӣ шартнома ба имзо расонидаву ҳамкориҳоро оғоз намуда бошад, пас, дар ин маврид, суғурташаванда вазифадор мешавад, ки ба брокери суғуртавӣ як миқдор фоизи муайяни маблағ барои хизматрасониаш пардохт кунанд. Фарқияти функсияи барокери суғуртавӣ аз агенти суғуртавӣ дар он ифода меёбад, ки брокери суғуртавӣ аз номи худаш баромад мекунад, вале

ҳуқуқи бастани шартномаи суғуртавиро надорад. Агенти суғуртавӣ бошад, ҳуқуқи аз номи худ баромад карданро надорад, вале ҳуқуқи бастани шартномаро аз номи ташкилоти суғуртавӣ доранд.

Мақсади асосии брокери суғуртавӣ ё ташкилоти брокерӣ ҳамчун субъекти бозори хизматрасонии суғуртавӣ ин ба даст овардани фоида мебошад. Барокерҳои суғуртавӣ, аслан, фаъолияти миёнавравиро амали менамоянд. Брокерҳои суғуртавӣ аҳдҳоро бо тарзҳои зерин ба расмият медароранд:

1. аз ном ва аз ҳисоби мизоҷ;
2. аз номи миёнарави биржавӣ ва ҳисоби мизоҷ;
3. аз номи мизоҷ ва аз ҳисоби миёнарави биржавӣ.

Чун қоида, ташкилотҳои брокерӣ ҳамчун шахси ҳуқуқи таъсис дода мешаванд ва фаъолияти худро дар асоси иҷозатномае, ки мақомоти назорати давлатӣ муқаррар кардааст, ба роҳ мемонанд. Ташкилотҳои брокерӣ фаъолияташонро дар доираи қонунҳои амалкунанда ба роҳ мемонанд ва пеш аз он ки ба фаъолият оғоз намоянд, дар баробари доштани иҷзотномаи мақомоти назорати давлатӣ, вазифадор мебошанд, ки дар биржаҳои молӣ худро ба қайд гирифта соҳиби рақам ва рамзи тиҷоратӣ шаванд. Пас аз риояи ҳама расмиёти маъмурие, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, ташкилотҳои брокерӣ метавонанд ба фаъолияти кори оғоз намоянд. Брокерҳои суғуртави фаъолияти худро пас аз оне, ки дар ташкилотҳои брокери аз акредитатсия гузаштаанд, иҷозат медиҳанд, ки ба фаъолият оғоз намоянд.

Брокерҳои суғуртавӣ чунин амалиётроҳоро ба анҷом мерасонанд:

1. Баҳогузорӣ (экспертиза) намудани предмети суғурта;

2. Пайваста гузаронидани таҳлилҳои муқоисавии хизматрасониҳои суғуртавӣ ва ҳолати молиявии якчанд ташкилоти суғуртавӣ;

3. Интихоби намудани суғурташавандагоне, ки нисбатан ба суғуртакунандаҳо мувофиқ мебошанд;

4. Барасмиятдарории шартномаи суғурта ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурие, ки бо хоҳиши суғурташаванда ба миён омадааст;

5. Назорати иҷрои ҳаққи суғуртавӣ аз ҷониби суғурташаванда ба суғуртакунанда;

6. Додани машварат ва мусоидат кардан ҷиҳати гирифтани пардохти суғуртавӣ, ҳангоми ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ;

7. Ҷамъ намудани маълумоти дорои характери иқтисодиву молиявӣ дошта ва ғайра.

Тазаккур бояд дод, ки хизматрасониҳои брокерӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаи аввали рушд ва инкишоф қарор доранд.

Сюрвейерҳо низ мисли дигар иштирокчиёни бозори суғурта ҳисоб ёфта, вазифаи асосии онҳо аз назаргузаронӣ ва баҳогузорӣ намудани амволе, ки зери объекти суғурта қарор гирифтааст, иборат мебошад. Аслан, сюрвейрҳо кормандони ҷамъиятҳои суғуртавӣ ҳисоб меёбанд ё метавонанд, ҳамчун субъекти алоҳида, яъне ташкилотҳои сюрвейрӣ фаъолият намоянд. Сюрвейрҳо вазифадор мебошанд, ки пеш аз ба имзо расонидани шартномаи суғурта амволро пурра аз назар гузаронида, сифат, миқдор, ҳолат ва дигар хусусиятҳои муҳимми амволро дақиқ намуда, дар ин хусус ба суғуртакунанда хулоса пешниҳод намояд. Баъзан ташкилотҳои сюрвейрӣ уҳдадории бехатарии ҳамлу нақли молу маҳсулотҳоро низ ба зимма гирифта, иҷро мекунанд. Мақсади асосии фаъолияти сюрвейрҳо ин кам кардани хавф иборат мебошад.

Актуарий ҳамчун субъекти муносибатҳои суғуртавӣ ба ҳисоб рафта вазифаи асосиаш ба таври касбӣ пеш бурдани ҳисобҳои иқтисодию риёзӣ мебошад. Онҳо фаъолияташонро аз рӯи методологияи тарзи пеш бурдани ҳисобу китоб амалӣ менамоянд.

Фаъолияти ташкилотҳои актуарий аз таҳлилу анҷомдиҳии ҳисобҳои иқтисодию риёзӣ, муайян кардани ҳаҷми уҳдадориҳо, муайян кардани меъёри мукофотҳои (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯи шартнома, ҳамзамон, арзёбӣ намудани фоидаоварӣ ва даромаднокии намудҳои суғурта, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ анҷом дода мешавад, иборат мебошад. Ташкилотҳои актуарий фаъолияти худро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монда дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ фаъолият менамоянд. Актуарҳо мутахассисоне мебошанд, ки фаъолияти худро, аслан, дар асоси таҳлилҳои математикӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муҳимми иқтисодиву иҷтимоӣ, тиҷоративу молиявӣ  ва дигар самтҳои хоҷагии халқ ба роҳ монда баҳогузории хавфро пешниҳод менамоянд. Онҳо фаъолияти худро ҳамчун хизматрасонӣ ҳисоб намуда, дар баробари доштани иҷозатномаи мақомоти назорати суғуртавӣ ҳамзамон дар асоси шартномаҳои хизматрасонӣ ба роҳ мемонанд.

Объектҳои зерин аз ҷониби акутарҳо ба таври ҳатмии баҳогузорӣ карда мешаванд:

- фаъолияти мақомоти назорати давлатӣ ҳангоми таҳия намудани тарифҳои суғуртавӣ оид ба суғуртаи ҳатмӣ;
- фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ;
- фаъолияти ташкилотҳои суғуртаи мутақобила.

Ҳамагуна субъектҳои муносибатҳои суғуртавие, ки дар боло ишора карда шуд, дар шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ таври васеъ иштирок карда ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст ва аз мазмуни шартнома бармеоянд иҷро менамоянд. Хусусиятҳои фарқкунандаи қисме аз вазифаҳои субъектҳо танҳо аз объекти суғурташуда иборат мебошад, яъне ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои суғуртавӣ вобаста ба объекти суғурташуда метавонад каму зиёд ё дигаргун ифода шаванд.

Бо ин тартиб субъекти муносибатҳои суғуртавӣ аз ду гурӯҳ иборат мебошад: гурӯҳи якум ҳамон гурӯҳе ҳисоб меёбад, ки қадамҳои аввалро ба бастани шартнома мегузорад; гурӯҳи дуюм бошад, ҳамон гурӯҳе ҳисоб меёбанд, ки шартномаи басташудаи гурӯҳи якумро мукаммал намуда идома медиҳад.

Аз баски суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо иштироки давлат сурат мегирад, бинобар ин, шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳамчун шартномаи сеҷониба ҳисоб меёбад. Ба гурӯҳи якум дохил мешавад: суғуртакунанда, суғурташаванда ва давлат. Ба гурӯҳи дуюм, дохил мешавад: агентҳои суғуртавӣ, барокерҳои суғуртавӣ, сюрвейрҳои суғуртавӣ, актуариҳои суғуртавӣ ва ғайраҳо.

Ҳамаи ин иштирокчиёни касбии бозори суғурта аз ҷониби БМТ мавриди санҷиш қарор дода мешавад. Мувофиқи қарори Раёсати БМТ аз 16 майи соли 2018, таҳти №73 ва бо тағйиру иловаҳо аз 13 сентябри соли 2019, таҳти №115, Тартиби гузаронидани санҷиши иштирокчиёни касбии бозори суғурта тасдиқ карда шудааст.

Тартиби мазкур дар асоси м. 7 Қонуни ҶТ "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", м. 33 ва 34 Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ва м. 21 Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи мутақобила" таҳия гардида, тартиби гузаронидани санҷиши иштирокчиёни касбии бозори суғурта (ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила, брокери суғуртавӣ, ташкилотҳои актуарӣ, адҷастерӣ, сюрвейери суғуртавӣ), филиалҳо ва намояндагиҳои онҳоро (минбаъд – ташкилот) муқаррар менамояд.

Мақсади асосии санҷиши ташкилотҳо аз ҷониби БМТ ин назорати соҳаи фаъолияти суғурта мебошад. Гузаронидани санҷиш дар ташкилотҳо бо мақсади нигоҳдории низоми устувори соҳаи суғурта дар ҶТ ва ташаккули инфрасохтори бозори суғурта, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон, баҳогузории

вазъи умумии ҳолати молиявӣ ё худ муайянсозии самтҳои алоҳидаи фаъолияти онҳо дар маҳалҳо, инчунин баҳогузории дигар вазифаҳое, ки қонунгузории ҶТ дар соҳаи суғурта муайян кардааст, ба таври дуруст амалисозии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, муайян кардани дурустии андозаи хавфҳои суғуртавӣ, санҷиши далелнокии пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ, ташаккулдиҳии фондҳои захиравии суғуртавӣ ва мақсаднок истифодабарии онҳо, эътимоднокии маблағҳои суғуртавии бауҳдагирифташуда, мавҷудият ва кифоягии сармояи оинномавӣ, низоми идоракунии хавфҳо ва ташкили назорати аудити дохилӣ, вазъи молиявӣ ва дурнамои фаъолият, ҳамчунин ошкор намудани амалу кӯшишҳое мебошад, ки манфиатҳои суғуртакунандагонро поймол мекунад.

Тартиби мазкур нисбат ба ташкилотҳо, филиалҳо ва намояндигиҳои онҳо татбиқ мегардад.

Гузаронидани санҷиши ташкилот, ки аз ҷониби БМТ (минбаъд санҷиш) амалӣ карда мешавад, вазифаи он санҷишҳоеро, ки ташкилотҳои аудиторӣ мегузаронанд ва (ё) худ тафтиши ҳуҷҷатҳоеро, ки мутобиқи қонунгузории ҶТ барои ҷамъоварии далел аз рӯи парвандаҳои ҷиноӣ ва дигар парвандаҳо анҷом дода мешаванд, дар бар намегирад.

Санҷиш дар асоси нақшаи гузаронидани санҷиш дар ташкилотҳо дар як сол як маротиба аз нуқтаи назари равиши ба хавф нигаронидашуда бо назардошти хавфҳои мавҷуда, аз ҷумла хавфҳои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва дар дигар ҳолатҳои берун аз нақша (дар ҳолатҳои зарурӣ) аз ҷониби мутахассисони (кормандони) воҳиди сохторӣ оид ба назорати суғуртавии БМТ (минбаъд – гурӯҳи санҷишӣ) гузаронида мешавад. Давраи бо санҷиши ҳамаҷониба фарогирии фаъолияти ташкилотҳо аз 2 соли тақвимии сипаришуда то оғози санҷиш, бе назардошти ҳолатҳои истисноӣ, зиёд буда наметавонад.

Ба нақшаи санҷиш, пеш аз ҳама, ташкилотҳое дохил карда мешаванд, ки дар бораи вазъи ноустувори молиявӣ ё норасоию камбудиҳо ва вайронкунии қоидаҳои фаъолияти онҳо маълумот ворид шудааст.

Нақшаи санҷишҳо аз тарафи воҳиди сохторӣ оид ба назорати суғуртавии БМТ ҳар нимсола дар асоси равиши ба хавф нигаронидашуда, бо назардошти хавфҳои мавҷуда, аз ҷумла хавфҳои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом омода карда шуда, аз ҷониби муовини раиси БМТ – сарпарасти воҳиди сохторӣ, тасдиқ карда мешавад.

Санҷиши берун аз нақша (таҳлилӣ ё дар ҳолати ошкор гардидани камбудиҳо) бо дастури раиси БМТ ё муовини ӯ, ки воҳиди сохторӣ оид ба назорати суғуртавиро сарпарастӣ мекунад, гузаронида мешавад.

Санҷиш дар асоси ҳуҷҷате, ки ваколати гурӯҳи санҷиширо барои гузаронидани санҷиш тасдиқ мекунад (минбаъд - Супоришнома), гузаронида мешавад. Дар Супоришнома ҳайати гурӯҳи санҷишӣ, бо нишон додани роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ дарҷ карда мешавад. Супоришнома мутобиқи замимаи №1 Тартиби мазкур дар ду нусха таҳия мегардад. Дар ҳолати тағйир додани ҳайати шахсии гурӯҳи санҷишӣ ба Супоришнома илова ворид карда мешавад, ки он ҷузъи таркибии Супоришнома маҳсуб ёфта, мутобиқи замимаи №2 Тартиби мазкур, дар ду нусха таҳия карда мешавад.

Раиси БМТ ё муовини раиси ин бонк сарпарасти воҳиди сохторӣ ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда (минбаъд – шахси мансабдор) ҳуқуқи имзо кардани Супоришномаро доранд. Сарпарасти (мутахассиси воҳиди сохторӣ оид ба назорати суғуртавӣ) ташкилоти санҷишшаванда то оғози санҷиш бояд маълумоти зеринро омода намояд:

- ҳисоботи ягонаи молиявии маҷмуӣ;

- ҳисобот оид ба таҳлили фаъолияти молиявӣ;

- норасоиҳо дар давоми сол;

- камбудиҳо дар ҷойҳои осебпазир ва ғайра.

Санҷиши ташкилот аз лаҳзаи аз тарафи роҳбари гурӯҳи санҷишӣ ба роҳбари ташкилот супоридани Супоришнома оғоз гардида, пас аз супоридани санади санҷишӣ барои шиносоӣ ба ташкилот, дар асоси пайнавишти қабулу супурдани он ба итмом мерасад.

Муҳлати санҷиши ҳамаҷонибаи ташкилот метавонад, дар алоҳидагӣ то 30 рӯзи корӣ муқаррар гардад. Дар ҳолатҳои истисноӣ (вобаста ба зарурати истеҳсолӣ) метавонад дар асоси гузориши роҳбари гурӯҳи санҷишӣ ва розигии сарпарасти воҳиди сохторӣ иловатан ба муҳлати то 10 рӯзи корӣ тамдид карда шавад. БМТ ҳуқуқ надорад, ки такроран аз рӯи ҳамон як масъалаи давраи фаъолияти санҷидашудаи ташкилот бештар аз як маротиба санҷиш гузаронад, ба истиснои ҳолатҳои зерин:

- вобаста ба азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии ташкилот;

- дар асоси қарори Раёсати БМТ дар ҳолатҳои боздошт ё қатъи амали иҷозатнома.

Шахси мансабдор дар асоси гузориши роҳбари гурӯҳи санҷишӣ метавонад оид ба боздошт ё қатъи санҷиши ташкилот дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои зерин қарор қабул намояд:

- Асос барои боздоштани санҷиш:

- таҳдид ба ҳаёт ва саломатии роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ;

- мамониати ташкилот ба гузаронидани санҷиш;

- ҳузур надоштани роҳбарияти ташкилот;

- дигар ҳолатҳо, ки вобаста ба зарурати истеҳсолӣ барои гузаронидани санҷиш монеа эҷод мекунанд.

Асос барои қатъ кардани санҷиш:

- аз ташкилот бозхонд намудани иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти суғуртавӣ;

-ҳангоми азнавташкилдиҳӣ ва ё ивазшавии шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот;

- таъини маъмурияти муваққатӣ оид ба идоракунии ташкилот;

- таҳдиди хатар ба манфиатҳои қонунии суғуртакунандагону суғурташавандагон.

Дар ҳолати аз ҷониби шахси мансабдор, ки Супоришномаро имзо кардааст, қабул гардидани қарор оид ба қатъи санҷиши ташкилот, натиҷаҳои санҷиши он мутобиқи Тартиби мазкур ба расмият дароварда мешавад.

Огоҳинома оид ба боздоштани санҷиш, ки мутобиқи замимаи №3 ба Тартиби мазкур таҳия гардидааст, ба роҳбари ташкилот фиристода мешавад ва натиҷаҳои санҷиши он мутобиқи тартиботи дар Боби 7 Тартиби мазкур пешбинишуда, ба расмият дароварда мешаванд. Шахси мансабдор, ки дар бораи боздоштани санҷиш хулоса баровардааст, дар сурати бартараф шудани ҳолатҳое, ки барои боздоштани санҷиш асос шуда буданд, дар хусуси аз нав давом додани санҷиш қарор қабул мекунад. Дар мавриди аз нав давом додани санҷиш дар ҳолати зарурат ба Супоришнома, мутобиқи замимаи 2 Тартиби мазкур, илова ворид карда шуда, ба расмият дароварда мешавад.

Омодагӣ барои гузаронидани санҷиши ташкилот дар асоси маълумоте, ки БМТ барои мушаххас кардани масъалаҳои мавриди санҷиш қарордошта дар ихтиёр дорад, барои давраи санҷиш ва муайян кардани ҳаҷми ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани санҷиш зарурӣ, ки ба сурати намуна гирифта мешаванд, бо назардошти баҳогузории пешакии ҳолатҳои зерин сурат мегирад:

- вазъи молиявии ташкилот;

- низоми идоракунии хавфҳои ташкилот;

- дурустии ҳисоботҳое, ки ташкилот ба БМТ пешниҳод, мекунад;

- бартараф кардани камбудию норасоиҳое, ки дар рафти санҷишҳои қаблии ташкилот ошкор шуда буданд;

- иҷро гардидани талаботи қонунгузории ҶТ дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом.

Санҷиши ташкилот бо огоҳонидани пешакӣ сурат мегирад. Огоҳиномаи пешакӣ оид ба гузаронидани санҷиш ба роҳбари ташкилот на кам аз ду рӯз қабл аз оғози санҷиш фиристода мешавад. Огоҳиномаи пешакӣ оид ба гузаронидани санҷиши ташкилот метавонад дорои талаботе бошад, ки ташкилот ҷиҳати таъмини мусоидат ба гузаронидани санҷиш амали мушаххасеро бояд иҷро намояд, аз ҷумла:

- омода намудани ҳуҷҷатҳо (маълумот) оид ба масъалаҳое, ки бояд санҷида шаванд, ё барои санҷиш заруранд;

- анҷом додани чораҳои ташкилӣ, аз ҷумла ҷудо кардани утоқи алоҳидаи хидматӣ барои гурӯҳи санҷишӣ ва бо воситаҳои ташкилию техникӣ муҷаҳҳаз кардани он.

Санҷиш аз лаҳзаи аз ҷониби роҳбари гурӯҳи санҷишӣ пешниҳод намудани Супоришнома сар мешавад. Роҳбари гурӯҳи санҷишӣ нусхаи аввали Супоришномаро ба роҳбари ташкилот месупорад. Далели гирифтани Супоришнома дар нусхаи дуюми он бо имзои роҳбари ташкилот, ки Супоришномаро гирифтааст, бо нишон додани вазифа, ному насаб, инчунин таърих ва вақти гирифтани он тасдиқ карда мешавад. Нусхаи дуюми Супоришнома дар назди роҳбари гурӯҳи санҷишӣ нигоҳ дошта мешавад.

Иловаи Супоришнома, тибқи Тартиби мазкур, ба роҳбари ташкилот супорида мешавад. Роҳбар ва кормандони ташкилот, аз ҷумла кормандони масъули филиалҳо ва намояндагиҳои он вазифадоранд, ки мутобиқи Тартиби мазкур, аз лаҳзаи нишон додани Супоришнома дар гузаронидани он мусоидат намоянд.

Санҷиши ташкилот, филиалҳо ва намояндагиҳои он тибқи масъалаҳое, ки дар замимаи 7 Тартиби мазкур муайян гардид, гузаронида мешавад. Ҳангоми зарурат дар давраи гузаронидани санҷиш роҳбари гурӯҳи санҷишӣ, дар мувофиқа бо шахси мансабдор, ки Супоришномаро имзо кардааст, барои муҳокимаи натиҷаҳои пешакии санҷиши ташкилот ҷиҳати аз он талаб намудани тавзеҳоти иловагӣ барои бартараф кардани ихтилофоти эҳтимолӣ дар масъалаи мавҷудияти камбудию норасоиҳои ошкоршуда, ҳисобдории нодуруст ва инъикос кардани онҳо дар санади санҷишӣ ва имкони бартараф кардани онҳо бо роҳбари ташкилот машварат доир менамояд.

Гурӯҳи санҷишӣ дар фаъолияти худ қонунҳои ҶТ "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”, “Дар бораи суғуртаи мутақобила”, "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом", Тартиби мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро мавриди амал қарор медиҳанд.

Роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ ҳифзу нигаҳдорӣ ва баргардонидани ҳуҷҷатҳоеро, ки аз ташкилот гирифтаанд, таъмин мекунанд. Вазифаи ташкили ҳамкориҳои тарафайни гурӯҳи санҷишӣ аз рӯи ҳамаи масъалаҳои гузаронидани санҷиш ба зиммаи шахсони зерин вогузор мегардад:

- роҳбари гурӯҳи санҷишӣ ва аъзоёни гурӯҳ;

-кормандони масъули филиалҳо ва намояндагиҳои ташкилоти санҷидашаванда дар ҳолати гузаронидани санҷиши онҳо. Роҳбари гурӯҳи санҷишӣ вақти ҳар рӯз дар бино ва дигар биноҳои хизматии ташкилот фаъолият кардани гурӯҳро дар давоми муҳлати санҷиш бо назардошти тартиби кории дар он амалкунанда, муқаррар карда, барои назорати иҷрои он масъул мебошад.

Роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ ҳуқуқ доранд:

- ба биноҳои хизматии ташкилоти мавриди санҷиш қарордошта, ки маълумотҳои иттилоотиро ҷамъ, коркард ва нигаҳдорӣ мекунанд, дар мавриди зарурат бо ҳамроҳии кормандони махсуси ҷудошудаи он ё кормандони дигар ташкилоте, ки дар асоси шартнома риоя шудани тартиби гузарномадиҳӣ ё ҳифзу нигаҳбонии ташкилотро анҷом медиҳанд, бемамоният ворид шаванд;

- аз воситаҳои техникӣ, аз ҷумла компютерҳо, флешкаҳо ва дигар воситаҳои электронӣ, калкуляторҳо, дастгоҳҳои нусхабардорӣ, сканерҳо, телефонҳо (аз ҷумла телефони хизматӣ, ки барои гузаронидани санҷиш ва ташкили фаъолияти гурӯҳи санҷишӣ зарур мебошад), истифода намоянд;

- дар давраи санҷиш ҳамаи он ҳуҷҷатҳо (иттилоот)-и барои санҷиш зарур бударо аз роҳбар ва кормандони масъули ташкилот талаб намоянд, аз ҷумла:

- ҳуҷҷатҳои ташкилию фармоишӣ, дастурамалҳо, низомномаҳо, дастурҳо, қоидаҳо ва дигар санадҳои дохилии ташкилот;

-маводи хадамоти назорати дохилӣ ё аудити дохилии ташкилот, аз ҷумла ҳисоботҳо, хулосаҳои хадамоти назорати дохилӣ ё аудити дохилӣ ва натиҷаи баррасии онҳо;

- гирифтани баёноти хаттии шахсони масъули ташкилотро оид ба масъалаҳои дар рафти санҷиш бамиёномада, ки ҷузъи таркибии санади санҷишӣ мебошад;

- ҳисоботи молиявӣ, оморӣ ва фаврии ташкилот;

- эзоҳнома, маълумотномаҳо, тавзеҳоти хаттии роҳбари ташкилот ва кормандони он;

- хулосаҳои аудиторӣ оид ба ҳисоботи молиявии ташкилот;

- санадҳо ва маводи санҷишҳои қаблии ташкилот, ки аз ҷониби БМТ ва дигар мақомоти дахлдор ҷиҳати риояи қонунгузории ҶТ гузаронида шудаанд;

- шартномаҳое, ки ташкилот бастааст;

-ҳуҷҷатҳо оид ба иҷрои талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби ташкилот дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;

- ҳуҷҷатҳои ташкилотро нусхабардорӣ кунанд.

Ҳуҷҷатҳо (иттилоот)-и ташкилот, ки барои гузаронидани санҷиш заруранд, дар асоси дархости пешниҳоди ҳуҷҷатҳо (иттилоот), дар муҳлати дархостшуда, ба аъзои гурӯҳи санҷишӣ пешниҳод карда мешаванд.

Роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ уҳдадоранд:

- маълумотеро, ки мувофиқи қонунгузории ҶТ, сирри ташкилот ё суғурташавандагон мебошад, фош накунанд, ҳуҷҷату файлҳои аз ташкилот гирифтаро маҳфуз нигоҳ доранд;

- пас аз анҷоми санҷиш таҷҳизоти техникии дархостшударо баргардонанд;

- баҳои воқеии ташкилоти санҷидашавандаро, мутобиқи қонунгузории ҶТ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дар санад дарҷ намоянд.

Ташкилот уҳдадор аст, ки ба роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ дар гузаронидани санҷиш мусоидат намояд. Роҳбари ташкилоте, ки мавриди санҷиш қарор мегирад, на дертар аз 1 рӯзи кории пас аз санаи оғози санҷиш уҳдадор аст:

- шахсони мансабдори ташкилот ва кормандони онро, ки бояд бо роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ ҳамкорӣ намояд, салоҳият ва масъулияти онҳоро баҳри таъмини дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани санҷиш зарурӣ муайян кунад;

- дар шакли хаттӣ оид ба кормандони масъул роҳбари гурӯҳи санҷиширо огоҳ намояд.

Роҳбар ва кормандони ташкилот дар давраи санҷиш уҳдадоранд:

- аз санаи оғоз то анҷоми санҷиш, ворид шудани роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиширо бо нишон додани ҳуҷҷати расмие, ки БМТ додааст, ба бино ва дигар биноҳои хидматии он таъмин намоянд;

- дар бинои хидматии ташкилот барои гурӯҳе, ки аз кормандони он ва шахсони бегона ҷудо карда шудаасту ҳифзу посбонӣ мешавад ва бо воситаҳои зарурӣ, ҷевонҳои насӯзанда барои нигаҳдории ҳуҷҷатҳо, компютерҳои дорои таъмини барномавӣ, воситаҳои ташкилию техникии бо роҳбари гурӯҳи санҷишӣ мувофиқашуда муҷаҳҳаз аст, барои роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ шароити мусоиди корӣ фароҳам оваранд;

- роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиширо бо ҳуҷҷатҳое (иттилооте), ки барои гузаронидани санҷиш заруранд таъмин намоянд.

Маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё дигар сирре, ки дар ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани санҷиш зарур мавҷуд аст, наметавонад боиси рад гардидани пешниҳоди онҳо ба гурӯҳи санҷишӣ гардад. Маълумоте, ки дорои сирри тиҷоратӣ ё дигар сирри ташкилоти санҷидашаванда ва суғурташавандагони он мебошад, дар асоси дархост, бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории ҶТ, ба гурӯҳи санҷишӣ дода мешавад. Бо талаби роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ нусхаи ҳуҷҷатҳои (иттилооти) пешниҳодшаванда бояд дар парванда дӯхта шуда, бо имзои роҳбари ташкилот ва сармуҳосиби он ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда ва нақши муҳри ташкилот тасдиқ карда шавад.

Дар ҳолати набудани ҳуҷҷатҳо (иттилоот) ё сар задани ҳолатҳои дигаре, ки дар муҳлати муқарраркардаи дархостнома ба пешниҳод шудани онҳо монеъ мегарданд, роҳбари ташкилот ва ё шахси ӯро ивазкунанда бояд то тамом шудани муҳлати таъиншудаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо (иттилоот) ба роҳбари гурӯҳи санҷишӣ оид ба сабабҳои иҷро нагардидани дархостнома ҷавоби хаттӣ пешниҳод кунад. Роҳбар ва кормандони ташкилот, ҳамчунин, кормандони дигар ташкилотҳое, ки онро дар асоси шартнома посбонӣ мекунанд, ҳуқуқ надоранд:

- воситаҳои ташкилию техникии мавриди истифодаи роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиширо санҷанд, дигар ҳуҷҷатҳои хидматиро гиранд, аз назар гузаронанд ва ё ба истифодабарии онҳо ҳангоми гузаронидани санҷиш имконият надиҳанд;

- аз роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ бо таври шифоҳӣ ё хаттӣ баёнот додан ва ё иҷрои ягон уҳдадориро талаб кунанд;

- аз роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ дигар талаботеро, ки қонунгузории ҶТ ва Тартиби мазкур пешбинӣ накардааст, талаб намоянд.

Ташкилот ҳуқуқ дорад бо риояи талаботи муқарраркардаи қонунгузории ҶТ ва бо розигии БМТ, ки фаъолияти онро назорат мекунад, санади санҷиширо бо дархости ташкилотҳои аудиторӣ, ки санҷиши аудитории ташкилоти мазкурро анҷом медиҳанд, пешниҳод намояд.

Аз ҷониби ташкилот иҷро накардани (иҷрои номатлуби) уҳдадориҳо барои мусоидат барои гузаронидани санҷиш дар ташкилот, ки Тартиби мазкур муқаррар намудааст, ҳамчун мамониат ба гузаронидани санҷиш ба ҳисоб меравад. Далели мамониат кардан ба гузаронидани санҷиш инҳоянд:

- рад намудани гирифтани Супоришнома пас аз пешниҳод шудани он аз ҷониби роҳбари ташкилот ё саркашӣ аз тасдиқи далели гирифтани Супоришнома;

- мутобиқи Тартиби мазкур, дар ҳаҷми пурра аз ҷониби ташкилот пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳо (маълумот) ё нусхаи онҳо дар асоси дархости пешниҳоди ҳуҷҷатҳо (маълумот), ки онро роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ барои иҷро дар муҳлати аз ҷониби он муқарраркарда тартиб додаанд;

- саркашии роҳбари ташкилот аз шиносоӣ бо санади санҷишӣ ё аз имзо намудани он, тибқи муқаррароти боби 7-и Тартиби мазкур.

Роҳбари гурӯҳи санҷишӣ дар ҳолати мамониат ба гузаронидани санҷиш, мутобиқи замимаи №4 Тартиби мазкур, дар ду нусха санад тартиб медиҳад.

Санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш аз ҷониби роҳбари гурӯҳи санҷишӣ ва як ё зиёда аз он аъзои гурӯҳи санҷишӣ имзо карда мешавад. Роҳбари гурӯҳи санҷишӣ санад дар бораи мамониат кардан ба гузаронидани санҷишро ба роҳбари ташкилот месупорад.

Далели гирифтани санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш дар нусхаи дуюми он бо имзои роҳбар ё корманди масъул, ки санадро гирифтааст, бо нишон додани вазифа, ному насаб, инчунин таърих ва вақти гирифтани он тасдиқ карда мешавад. Агар роҳбари ташкилот ё корманди воҳиди сохторӣ гирифтани санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш ё имзо кардани онро, ки далели гирифтани санадро тасдиқ мекунад, ё рад менамояд, он гоҳ дар санад бо нишон додани вазифа, ному насаби роҳбар ё корманди масъул ва таърихи радкунӣ сабти зерин ворид мегардад:

"Гирифтани санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷишро рад кард" ё “Имзо намудан, ки далели гирифтани санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷишро тасдиқ мекунад, рад кард”.

Санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш аз ҷониби роҳбари гурӯҳи санҷишӣ, мутобиқи Тартиби мазкур, барои қабули қарор ба шахси мансабдор пешниҳод карда мешавад.

Натиҷаи санҷиш дар санади санҷишӣ инъикос карда мешавад. Санади санҷиш аз рӯи натиҷаи санҷиши гузаронидашуда дар ташкилот, филиалҳо ва намояндагиҳои он, ки берун аз маҳалли саридораи он ҷойгир шудаанд, таҳия мегардад.

Ҳангоми гузаронидани санҷиши ташкилоти дорои намояндагӣ, дар ҳолати дар як вақт (якбора) гузаронидани санҷиши саридора, филиалҳо ва намояндагиҳои берун аз маҳалли ҷойгиршавии саридора, аз рӯи маводи санҷиши саридора ва санадҳои санҷишии намояндагиҳо, санади ҷамъбастии санҷиш тартиб дода мешавад.

Санади санҷишӣ ҳуҷҷати дорои маълумоти дастрасиаш ба шахсони сеюм маҳдуд мебошад, ба истисноı ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ пешбинӣ намудаанд. Санади санҷишӣ мутобиқи талаботи қонунгузории ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ дар ду нусха, мутобиқи замимаи №5 Тартиби мазкур, ба расмият дароварда мешавад. Санади санҷиш аз қисми муқаддимавӣ, таҳлилӣ ва хотимавӣ иборат мебошад.

Қисми муқаддимавии санади санҷишӣ бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- таърих ва маҳалле, ки дар он ҷо санади санҷиш ба расмият дароварда шудааст;

- рақами бақайдгирӣ ва дигар маълумотҳои дахлдори ташкилот, ки дар Феҳристи ягонаи давлатии иштирокчиёни касбии бозори суғурта сабт гардидааст;

- хусусиятҳои гузаронидани санҷиш ва ба расмият даровардани натиҷаҳои санҷиш, бо нишон додани далелҳои мамониат кардан ба гузаронидан, боздоштан ё қатъ кардани санҷиш, омода намудани санадҳои санҷиш дар ҳолатҳое, ки Тартиби мазкур муқаррар кардааст;

- санади тартибдодаи гурӯҳи санҷишӣ, ки тибқи масъалаҳои мавриди санҷиш қарордодашудаи дар Замимаи №7 Тартиби мазкур муайяншуда гузаронида шудааст.

Қисми таҳлилии санади санҷишӣ бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- дар бораи ҳуҷҷатҳое (иттилооте), ки ташкилот дар давоми муҳлати гузаронидани санҷиш пешниҳод кардааст (накардааст);

- дар бораи дуруст будани баҳисобгирии (ҳисоботдиҳии) ташкилот;

- дар бораи ҳолатҳои ҷой доштани камбудию норасоиҳои дар фаъолияти ташкилот ҷойдошта;

- дар бораи аз ҷониби ташкилот дар таърихи бaанҷомрасии санҷиш бартараф карда шудани камбудию қонунвайронкуниҳои дар фаъолияти он ошкоршуда, ҳамчунин, нодурустии баҳисобгирии (ҳисоботдиҳии) онҳо.

Дар қисми таҳлилии санади санҷишӣ бояд хулосаҳои роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ аз рӯи натиҷаи санҷиши ташкилот, ҳамчунин маълумоти дигари назоратӣ, ки барои муайян кардани хавфҳои рухдиҳандаи ҳодисаи суғуртавӣ, дороиҳо, уҳдадориҳо зарур мебошанд, андоза ва кифоягии сармояи оинномавӣ, ҳамчунин ташаккули фондҳои захиравии суғуртавӣ, вазъи молиявӣ ва дурнамои фаъолияти он дарҷ карда шаванд.

Қисми хотимавии санади санҷишӣ бояд маълумоти ҷамъбастӣ оид ба натиҷаҳои асосии санҷишро дар бар гирад. Санади санҷиши филиалҳои ташкилот, ки ба санади ҷамъбастии санҷишӣ дохил мешавад, бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- оид ба риоя шудани қоидаҳову расмиёт ва меъёрҳои дохилӣ аз ҷониби филиалҳо, ки онҳоро саридораи ташкилот тасдиқ кардааст;

- дар бораи ташкили низоми назорати дохилии ташкилот нисбат ба фаъолияте, ки филиал амалӣ менамояд.

Санади санҷишӣ ба шахси мансабдор дар ҳолатҳои зарурӣ бо замимаи нусхаи ҳуҷҷатҳои ташкилот, ки дар рафти санҷиш ошкор гардидани баҳисобгирии (ҳисоботдиҳии) нодуруст, қонунвайронкунӣ ва камбудиҳоро дар фаъолияти он тасдиқ мекунанд, пешниҳод мегардад. Далелҳои нодурустии баҳисобгирии (ҳисоботдиҳӣ), қонунвайронкунию камбудиҳо дар фаъолияти ташкилот бо назардошти муҳим будани онҳо барои баҳодиҳии вазъи молиявӣ ва дурнамоии фаъолият, низоми идоракунӣ ва ташкили назорати дохилӣ дар санади санҷишӣ инъикос мегарданд.

Санади аз тарафи роҳбар ва аъзоёни гурӯҳи санҷишӣ, ки дар заминаи ҳуҷҷатҳои (иттилооти) аз ташкилот гирифташуда омода карда шудааст, барои маълум кардани моҳияти қонунвайронкунию камбудиҳои дар

фаъолияти ташкилот ошкоршуда асос ба ҳисоб меравад. Санади санҷишӣ бо назардошти риоя гардидани талаботи қонунгузории ҶТ дар соҳаи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар фаъолияти ташкилот, баҳогузории низоми идоракунии хавфҳо ва ташкили назорати аудити дохилӣ барои маълум кардани моҳияти қонунвайронкунию камбудиҳои дар фаъолияти он ошкоршуда пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми муҳокимаи натиҷаҳои санҷиш бо ташкилот, мутобиқи Тартиби мазкур, роҳбари гурӯҳи санҷишӣ ҳуқуқ дорад, ки роҳбари ташкилотро бо хулосаҳои асоснок ва шарҳи он шинос намояд. Санади санҷишӣ аз ҷониби роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ имзо карда мешавад. Дар ҳолати ғайриимкон будани имзонамоии санади санҷишӣ аз ҷониби аъзои алоҳидаи гурӯҳи санҷишӣ (бемори ва ё дигар сабабҳои воқеӣ), роҳбари гурӯҳи санҷишӣ оид ба сабаби набудани имзои он ишора мекунад.

Дар ҳолати аз ҷониби шахси мансабдор, мутобиқи Тартиби мазкур, қабул гардидани қарор дар хусуси боздоштан ё қатъ намудани санҷиш оид ба натиҷаҳои санҷиш, санади санҷиш (ҳангоми аз таърихи оғози санҷиш то таърихи анҷоми он ба гурӯҳи санҷишӣ ҳуҷҷатҳое (иттилооте) пешниҳод гарданд, ки барои гузаронидани санҷиш зарур ва кофӣ мебошанд) ё оид ба натиҷаҳои санҷиш (ҳангоми аз таърихи оғози санҷиш то таърихи таҳияи санад оид ба мамониат ба гузаронидани санҷиш барои ба дохили бино ва дигар биноҳои хидматии ташкилот, филиалҳо ва намояндагиҳои он даромадани гурӯҳи санҷишӣ рад карда мешавад ё дар сурати пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳое (иттилооте), ки барои гузаронидани санҷиш зарур ва кофӣ мебошад) гузориш ба расмият даровarда мешавад.

Санади санҷиш аз ҷониби роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ барои шиносоӣ ба роҳбари ташкилот дода мешавад ё ба корманди масъули

филиалҳо ва намояндагиҳои он, ки ваколатнома оид ба қабули санади санҷишӣ ва минбаъд барои шиносоӣ ба роҳбари ташкилот додани он пешниҳод кардааст, супурда мешавад.

Ҳангоми зарурат, аз ҷумла дар мавриди гузаронидани санҷиш оид ба масъалаҳои фаъолияти филиалҳо ва намояндагиҳои берун аз маҳалли ҷойгиршавии саридора, агар кормандони масъули онҳо ваколатнома оид ба қабули санади санҷиш надошта бошанд, он гоҳ санади санҷиш имкон дорад тавассути бастаи фармоишии почтавӣ бо огоҳиномаи ирсоли он ба роҳбари ташкилот фиристода шавад.

Роҳбари ташкилот бояд бо санади санҷиш дар муҳлати на зиёда аз 5 рӯзи корӣ аз рӯзи имзо шудани пайнавишти қабулу супурдани он ё рӯзи супурдани бастаи фармоишии почтавӣ (минбаъд-муҳлати шиносоӣ бо санади санҷиш) шинос гардад. Далели шиносоӣ бо санади санҷиш дар ҳар ду нусхаи он бо нишон додани таърихи шиносоӣ бо санади санҷиш бо имзои роҳбар ё корманди масъули филиалҳо ва намояндагиҳои ташкилот ва бо нақши муҳри он тасдиқ карда мешавад.

Дар ҳолати норозигӣ ба санади санҷиш, роҳбари ташкилот ҳуқуқ дорад бо навиштаҷоти "Норозигӣ ба санади санҷиш”, ки замима мегардад (минбаъд – норозигӣ ба санади санҷишӣ), эътирози хаттӣ пешниҳод кунад.

Норозигӣ ба санади санҷиш бояд дар ду нусха таҳия гардида, бо имзои роҳбари ташкилот ва сармуҳосиби он, шахсони онҳоро ивазкунанда ва муҳри ташкилот тасдиқ карда шавад. Норозигӣ ба санади санҷишӣ дар коғаз ва ҳар ҳолатҳои зарурӣ, ҳамчунин, дар шакли электронӣ ба роҳбари гурӯҳи санҷишӣ пешниҳод мегардад. Норозигӣ ба санади санҷиш, ки то тамом шудани муҳлати шиносоӣ бо санади санҷиш ба роҳбари гурӯҳи санҷишӣ пешниҳод шудааст, ҷузъи таркибии он ба ҳисоб меравад.

Нусхаи аввали санади санҷиш барои баррасӣ ва қабули қарори дахлдор ба шахси мансабдоре, ки гурӯҳи санҷиширо сарпарастӣ менамояд, пешниҳод карда мешавад.

Иштирокчиёни касбии бозори суғурта барои ҳуқуқвайронкуниҳо ва камбудиҳои дар рафти фаъолияти онҳо ошкоршуда, мутобиқи қонунгузории ҶТ, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

# БОБИ 3. БАСТАН, ТАҒЙИР ДОДАН ВА ҚАТЪ КАРДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ

## 3.1. Тартиби бастан, тағйир додан ва қатъ кардани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ

Соҳаи кишоварзӣ чун дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар рушди иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ва расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ аҳаммияти муҳимро касб кардааст, зеро он аз давраи эҳёи ҷомеаи инсонӣ то кунун дар ҳаёти ҷомеа нақш ва мақоми хоса дорад. Соҳаи кишоварзӣ сарчашмаи бо неъматҳои истеъмолӣ қонеъ гардондани талаботи инсонӣ ба ҳисоб рафта баҳри баланд бардоштани дараҷаи иқтисодиёти кишвар аҳаммияти калон дорад. Кишоварзӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар соҳаҳо (саноат, нақлиёт, савдо, сохтмон ва ғ.) амалӣ гашта, ботадриҷ ташаккул ва инкишоф ёфта истодааст. Вале қисме аз олимон андеша доранд, ки соҳаи кишоварзӣ ва истифодабарии замин, ҳарчанд соҳаи нахуст дар ҳалқаи иқтисоди миллӣ ба шумор равад ва ҳазорсолаҳо пештар аз саноат эҳё гардида бошад ҳам, нисбат ба саноат ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ тамоюли ақибмонӣ дорад[124].

Сабабу омилҳои ақибмонии соҳаи кишоварзӣ зиёд ва гуногун мебошад. Ба андешаи мо, яке аз омилҳои асосии ба таври зарурӣ рушд наёфтани соҳа ба фарҳанги истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ вобаста аст. Бо ин мақсад Ҳукумати кишвар стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳо ва дигар санадҳо қабул ва мавриди амал қарор дода, аз ҷумла "Барномаи ислоҳоти аграрии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020" қабул карда шуда буд.

Тибқи маълумоти оморӣ, қисме аз заминҳое, ки қаблан барои кишти зироатҳо истифода мешуданд, ҳоло бинобар сабаби тағйирёбии иқлим, сари вақт киштгардон нашудан, як қатор омилҳои дигари манфӣ аз

---

[124] Қодирзода Д.Б., Собирзода Н.М. Асари ишорашуда. – С. 22.

истифодабарии минбаъда бозмондаанд, ки ин ҳолат ба соҳаи кишоварзӣ ва, дар маҷмуъ, ба иқтисодиёти кишвар таъсири манфӣ расонидаистодааст. Ҳамаи ин омилҳо ба вуҷуд омадани муносибатҳои суғуртавиро дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ тақозо мекунад. Бояд қайд кард, ки мушкилоти асосии рушди назарногири муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ин дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври назаррас ифода наёфтани паҳлуҳои дақиқи илмӣ, ҳуқуқи, иқтисодӣ, аграрӣ ва ғайра маҳсуб меёбад.

Таҳлилҳои асосноки илмии иқтисодӣ, ҳуқуқи, аграрӣ, фарҳанги баланди истифодабарии замин ва дигар омилҳои рушдкунанда дар илми назария кам ба назар мерасанд. Танҳо дар ҳуқуқшиносӣ ақидаҳои муҳим дар масъалаи генезиси муносибатҳои ҳуқуқӣ бештар ифода ёфтаанд, ки вобаста ба ин дар байни олимон якчанд андеша мебошад. Олимон бар он андешаанд, ки яке аз омилҳои ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқи дар дилхоҳ соҳа ин ба таври ҳатмӣ мавҷудияти заминаҳои ҳуқуқиро талаб менамояд. Ҳамзамон, оид ба ин масъала қайд карда мешавад, ки мушкилоти ба миён омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ бояд бо назардошти ҳамон мавқеъе, ки дар ҷараёни иҷрои муносибатҳои ҳуқуқӣ ифода ёфта "агар муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун предмети танзими ҳуқуқи гашта бошад, ин муносибатҳо аз аввал дар шакли ҳуқуқӣ ба миён меояд"[125].

Муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ дорои зина ва марҳилаҳои муайяни ҳуқуқӣ мебошад, ки дар байни олимону муҳаққиқон пайваста зери таваҷҷуҳи хоса қарор дорад. Ин марҳилаҳо иборатанд аз асосҳои бавуҷудой, тағйирёбӣ ва қатъшавии муносибатҳо. Марҳилаи якуми муносибатҳо заминаи ҳуқуқиро барои рушду инкишофи минбаъдаи ҳамкориҳо гузошта, дигар марҳилаҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ (тағйирёбӣ ва қатъшавии муносибатҳо) ба ин зина сахт вобаста мебошад. Агар дар ин марҳила шарту шароити

---

125 Сабо И. Основы теории права. – М.: Прогресс, 1994. – С. 43.; Кечекьян С.Ф. Правоотношения в социалистическом обществе. – М., 1958. – С. 67.

муносибатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳо ва дигар масъалаҳои муҳим ба таври назаррас омодаву таҳия ва ҳамоҳанг нашуда бошанд, пас, ин ҳолат зуд таъсири манфии худро ба ду марҳилаи боқимонда гузошта, ҳатто метавонад ба ташаккул ва рушди минбаъдаи муносибатҳо хотима бахшад. Бинобар ин аз марҳилаи якум, яъне асосҳои бавуҷудоии муносибатҳо рушди минбаъдаи ҳамкориҳо вобаста мебошад.

Марҳилаи якуми муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне асосҳои бавуҷудоии муносибатҳо дар асоси принсипи озодии шартнома, ки ифодаи расмии худро дар м. 3 КМ ҶТ ёфтааст, асос меёбад. Мазмуни принсипи мазкур бошад ифодаи расмии худро дар м. 483 КМ ҶТ ёфтааст, ки тибқи он шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар бастани шартнома мустақил мебошанд. Гузашта аз ин мазмуни принсипи мазкурро мо метавонем дар меъёрҳои дигари қонунгузории маданӣ баръало мушоҳида намоем. Масъалан мазмуни меъёрҳои боби 34 КМ ҶТ, ки ба тағйир ва бекор кардани шартномаро муқаррар кардааст. Ақидае вуҷуд дорад, ки тибқи он зинаҳои муносибатҳои ҳуқуқиро ҳамчун модели назарияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳисоб намудан зарур аст[126].

Яке аз муҳаққиқон А.П. Дудин диалектикаи муносибатҳои ҳуқуқиро чунин қайд кардааст, ки он ҷараёне мебошад, ки ҳар як ҷузъи таркибии он бо дигар ҷузъҳои таркибӣ дар алоқамандӣ қарор дорад ва ин алоқамандӣ, дар маҷмуъ мунсибатҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳад[127].

Асосҳои ба миён омадани муносибатҳои ҳуқуқиро муҳаққиқон гуногун ифода намудаанд. Мутобиқи м. 7 КМ ҶТ, яке аз асосҳои ба миён омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ аз шартномаҳо ва аҳдҳое, ки хилофи қонунгузорӣ намебошанд, сарчашма гирифта, амал мекунанд. Албатта, ҳамагуна аҳдҳо ва муносибатҳои шартномавие, ки хилофи қонунгузорӣ намебошанд ва аз рӯи мавзуъи онҳо ҷонибҳо ба созиш омадаанд, метавонанд

[126] Сотиволидиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ . – Душанбе: Сино, 2018. – С. 627.
[127] Дудин А.П. Диалектика правоотношения. – Саратов, 1983. – С. 112.

ҳамчун сарчашмаи пайдо шудани муносибатҳои ҳуқуқӣ гарданд. Гузашта аз ин, тибқи назарияи пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқӣ, фактҳои ҳуқуқӣ яке аз асосҳои ба миён омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Фактҳои ҳуқуқӣ ҳолатҳои воқеии ҳаётие мебошанд, ки ба онҳо меъёрҳои ҳуқуқ пайдоиш, тағйир ва қатъи муносибатҳои ҳуқуқиро вобаста мекунанд[128].

Фактҳои ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, аз як тараф, ҳамчун ҳолати ҳаётӣ ва аз тарафи дигар, дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ба онҳо ишора мешавад.

Фактҳои ҳуқуқӣ дар иртибот бо иродаи инсон ба ҳодиса ва амал ҷудо мешавад: Ҳодиса ин факти ҳуқуқиест, ки новобаста ба иродаи инсон пайдо мешавад (вафоти инсон, ҳодисаҳои фавқулода, ҳодисаҳои табиӣ ва ғайра.). Амал ин факти ҳуқуқиест, ки вобаста ба иродаи инсон пайдо мешавад. Оқибатҳои ин муносибатҳои ҳуқуқи заминаро барои ба вуҷуд овардан, тағийр додан ё қатъ гардонидани муносибатҳо байни иштирокчиён ба миён меорад, аз қабили бастани ақди никоҳ, шартномаи меҳнатӣ ва ғайра.

Муносибатҳои ҳуқуқӣ, худ аз худ дар фазои хушку холӣ ба вуҷуд намеояд. Сабабу омилҳои ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқи зиёданд. Яке аз заминаҳои асосии пайдо шудани муносибатҳои ҳуқуқиро моликият ташкил медиҳад, зеро дар асоси мол муносибатҳо пайдо мешавад. Аммо ин муносибатҳо дар кадом шакле, ки пайдо шудаанд, бояд бо меъёрҳои қонун мавриди танзим қарор гиранд. Дар ин хусус О.А. Красавчиков қайд мекунад, ки дар тамоми муносибатҳо меъёрҳои қонун вуҷуд дорад ва дар онҳо меъёрҳо дида мешавад[129].

Меъёрҳои қонун дар он маврид мавқеи худро дар дилхоҳ муносибатҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам карда метавонанд, ки дар ин муносибатҳо далелҳо мавҷуд бошанд. Далелҳои ҳаётие, ки оқибатҳои ҳуқуқиро дар хусуси ба вуҷуд

---

[128] Сотиволидиев Р.Ш. Асари ишорашуда. – С. 629.
[129] Красавчиков О. А. Юридические факты в советском гражданском праве. – М., 1958. – С. 27.

овардан, тағйир додан ё қатъ шудани муносибатҳо асос мегузорад, далелҳои ҳуқуқӣ ҳисоб меёбанд[130].

Танҳо бо мавқеъ ва далелҳои асоснок метавонем дарк намоем, ки аз куҷо ва чи гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, тағийр меёбанд ва ё қатъ мегарданд. С.С. Алексеев далели ҳуқуқиро ифодагари ҳаёти аслӣ дар асоси шакли абстрактии меъёри қонун ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсон ва ташкилотҳо ба қалам додааст[131].

Гузашта аз ин мавсуф қайд кардааст, ки дар бештари маврид оқибатҳои ҳуқуқӣ бунёдгари далелҳо ҳастанд ва маҷмуи далелҳо дар натиҷа таркиби ҳуқуқиро ташкил медиҳанд[132].

Бархе олимону муҳаққиқони дигар асоси ба вуҷуд омадани мунсоибатҳои ҳуқуқиро дар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳои шартнома медонанд. Мутобиқи м. 351 КМ ҶТ, аз рӯи уҳдадорӣ як шахс (қарздор) бояд ба фоидаи шахси дигар (кредитор) амали муайянеро анҷом диҳад. Масалан, молу мулкашро ба ӯ диҳад, корро иҷро кунад, пул супорад ва ғайра ё аз иҷрои ягон амал худдорӣ намояд. Кредитор бошад, ҳақ дорад аз қарздор иҷрои уҳдадориҳояшро талаб намояд. Ӯҳдадориҳо бояд ба таври дахлдор, мутобиқи шартҳои уҳдадорӣ ва талаботи қонун ва дигар санади ҳуқуқӣ, иҷро карда шавад ва ҳангоми набудани чунин шарт ва талабот, мутобиқи анъанаҳои муомилоти корӣ ё талаботи муқаррарии пешниҳодгардида, анҷом дода шаванд. (м. 356 КМ ҶТ).

Радди яктарафаи иҷрои уҳдадорӣ ва яктарафа тағйир додани шартҳои он, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома, иҷозат дода намешавад. Радди яктарафаи иҷрои уҳдадорӣ, ки бо ба амал баровардани фаъолияти соҳибкории тарафҳо алоқаманд аст, инчунин яктарафа тағйир додани шартҳои чунин уҳдадорӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи

---

130 Гревцов Ю.И. Проблемы теории правовых отношений. – Л., 1981. – С. 52.
131 Алексеев С.С. Государство и право. – М.: Юрид. лит., 1996. – С. 99.
132 Алексеев С.С. Асари ишорашуда. – С. 99.

шартнома, агар дар қонун ё моҳияти ӯҳдадорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, иҷозат дода мешавад. Олимону муҳақиқон дар самти тағийрёбии муносибатҳои шартномавӣ фикру андешаҳои гуногун доранд. Е.Е. Миронес тағйирот дар шартномаро амали ихтиёрии шахсони ваколатдор меномад. Ӯ қайд мекунад, ки ин шахсон метавонанд (бевосита ё бавосита) барои дар оянда ё аз лаҳзае, ки шартнома ба имзо расидааст, дар бандҳои муайяни шартнома ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳоро дар хусуси ворид намудани тағйирот ё ивази яке аз тарафҳои шартнома дарҷ намоянд[133].

Бекор кардан ё тағйир додани шартнома танҳо дар мавриди ба миён омадани уҳдадорӣ пайдо мешавад. Агар маълум карда шавад, ки шартнома ҳоло баста нашудааст ё аз ҷониби мақомоти дахлдор беъэтибор дониста шудааст, пас, мақомоти салоҳиятдорро зарурат ба миён меояд, ки аз қонеъ гардонидани даъво дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ё бекор кордани шартнома худдорӣ намояд, зеро дар ин маврид ҷонибҳои шартнома ба муносибатҳое, ки аз мазмуни шартнома ҳосил шудааст ва ҳамчун объекти шартнома маҳсуб меёбад, вуҷуд надорад.

Марҳилаи дуюми муносибатҳои ҳуқуқиро, тағийрёбии муносибатҳо дар шартнома ташкил медиҳад, ки аҳамияти хело муҳим дорад, зеро дар ин марҳила ҷонибҳои шартнома кӯшиш менамоянд, ки аз ҳуқуқу манфиатҳои худ, ки аз мазмуну моҳияти шартнома ба миён омадааст, истифода намоянд. Асоси тағйирёбии муносибатҳои шартномавӣ гуногун шуда метавонанд, ки қисми зиёди ин ҳолатҳоро қонунгузорӣ муқаррар кардааст. Дар адабиёт оид ба тағийр ёфтани муносибатҳои ҳуқуқӣ аз ҷумла муносибатҳои ҳуқуқи суғуртавӣ таваҷҷуҳи хоса дода нашудааст, ҳол он ки тағйирёбӣ мисли бавуҷудоӣ ва қатъшавии муносибатҳо яке аз марҳилаҳои муҳим дар рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳисоб меёбад.

---

[133] Миронец Е.Е. Изменение и расторжения договора по гражданскому законодательству Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2002 . – С. 9.

Масалан, қисме аз муаллифон бар он андешаанд, ки мафҳуми шартнома яке аз мақсадҳои шартнома ин тағйир ёфтани муносибатҳо ҳисоб намеёбад. Аз ҷумла Л.А. Бабалян зери мафҳуми шартнома созиши шахсонеро ба қалам додааст, ки тибқи санадҳои қонунгузорӣ ҳолатҳои муқарраркунӣ, танзимкунӣ ва қатъшавии муносибатҳои уҳдадории тавлидкунандаи муносибатҳои мутақобилаи ҳуқуқ ва уҳдадорӣ, ки ба таъиноти аслии иҷтимоии ҷомеаро таъсир намерасонаду ба таъмини ташкили шаҳрвандон равона шудааст[134].

Ҳамзамон, оид ба ин масъала С.Ф. Кечекян қайд мекунад, ки фактҳои ҳуқуқӣ ҳамчун сабаби бамиёноӣ ва тағйирёбии муносибатҳо ба шумор меравад[135].

Дар муносибатҳои суғуртавӣ иваз шудани фоидагиранда аз сабабҳои тағийр ёфтани шартнома ва муносибатҳое мебошад, ки аз мазмуни шартнома ҳосил шудааст.

Вале боз ақидаҳое вуҷуд дорад, ки муносибатҳои шартномавиро шарт нест аз ин се зина (бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва қатъшавӣ) иборат шуморем, зеро қисме аз муносибатҳо ба вуҷуд меоянду қатъ мегарданд, яъне ба марҳилаи тағйирёбиӣ намерасанд. Ин ҳолат, ҳатто дар шартномаҳое, ки мазмунан ва ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ ва имзо шудаанд, дида мешавад. Вале, ба андешаи мо ин ҳолатҳоро дар муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ қайд кардану татбиқ намудан чандон қобили қабул нест, бахусус дар мавриди рушди муносибатҳои суғуртавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, зеро имрӯз яке аз масъалаҳои актуалӣ ин омода намудани шартномаҳои аз лиҳози ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ устувор дар самти суғуртаи замин ва истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мебошад. Агар шартномаҳо устувор ва ҳамаҷониба омода карда нашаванд, дар дилхоҳ мавридиҷрои бандҳои шартнома аз тарафи яке аз

[134] Бабалян Л Л. Договор как основание возникновения обязательств между государственными организациями. – Ереван, 1973. – С. 61.
[135] Кечекьян С.Ф. Правоотношения в социалистическом обществе – М., 1958. – С. 78.; Черепахин Б.Б. Правопреемство по советскому гражданскому праву. – М., 1962. – С. 5.

ҷонибҳои шартнома метавонад иҷро карда нашавад. Ин ҳолат таъсири манфии худро на танҳо ба ҷонибҳои шартнома, балки ба истифодаи самароноки замин, таъмини амнияти он ва дар маҷмуъ ба иқтисодиёти кишвар мерасонад.

Бинобар ин, яке аз ҳолатҳое, ки барои расидан ба натиҷаи ниҳоӣ дар муносибатҳои шартномавӣ асос мегузорад, ин омӯзиши меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад. Барои он ки муқаррар кунем, ки чи гуна тағйирот дар муносибатҳои суғуртавӣ ба миён меояд, зарур аст таҳлилҳоро пеш аз бастани шартнома ва оғози муносибатҳо дар шартнома ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ намоем. Чунин тағйирот метавонад дар мавриди мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқӣ ё дар мазмуну мундариҷаи объектҳо ё худи субъектҳо ба миён ояд, ҳатто дар баъзе маврид муносибатҳои ҳуқуқии бавуҷудомада метавонанд тағйир ёбад.

Чи тавре Б.Б. Черепахин қайд мекунад, "ҳангоми дар амалия татбиқ шудани муносибатҳои ҳуқуқӣ эҳтимолияти тағйирот дар таркиби муносибатҳои субъектҳо ба миён меояд, ё хусусиятҳои худро нигоҳ дошта фаъолнокии минбаъдаи худро дар таҳрири (шакли нав) идома медиҳад[136].

Агар ҷонибҳои шартнома дар хусуси ворид намудани тағйирот дар бандҳои шартнома ба созиш наоянд, пас, дар ин маврид марҳилаи сеюми муносибатҳои ҳуқуқӣ, яъне қатъ ё бекоркунии муносибатҳои шартномавӣ оғоз мегардад. Бекор кардани шартнома дар ҳолатҳое, ки дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст ва аз мазмуну моҳияти шартнома бар меояд, ҳосил мешавад. Тибқи КМҶТ, шартнома, пеш аз ҳама, бо созиши тарафҳо тағйир ё бекор карда мешавад, агар дар КМҶТ, қонунҳои дигар ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. (м.516 КМ ҶТ). Чи тавре М.И.Брагинский ва В.В. Витрянский қайд мекунанд, ки чуноне, ки дар

---

[136] Черепахин Б.Б. Асари ишорашуда. – С. 5.

марҳилаи бастани шартнома ҷонибҳо озоданд, дар мавриди тағйир додан ва бекор кардани шартнома низ онҳо озод мебошанд[137].

А.Н. Танага қайд мекунад, ки ҳангоми ворид намудани тағйирот ва бекор кардани шартнома мо танҳо бояд дар хусуси баробарии ҷонибҳо дар ноил шудан ба созишҳо ҳаракат намоем[138].

Ба андешаи мо, якҷониба худдорӣ кардан аз иҷрои шартнома ин бекоркунии шартнома ба ҳисоб меёбад. О.Н. Садиков якҷониба бекор кардани шартномаро, ки дар асоси қонунгузорӣ ва созиши шартнома ҳосил шудааст, ҳамчун чораи амали оперативӣ ба ҷониби дигари муносибатҳои шартномавӣ ба қалам додааст[139].

Умуман, тағйир ва бекоркунии шартнома дар бештари мавриди ҷиҳати риоя нагардидани уҳдадориҳо аз ҷониби яке аз тарафҳои шартнома ва ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, ба миён меояд. Чунончи тибқи қ. 2 м. 482 КМ ҶТ, бо талаби яке аз тарафҳо танҳо дар ҳолатҳои зайл аз тариқи суд тағйир додан ё бекор кардани шатнома  мумкин аст:

а) ҳангоми шартномаро ба таври назаррас вайрон кардани тарафи дигар;

б) дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи КМ ҶТ, қонунҳои дигар ё шартнома. Ба таври ҷиддӣ риоя накардани шартнома дар он ифода меёбад, ки ба ҷониби дигар аз ин зиён расида, ӯро аз умеди ба даст овардани фоидаи зиёде маҳрум созад, ки ҳангоми бастани шартнома дар назар дошт. Ҳангоми яктарафа рад намудани иҷрои пурра ё қисмани шартнома, агар чунин радро қонун ё созишномаи тарафҳо иҷозат диҳад, шартнома мувофиқан бекор ё тағйирдодашуда ба ҳисоб меравад.

Сабабҳое, ки ҷонибҳоро ба ин ҳолат вогузор намудааст, гуногун мебошад. Вале ҷонибҳо ҳангоми ворид намудани тағйирот ва ё қатъ кардани шартнома бояд ба таври ҳатмӣ хусусиятҳои муҳимми шарномаро ба инобат

---

[137] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга первая: Общие положения. – М., 2000. – С. 434.
[138] Танага А.И. Принцип свободы договора в гражданском праве России. – СПб., 2003. – С. 38.
[139] Садиков О.Н. Гражданское право России. Общая часть: курс лекции. – М., 2001.  – С. 762.

гиранд. Масалан, дар мавриди зиёд кардани хавфҳои суғуртавӣ, ки уҳдадориҳои ба зиммагирифташударо суғуртакунанда иҷро карда наметавонад ё номатлуб ба анҷом мерасонад, ки ин ҳолат сабаби воридкунии тағйиротҳо ё қатъкунии шартномаро тақозо мекунад. Мавриди дигаре, ки ба тағйир додан ва бекор кардани шартнома оварда мерасонад, ин ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат ба шумор меравад. Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад ва ё аз моҳияти он барнаояд, тағйир ёфтани ҳолат, ки тарафҳо ҳангоми бастани шартнома онро ба инобат гирифта буданд, барои тағйир додан ё бекор кардани он асос шуда метавонад. Тағйир ёфтани ҳолат ҳангоме ба эътироф карда мешавад, ки агар тарафҳо чунин тағйир ёфтани ҳолатро оқилона пешбинӣ карда бошанду, умуман шартнома намебастанд ё бо он шартҳое ба имзо мерасониданд, ки аз иҷрои он баромада метавонистанд.

Агар тарафҳо дар мавриди мутобиқ гардонидани шартнома ё бекор кардани он ба мувофиқа нарасида бошанд, онро суд бо асосҳои пешбининамудаи қ. 4 м. 517 КМ ҶТ бекор карда, тибқи талаби тарафи манфиатдор, ҳамзамон, бо шартҳои зайл тағйир дода метавонад:

а) агар дар лаҳзаи бастани шартнома тарафҳо онро ба асос гирифта бошанд, ки чунин тағйир ёфтани ҳолат ба миён намеояд;

б) агар ҳолат бо сабабҳое тағйир ёфта бошад, ки тарафи манфиатдор пас аз рух доданаш онро ба ҳадди ғамхорӣ ва эҳтиёткорие, ки аз талаби шартнома ва шарти аҳдҳо бармеоянд, бартараф карда наметавонист;

в) агар иҷрои шартнома бидуни тағйир додани шарт таносуби ба шартнома мувофиқи манфиати молумулкии байни тарафҳоро то андозае вайрон кунад ва ба тарафи манфиатдор он қадар зиёне расонад, ки аз манфиати калоне, ки ҳақ дошт ҳангоми бастани шартнома ба он умед бандад, маҳрум мешаванд;

г) агар аз анъанаҳои аҳдҳои корӣ ё моҳияти шартнома барнаояд, ки таваккали тағйир ёфтани ҳолат ба зиммаи тарафи манфиатдор аст.

Ҳангоми бекор кардани шартнома, бинобар ҷиддан тағйир ёфтани ҳолат, суд бо талаби ҳар кадоме аз тарафҳо оқибати бекор кардани шартномаро, ки бо назардошти тақсими одилонаи хароҷоти иҷрои ин шартнома масраф шудааст, муайян мекунад. Бекор кардани шартнома аз сабаби ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат танҳо бо қарори суд, дар ҳолатҳои истисно, ҳангоме ки бекор кардани шартнома ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мухолиф аст ё ба тарафҳо зиёне ворид мекунад, ки аз хароҷоти зарурӣ баъди тағйир додани шартҳо аз ҷониби суд барои иҷрои шартнома хеле зиёд аст, иҷозат дода мешавад.

Моддаи 519 КМ ҶТ як қатор ҳолатҳои тағйир додан ва бекор кардани шартномаро, мутобиқи аризаи яке аз тарафҳо, муқаррар кардааст, ки мувофиқи он дар мавридҳои зерин:

а) агар иҷрои шартнома имконнопазир бошад (м. 519 КМ ҶТ);

б) аз ҷониби тарафи дигар вайрон кардани шартҳои пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома дар мавриди сифат, муҳлати иҷро ва дигар шартҳо;

в) агар тарафи дигар тибқи тартиби муқаррааргардида муфлис эътироф шуда бошад;

г) агар санади мақомоти давлатӣ, ки дар асоси он шартнома баста шуда буд, тағйир дода ё бекор карда шуда бошад;

д) дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома.

Дар сурати яктарафа тағйир додан ё бекор кардани шартнома як тараф бояд тарафи дигарро на дертар аз як моҳ пешакӣ огоҳ созад. Тазаккур бояд дод, ки ба сифати ташаббускори бекоркунии шартнома мақомотҳои ваколатдори давлатӣ низ баромад карда метавонанд.

Ворид намудани тағйирот ба шартнома ё қатъ гардидани шартнома, дар маҷмуъ аз ҳисоби хавфҳои суғуртавӣ, ки мазмуни аслии шартномаро ташкил

медиҳад, оғоз меёбад. Ҳамин тавр ба ҳолатҳои суғуртавии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дохил мешавад:

а) сухтор (сухторе, ки назорату танзимаш ғайриимкон аст ва мустақилона аланга гирифта паҳн мегардад), раду барқ, таркиши газ, риоя накардани қоидаҳои зидди сӯхтор, риоя накардани нигаҳдории ашёҳои оташангез ва ғайра;

б) садамаи қубурҳои об, қубурҳои обпарто (канализатсия), системаи гармидиҳӣ, аз кор мондани шабакаҳои ирригатсионӣ ва насосҳои обтаъминкунӣ;

в) ҳолатҳои фавқулода (заминларза, фаромадани ярч, боришоти пай дар пай ва беист, фаромадани сангу шағал, омадани сел, обхезӣ, шамолу тундбод, ҳарорати баланди гармӣ ва ғайра;

г) садамаҳое, ки оқибатҳои ногуворро ба замин ва қабати ҳосилнокии хок расонидааст;

ғ) амали ғайриқонунии шахсони сеюм (дуздӣ ё расонидани таъсири манфӣ ба қабати ҳосилнокии хок ва замин, заҳролуд кардани қабати ҳосилнокии хок, истифода аз тухмиҳои пастсифате, ки ба иқлими минтақа ҷавобгӯ нест ва ғайра.

Агар ҳамин хавфҳо ҳамчун хавфҳои суғуртавӣ, тибқи шартнома, ҳисоб ёбанд ва дар ҳолати ба миён омаданашон суғуртакунанда уҳдадор аст, ки сари вақт онҳоро бартараф намояд ё пардохтҳои суғуртавиро ба анҷом расонад. Дар мавриди бартараф нашудан ё амалӣ нашудани пардохтҳои суғуртавӣ ҷониби дигари шартнома, яъне суғурташаванда барои бекор кардани шартнома ва қатъ кардани он ҳуқуқ пайдо мекунад. Ҳамзамон, агар суғурташаванда аз марҳилаҳои ба миён омадани ҳолатҳои суғуртавӣ бохабар бошад, вале суғуртакунандаро ба таври хаттӣ огоҳ накарда буд, дар ин марид суғуртакунанда ҳуқуқ пайдо мекунад, ки аз пардохтҳои суғуртавӣ саркашӣ намояд. Гузашта аз ин агар суғурташаванда аз тағйир ёфтани хавфи

суғуртавӣ огоҳ буду, суғуртакунандаро огоҳ накарда буд, пас дар ин маврид низ суғуртакунанда ҳуқуқ пайдо мекунад, ки аз пардохтҳои суғуртавӣ даст кашад.

Ҳолати дигаре, ки боиси қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мегардад, ин аз байн рафтани хавфи суғуртавӣ ҳисоб меёбад. Хавф, ки аз байн рафт, зарурати суғуртакунӣ низ моҳияти аслии худро гум мекунад. Шартнома ба имзо расонида шаваду хавфи суғуртавӣ аз байн рафта бошад, пас, дар ин маврид суғуртакунанда уҳдадор аст, ки фарқияти маблағи боқимондаро ба суғурташаванда пурра баргардонад.

Тазаккур бояд дод, ки танзими муносибатҳои суғуртавӣ дар якчанд санади меъёрии ҳуқуқии ҶТ ифодаи худро ёфтаанд, ки шумораии умумии онҳоро мо дар параграфҳои боло қайд карда будем. Яке аз мушкилиҳои асосӣ дар он ифода меёбад, ки санади алоҳидае, ки ба танзими муносибатҳои суғуртавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ равона шуда бошад, то ҳол қабул нагардидааст. Агар чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус қабул карда мешуд, байни суғуртакунандаҳо ва суғурташавандаҳо (хоҷагидорон) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайяну дақиқ, ҳатто тағйирёбиву қатъшавии муносибатҳои суғуртавӣ дар самти истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳосил мегашт. Чи тавре олимону муҳаққиқон қайд мекунанд, асоси ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқиро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳо ташкил медиҳанд[140].

Заминистифодабарандагон дар асоси шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳамчун суғурташаванда баромад карда, мақсади ягона ва ниҳоии онҳо ҳифз намудани замин аз ҳамагуна омилҳои манфӣ аз қабили офатҳои табиӣ, пешгирии касалиҳои зараррасон, шӯршавӣ, деградатсияи замин ва дигар омилҳои манфӣ мебошад. Пас аз он ки заминистифодабаранда дар муносибатҳои суғуртавӣ ворид мегардаду

[140] Шахов В.В. Поспешай медленно // Финансы. – 1995. – № 9. – С. 21.

мақоми суғурташавандаро соҳиб мешавад, тибқи қонунгузорӣ ва шартномаи суғурта, дорои як қатор уҳдадорӣ мегардад, ки иҷроиши саривақтии онҳо аҳаммияти калон дорад. Қайд карда мешавад, ки зери мафҳуми уҳдадориҳои субъективӣ чораҳои рафтори шахси уҳдадор дар муносибатҳои ҳуқуқи суғуртавӣ, ки дар қонунгузорӣ ё шартномаи суғурта қайд шудааст, фаҳмида мешавад. Ҳаҷм ва хусусиятҳои уҳдадориҳои муносибатҳои суғуртавӣ ба якчанд омил вобаста мебошанд.

Якум, уҳдадорӣ оид ба иҷро намудани амали муайян. Тибқи талаботи м. 1074 КМ ҶТ, суғурташаванда вазифадор аст, ки дар сурати ба ӯ маълум гардидани фарорасии ҳодисаи суғурта суғуртакунандаро огоҳ намояд. Пас аз ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ, суғуртакунанда вазифадор аст, ки зарари бамиёномадаро, тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, рафъ намояд. Дуюм, меъёри рафторро бояд ҳамчун уҳдадорӣ, яъне худдорӣ намудан аз иҷрои амалӣ муайян қабул кард. Мувофиқи қоидаҳои шартномаи суғурта, суғуртакунанда набояд ба дараҷаи хавфнокӣ объекти суғурташуда роҳ диҳад ё дар аризаи пешниҳодкардааш барзиёдкунии хавфро пешниҳод кунад ва вобаста ба ин пардохти суғуртавиро аз суғуртакунанда талаб намояд, зеро ин ҳолат ба тағйирёбии муносибатҳо байни суғуртакунанда ва суғурташаванда оварда мерасонад.

### 3.2. Қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бинобар вайрон кардани шартҳои он

Марҳилаи ниҳоии муносиботҳои ҷамъиятӣ қатъ гаштани муносибатҳои ҳуқуқи ба ҳисоб меравад. Қатъ гаштани муносибатҳои ҳуқуқӣ сабабу омилҳои махсуси худро дорад. Аксарияти ҳолатҳое, ки ба қатъшавии муносибатҳо оварда мерасонад ин иҷро накардани уҳдадорӣ, номатлуб иҷро кардани он, ба охир расидани муҳлати амали шартнома ё дигар ҳолатҳое, ки

махмуни шартнома ва муносибатҳои корӣ сарчашма гирифтааст, ба ҳисоб меравад.

Қонунгузории ҶТ тағйир додан ва бекор кардани шартномаро ба тариқи судӣ бо ду роҳ муқаррар кардааст:

- ҳангоми шартномаро ба таври ҷиддӣ вайрон кардани тарафи дигар;

- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи КМ ҶТ, қонунҳои дигар ё шартнома (қ.2. м. 516 КМ ҶТ).

Қатъ гардидани муносибатҳои шартномавӣ бо талаби яке аз ҷонибҳо яке аз мушкилиҳои асоси ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи ҳуқуқӣ ба назар мерасад, ки зери таваҷҷуҳ ва баҳсҳои бепоёни олимону муҳаққиқон қарор гирифтааст. М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский қайд мекунанд, ки чуноне, ки дар марҳилаи бастани шартнома ҷонибҳо озод буданд дар вақти бекор кардани шартнома низ озоданд[141]. Ин ҳолат ифодагари риоя гаштани принсипи, озодона бастани шартнома, ворид шудан ба муносибатҳои шартномавӣ ва баромадан аз ин муносибатҳоро дар бар мегирад.

Қатъ кардани шартнома бо ташаббуси яке аз ҷонибҳо метавонад ба тариқи судӣ ё бе иштироки мақомоти судӣ амалӣ карда шавад. Дар ин маврид ҷонибе, ки барои қатъ кардани шартнома ташаббус зоҳир кардааст, бе муроҷиат кардан ба мақомоти судӣ амали шартномаро қатъ мекунад[142].

Меъёрҳои ба таври ҷиддӣ вайрон кардани бандҳои шартномаро, ки асос барои бекор кардани шартнома мегардад, қонунгзорӣ муқаррар кардааст. М. И. Брагинский дар ин маврид қайд мекунад, ки ба таври ҷиддӣ вайрон кардани бандҳои шартнома ин на танҳо маънои расонидани зарар ва андозаи онро дар назар дорад, балки мақсаде, ки ҷонибҳо ҳангоми бастани шартнома

[141] Брагинский М.И., Витярнский В.В. Договорное право. Книга первая: Общие положения. – М., 2000. – С. 434.

[142] Демкина А.В. Порядок и переделы реализации прав на отказ от договора или осуществления прав по договору: новые правила ГК РФ // Имущественные отношения в Россиской Федерации. – 2015. – №11. – С. 57.

дар назар доштанд (фоидаи аз дастрафта) низ дохил мешавад[143]. М. Васильева ҷиддан вайрон кардани шартномаро вобаста аз намуди уҳдадорӣ ва шартҳои дақиқе, ки аз бандҳои шартнома сарчашма гардидааст, меҳисобад[144]. М.Г. Розенберг бошад, қайд мекунад, ки ҷиддан риоя накардани бандҳои шартнома дар он ифода меёбад, ки оқибат ҷониби дигари шартнома умеде, ки аз бастани ин шартнома дошт, ноил нагаштааст[145]. М.С. Каменеская ҷиддан риоя накардани бандҳои шартномаро аз 4 унусри асосӣ иборат шуморидааст:

а) факти риоя нагаштани шартнома;

б) гуноҳи контрагент;

в) расонидани зиёни назаррас ба ҷонибе, ки ташаббускори бекор кардани шартнома шудааст;

г) робитаи сабаби[146].

О.Н. Захарова ва Т.Ю. Епифансева ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур ба хулосае омаданд, ки қатъ кардани шартнома ё бекор кардани он, тибқи қонунгузорӣ бо роҳҳои зерин ба миён меояд:

1) бекор кардани шартнома ҷиҳати ба созиш омадани ҷонибҳо ё бо ташаббуси яке аз ҷонибҳои шартнома;

2) бекор кардани шартнома бо созиши ҷонибҳо дар бештар маврид бе иштироки мақомоти судӣ ба роҳ монда мешавад ва шартнома дар он маврид бекоршуда ҳисоб меёбад, ки ҷонибҳо оиди бекор кардани шартнома ба созиш омадаанд ва онро тибқи қонунгузорӣ ба расмият даровардаанд;

3) бекор кардани шартнома бо ташаббуси яке аз ҷонибҳои шартнома. Дар ин маврид бекоркунии шартнома метавонад ба тариқи судӣ ё бе ҷалби

---

143 Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. 2-е изд. Испр. Книга первая: Общие положения. – М.: Статут, 2000. – С. 848.

144 Васильева М. Расторжения договора // Основания прекращения обязательств. Экономико-правовой блютень. – 2003. – №5. – С.1-15.

145 Комментарий к Гражданскому кодексу РФ. Ч.1 / Отв. Ред. О.Н. Садиков. – М., 2003. – С. 788.

146 Каменецкая М.С. Существенное нарушение договора контрагентом как основание его расторжения // Законодательство. – 2004. – №10. – С. 7-14.

мақомоти судӣ дар доираи қонунгузорӣ ва шартнома амалӣ карда шавад[147]. Дар аксарияти маврид қатъшавии шартнома бо ташаббуси яке аз ҷонибҳои шартнома ҷиҳати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ боиси оғози муносибатҳои ҷавобгарӣ мегардад.

Институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқ аҳаммияти махсусро касб кардааст. Институти мазкур, аслан, дар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо ба миён омада, ҷиҳати ҳалли масъалаҳое, ки хусусятҳои баҳсиро байни ҷонибҳои шартнома ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ пайдо шудааст, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Бояд тазаккур дод, ки яке аз мақсадҳои асосии институти мазкур иҷрои босифату саривақтии уҳдадориҳо аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Оид ба институти ҷавобгарӣ ва табиати ҳуқуқии он байни олимону муҳаққиқон фикру андешаҳои гуногун вуҷуд дорад. Қисми зиёди муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳз тавассути институти мазкур вазифадор мешаванд, ки уҳдадориҳои базиммагирифтаашонро бо сатҳу сифати баланд ба анҷом расонанд. Гузашта аз ин, иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, бо назардошти рафтору амали худ, ҳаракат мекунанд, ки меъёрҳои қонун ва бандҳои шартномаро, ки дар асоси созиши ҳамдигар ҳосил шудаанд, вайрон насозанд.

Қайд карда мешавад, ки мафҳуми ҷавобгарӣ, бахусус ҷавобгарии маданӣ ифодаи расмии худро дар қонунгузорӣ ва адабиётҳои ҳуқуқи наёфтааст[148].

Бисёре аз муҳаққиқон ҷавобгарии ҳуқуқиро ба чораи маҷбурзосзӣ ҳамшабеҳ медонанд. Гурӯҳи дигаре аз муҳаққиқон бошад, ҷавобгарии

---

[147] Захарова О.Н., Епифанцева Т.Ю. К вопросу о способах расторжения договора // Baikal Research Journal. – 2016. – Т.7. – №5. – С. 5.

[148] Потапенко С.В. Компенсация ущерба причиненного провомерными действями государственных органов и органов местного самоуправления // Власть Закона. – 2013. – №4. – С. 38-42.; Ростовцева А.М. Гражданско – правовая отвественность участников корпаративных отношений и юридического лица: вопосы соотношения // Власть закона – 2013. – №4. – С. 100 -111.; Тарасенко А.А. О некоторых материально – правовых резупциях в правоотношении складывающемся при привлечении контралирующих должника лиц к субсидиарной ответственности // Власть закона. – 2011. – №1. – С.146-154.; Хазикова З.И. Некоторые особенности гражданско-правовой ответственности за нарушение прав на результате интелектуальной деятельности // Власт закона. – 2012. – №4. – С.196-199.; Шишка Р.Б. Деликтное обязательство и гражданско – правовая отвественность // Власть закона. – 2013. – №4. – С.135-138.

ҳуқуқиро бо муҷозот барои ҳуқуқвайрокунӣ омехта месозанд. Ба ақидаи гурӯҳи сеюм бошад, ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқи муҷозот аст. Ба андешаи муаллифони китоби дарсии «Ҳуқуқи кишоварзӣ», ҷавобгарии (масъулияти) ҳуқуқӣ ҳамчун уҳдадории шахси содирнамудаи ҳуқуқвайронкунӣ ҷиҳати мубтало шудан ба оқибатҳои номусоид, тибқи муқаррароти меъёрҳои ҳуқуқӣ, мебошад[149].

Дар зери мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқиро мефаҳманд, ки ба шахси гунаҳгор барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ амалӣ мегардад. Аломатҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инҳоянд: ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқ пешбинӣ мешавад; асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқвайронкунӣ аст; ҷавобгарии ҳуқуқиро танҳо мақомоти давлатӣ ва ашхоси мансабдори босалоҳият, бо тартиби махсуси пешбиникардаи қонун истифода мебаранд; дар натиҷаи татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқвайронкунанда ба як қатор маҳдудиятҳо дучор мешавад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба хелҳои ҳуқуқвайронкунӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад: ҷавобгарии ҷиноятӣ; ҷавобгарии маъмурӣ; ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ; ҷавобгарии интизомӣ (моддӣ). Дар ҳуқуқи кишоварзӣ ҳар чор намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ татбиқ мегарданд, ки ба худ хусусиятҳои хосро соҳибанд. Дар давраи муосир дар ҳуқуқи кишоварзӣ бештар ҷавобгарии амволӣ (маданӣ) ва ҷавобгарии интизомӣ (моддӣ) истифода бурда мешавад.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи кишоварзӣ ба ҳуқуқвайронҳои зерине, ки аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи кишоварзӣ содир шудаанд, татбиқ карда мешавад: халалдор сохтани ҳуқуқҳои қонунии шаҳрвандон ҷиҳати таъсис ва фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва ассотсиатсияҳои онҳо; халалдор сохтани тартиботи дохилии тибқи оинномаи кооперативи истеҳсолии кишоварзӣ муқарраршуда; паст рафтани ҳосилхезии замин; гунаҳгорона расонидани зиён (зарар) ба воситаҳои истеҳсолии корхонаҳои

[149] Ниг.: Шонасриддинов Н.Ш., Нодиров Ф.М. Ҳукуки кишоварзӣ. – Душанбе, 2011. – С. 36.

кишоварзӣ ва дорандагони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ; иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ (татбиқи ҷавобгарии амволӣ (граждани̇̄)); халалдор намудани меъёрҳои ташкили меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилии кооперативҳои истеҳсолии кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар корхонаҳои тиҷоратии кишоварзӣ (татбиқи ҷавобгарии интизомӣ).

Ҳамин тариқ, ҷавобгариии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи кишоварзӣ баҳри самаранок истифода бурдани объектҳои соҳаи хоҷагии қишлоқ ва ҳифзи ҳуқуқҳои субъектҳои он амалӣ мегардад. Он на танҳо ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқи кишоварзӣ, балки ба воситаи чораҳои дар меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, молиявӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, ҷиноятӣ пешбинишуда, сурат мегирад.

Чи тавре қайд карда шуд, фикру андешаҳои олимону муҳаққиқон дар ин самт зиёд ба назар мерасад. Аз ҷумла В.А. Тахов қайд мекунад, ки ҷавобгарии ҳуқуқи ин меъёри ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки субъект уҳдадор аст, ки оид ба рафтор ва амали худ ҳисобот диҳад[150].

В.В. Витрянский бошад, қайд мекунад, ки зарурат нест, ки пешаки ба муносибатҳои шартномавӣ диққати махсусро ба рафтору кирдори ҳуқуқвайронкунанда диҳем, ҳамин кифоя аст, ки иҷро накардан ё номатлуб иҷро кардани уҳдадорӣ ин худ вайрон кардани меъёри қонун ҳисоб меёбад, ки оқибат ба татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқи оварда мерасонад[151].

А.П. Сергеев ҳангоми таҳлили институти ҷавобгарӣ ба хулосае омадааст, ки ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ худ санксияе мебошад, ки бо маҳдудиятҳои иловагӣ алоқаманд буда, барои ҳуқуқвайронкунанда ҳамчун чораи махсуси ҷавобгарӣ дарк карда мешавад[152].

---

[150] Тархов В.А. Ответственность по советскому гражданскому праву: монография. – Саратов, 1973. – С. 11.
[151] Научно-практический комментарий к части первой Гражданского кодекса Российской Федерации для предпринимателей. 2-е изд., доп. и перераб. – М.: Изд-во «Спарк»; Редакция журнала «Хозяйство и право», 1999. – С. 553-554.
[152] Гражданское право: Учебник // Под. Ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. Ч.2. – М.: СПб, 1996. – С. 479.

О.С. Иоффе ақидаи А.П. Сергеевро таҳлил намуда, қайд кардааст, ки ин ҳолат ба ҳуқуқвайронкунанда таъсири мерасонад, ба монанди маҳрум шудан аз ҳуқуқҳои субъективӣ ё илова шудани ҳуқуқу уҳдадориҳои нав[153].

Е.В. Богданов истилоҳи “иллатнокии шахси қарздор”-ро истифода бурда, қайд мекунад, ки вақте, шахс шартҳои шартномаро, ки аз қоидаҳо ва муомилоти корӣ бармеояд, вайрон мекунад, маҳз истифодаи чунин истилоҳ ба мақсад мувофиқ аст[154]. Дар ин ҷо муаллиф, пеш аз ҳама иллатнокии не, балки иҷрои уҳдадориҳои ҷонибҳои шартномаро дар назар дорад[155].

Е.А. Суханов институти ҷавобгарии ҳуқуқи маданиро бештар ҳамчун шакли таъсиррасонии маҷбурӣ аз ҷониби давлат нисбат ба субъектоне, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ дода, дар натиҷа рафтори онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ оқибатҳои ногувори манфиро ба миён овардааст, ба қалам дода, қайд кардааст, ки мақсади татбиқи ҷавобгарӣ, пеш аз ҳама, барқароркунии ҳуқуҳои поймолшудаи ҷабрдида ба шумор меравад[156].

Ҳамзамон, қисме аз олимон институти ҷавобгариро ҳамчун бо роҳи татбиқи таъсиррасонии давлатӣ нисбат ба иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ ба қалам дода, институти мазкурро ҳамчун уҳдадориҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ дарк мекунанд[157].

М.З. Раҳимзода қайд менамояд, ки ҷавобгарӣ барои амале (рафторе) татбиқ мегардад, ки боиси ҳуқуқвайронкунӣ гардидааст[158].

Аслан, зери мафҳуми ҷавобгарӣ санксияҳое дар назар дошта мешавад, ки дар натиҷаи содиршавии он шахс ба ҷавобгарӣ кашида шуда, аз ҳуқуқҳои

[153] Иоффе О.С. Обязательственное право. – М.: 1975. – С. 97.
[154] Богданов Е.В. Предпринимательские договоры: монография. – М., 2003. – С. 17.
[155] Богданов Е.В. Асари ишорашуда. – С. 17.
[156] Гражданское право: учебник. Том I// Под ред. Е.А. Суханова. – М.: Волтерс Клувер, 2004. – С. 257.
[157] Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1. // Зери таҳрири Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – С. 371.
[158] Ниг.:Масъалаҳои муҳими ҳуқуқи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ аз 8-уми июни соли 2019 // Зери таҳрири Ғаюров Ш.К. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 24.; Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: МН Дониш. 2019. – С. 504.; Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1. // Зери таҳрири О.У. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – С. 347-352.; Раҳимов М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Қисми 1. – Душанбе: Деваштич, 2002. – С. 116.; Ҳуқуқи соҳибкорӣ (маълумоти мухтасар). – Душанбе: Деваштич, 2007. – С. 101-103.

субъективӣ маҳрум мегардад ё ба ӯ уҳдадориҳои иловагӣ вогузор карда мешавад[159].

М.И. Брагинский қайд мекунад, ки дилхоҳ санксия то вайрон гардидани меъёри алоҳидаи шартнома хусусияти ҳавасмандиро барои иҷрои матлуби (босифати) уҳдадорӣ таъмин мекунад[160].

Муаллифон Ф.С. Сулаймонов, Д.С. Сафаров, Д.Ш. Сангинов ва П. Мирзоев қайд менамоянд, ки ҷавобгарии маданӣ - ҳуқуқӣ ин оқибатҳои ногувори хусусияти молумулкӣ дошта, аз ҷониби давлат ба зиммаи субъекти дахлдор вогузошт карда мешавад[161].

Е.В. Богданов дар ин хусус андешаронӣ намуда, қайд мекунад, ки санксияҳо хусусиятҳои молиявиро дар худ доранд. Ин маънои онро дорад, ки ҷониби манфиатдор тавассути санксия ҳуқуқ пайдо мекунад, ки зарари бамиёномадаро, ки дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадорӣ ё номатлуб иҷро кардани он ба миён омадааст, кам кунад ё зарарро пурра талофи намояд[162].

О.С. Иоффе қайд мекунад, ки ба чораҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадорӣ ин на танҳо талофи кардани заррар ва пардохти ноустуворона, балки талафот, байона ва намудҳои дигари санксияҳо низ дохил карда мешавад[163].

Б.И. Пугинский қайд мекунад, ки чораҳои ҷавобгарӣ ба қисматҳои зерин ҷудо мешавад:

1. Талофи намудани зарар;
2. Ноустуворона (ҷарима, пеня);
3. Чораҳое, ки хусусияти тасарруфиро доранд (мусодира кардан ба фоидаи давлат, ки дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунӣ ба миён омадааст);

---

[159] Гражданское право: Учебник // Под. ред А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого, Ч.2. – М., СПб, 1996. – С. 479.
[160] Брагинский М.И. Общие учение о хозяйственных договорах. – М., 1967. – С. 229-239.
[161] Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми I. // Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К., номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – С. 313.
[162] Богданов Е.В. Асари ишорашуда. – С. 17.
[163] Иоффе О.С. Содержание гражданско-правового договора // Гражданское законодательство. Статьи.Комментарии // Под ред. А.Г. Диденко. Вып. 2. – Алматы, – 2005. – С. 78.

4. Намудҳои дигар ғайримоддии чораҳои ҷавобгарӣ (барои мисол, гирифтани фоиз, барои истифодаи маблағҳои шахсони дигар)[164].

Ба андешаи О.Э. Лейст ҷавобгарӣ ин амалигардонии санксияи меъёрӣ буда, мазмуни он барои муқаррар кардани ҳуқуқ ва оқибатҳои муайяни рафтор мебошад[165].

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби олимон бештар ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Аз ҷумла, В.П. Грибанов қайд мекунад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои таъсиррасонии маҷбурии давлатӣ нисбати субъектонест, ки меъёрҳои ҳуқуқро, ки тибқи қонунгузорӣ санксияҳои муайянро доро ҳастанд ва оқибатҳои ногувори иловагиро ба миён овардаанд[166].

Ба андешаи В.В. Витрянский, ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ ин санксия барои вайрон кардани ҳуқуқҳои субъективие мебошад, ки барои гунаҳгор оқибатҳои манфиро дар шакли таҳмили уҳдадориҳои нав ё иловагии ҳуқуқи маданӣ ба миён овардааст[167].

Е.В. Богданов қайд мекунад, ки санксияҳо хусусияти молумулки доранд ва ин маънои онро дорад, ки тарафи манфиатдор метавонад тавассути санксия зарар ё зиёни худро пурра ё қисман аз ҷониби дигари шартнома, ки уҳдадориҳояшро иҷро накардааст ё номатлуб ба иҷро расонидааст, талофи намояд[168].

Ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ барои ҳуқуқвайронкунанда хусусияти молумулкиро доро мебошад. Масалан, М.З. Раҳимзода ҷавобгарии ҳуқуқи маданиро аз ҷониби субъектони ҳуқуқи маданӣ иҷро гардидани уҳдадориҳои

---

[164] Пугинский Б.И. Гражданско-правовые средства в хозяйственных отношениях: учебник. – М.: Юрид. лит., 1984. – С. 137.
[165] Лейст О.Э. Санкция и ответственность по советскому праву // Советское государство и право. – 1967. – №7. – С. 32.
[166] Грибанов, В.П. Осуществление и защита гражданских прав: монография. – М., 2000. – С. 121.
[167] Научно-практический комментарий к части первой Гражданского кодекса Российской Федерации для предпринимателей. 2-е изд., доп. И перераб. – М.: Издательство «Спарк». – Редакция журнала «Хозяйство и право», 1999. – С. 483.
[168] Богданов Е.В. Асари ишорашуда. – С. 21.

молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ тавассути механизмҳои маҷбуркунии давлатӣ маънидод менамояд[169].

Ҳуқуқи маданӣ муносибатҳои субъектҳои мустақилеро танзим мекунад, ки дар натиҷаи вайрон гардидани уҳдадорие, ки боиси вайрон гардидани ҳуқуқҳои дигар иштирокчӣ гардидааст. Аз ин лиҳоз, субъекте, ки ҳуқуқвайронкунӣ содир кардааст, дар назди шахсе, ки ҳуқуқҳои онро поймол кардааст, ҷавобгар мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ ин муҷозоте ҳисоб меёбад, ки ба вайронкунандаи ҳуқуқ дар шакли ба зиммааш гузоштани уҳдадориҳои иловагии ҳуқуқи маданӣ ё маҳрум кардан аз ҳуқуқҳои мадании ба ӯ тааллуқдошта татбиқ карда мешавад, гуфтааст Ю.К. Толстой[170].

Санксияҳои молумулкие, ки ба фоидаи ҷабрдида ҷиҳати барқарор кардани зарар талофӣ карда мешавад, байни олимону муҳаққиқон мавриди таҳлилу омӯзишҳои васеъ қарор гирифтааст. Дар адабиёти илмӣ мафҳуми “санксия” (муҷозот ё ҷазо) низ яксон маънидод нагардидааст. Дар баъзе маврид истилоҳи санксия ҳамчун қисми меъёрии санади меъёрии ҳуқуқие омадааст, ки дар сурати риоя меъёрҳои ҳуқуқ, ки боиси оқибатҳои ногувор гардидааст, нисбати субъекти ҳуқуқвайронкунанда татбиқ мегардад. Санксия аз сохти меъёри ҳуқуқ, ки дар таркибаш унсурҳои гипотеза, диспозитсия ва санксия дида мешавад, иборат мебошад[171].

Ба андешаи М.К. Сулейменов зери мафҳуми санксия аввалан, тасдиқи меъёрҳои иҷтимоӣ ва иҷозат фаҳмида мешавад, сипас номи унсури меъёри

---

[169] Ҳуқуқи граждани. Қ.1: китоби дарсӣ // Зери таҳрири Маҳмудов М.А. – Душанбе, 2007. – С. 371. (Муаллифи боб – Раҳимов М.З.); Самадов Б.О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Қ. 1: китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – С. 81.

[170] Гражданское право: учебник. Частӣ 1 // Под ред. Ю.К. Толстого, А.П. Сергеева. – М., 1996. – С. 480-481.

[171] Ниг.: Жилинский Ю.С. Санкция нормы гражданского права: монография. – Воронеж, 1968. – С.20; Лейст О.Э. Санкции и ответственность по советскому праву (теоретические проблемы): монография. – М., 1981. – С. 60.; Исмаилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод. – Душанбе: Деваштич, 2008. – С.152-153; Самадов Б.О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Қ. 2; китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – С. 366-382.; Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 414.

ҳуқуқ ё шартнома, ки дар он оқибати номусоиди вайронкунии аҳд зикр шудааст, сеюм, худи ин оқибати номусоиди воқеан фарорасида мебошад[172].

С.Н. Братус қайд мекунад, ки санксия ба маънои аниқаш танҳо имконияти (таҳдиди) дар шакли ҳуқуқи пешбининамудаи маҷбуркунӣ нисбати шахси уҳдадор дар сурати аз ҷонибаш иҷро нашудани уҳдадорӣ арзёбӣ мегардад[173].

А.П. Сергеева оид ба табиати ҳуқуқии ҷавобгарии маданӣ таҳлилҳо гузаронида, ҷавобгарии ҳуқуқии маданиро ҳамчун санксия барои ҳуқуқвайронкунӣ, ва оқибатҳои манфии ҳуқуқиро дар шакли маҳрум сохтан аз ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ба қалам додааст[174].

А.О. Красавчиков менависад, ки асоси ҷавобгарӣ дар он ифода меёбад, ки маҷмуи ҳуқуқҳо бе назардошти гирифтани ҷубронҳо ё манфиат татбиқ мегардад[175].

И.В. Кривошеева қайд мекунад, ки “санксия” ва “ҷавобгарии ҳуқуқи” ҳаммаъно мебошанд, ҳарчанд, мафҳуми санксия нисбат ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ васеътар аст[176].

Дар фарҳанги забони русӣ истилоҳи “санксия” ҳамчун “тасвиби ягон чиз аз ҷониби зинаи олӣ, иҷозат”, “чора алайҳи тарафи вайронкунандаи шартнома” тафсир шудааст[177].

Як қатор муаллифон ҷавобгариро аз лиҳози ҳаҷм мафҳуми васеътар аз санксия ҳисобида, мегӯянд, ки санксия бе ҷавобгарӣ вуҷуд дошта

---

[172] Сулейменов М.К. Гражданско-правовая ответственность по законодательству Республики Казахстан // Ответственность в гражданском праве: Материалы международной научно-практической конференции (в рамках ежегодных цивилистических чтений). – Алматы, 22-23 мая 2006 г. / отв. Ред. М.К. Сулейменов. – Алматы: НИИ частного права КазГЮУ, 2006. – С.13.

[173] Братусь С.Н. Асари ишорашуда. – С. 123.

[174] Гражданское право: Учебник // Под ред. Ю. К. Толстого, А. П. Сергеева. – М.: 1997. – Ч. 1. – С.480.

[175] Советское гражланское право: Учебник // Под ред. О. А. Красавчикова. – М.: Госюриздат, 1968. - Т. 1. – С. 479-480.

[176] Кривошеев И В Правовое регулирование страхования в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2000. – С. 182.

[177] Ожегов С.И. Словарь русского языка // Под ред. чл.-корр. АН СССР Н.Ю. Шведовой. 18-е изд., стер. – М.: Рус. яз., 1986. – С. 605.

наметавонад[178]. Дар Фразеологияи лотинии илми ҳуқуқ истилоҳи "санксия" аз калимаи лотинии "sactio" гирифта шуда, маънояш ризоят, ҳокимият ва чораҳои маҷбуркунӣ мебошад[179].

О.Э. Лейст менависад, ки санксия ҳамчун ҷузъи таркибии меъёри ҳуқуқ фаҳмида мешавад, ки дар сурати риоя нагардидани муносибатҳо оқибатҳои ҳуқуқиро ба миён меорад. Аз ҳамин лиҳоз ба хулосае омадан ба маврид аст, ки мафҳуми санксия бо ҷузъи таркибии меъёрҳои ҳуқуқӣ алоқамандии зичи мантиқӣ дорад ва аз ҷузъҳои зерин – гипотеза, диспозитсия ва санксия, иборат мебошад[180]. И.С. Непоняшая қайд мекунад, ки мафҳуми "ҷавобгарии ҳуқуқӣ" дар худ мафҳуми "санксия"-ро ҳамчун чораҳои пешгирӣ ифода мекунад. Ҳамзамон, мавсуф менависад, ки дар самти амалӣ намудани шартномаи суғуртаи амволҳои ғайриманқул он санксияҳое бояд татбиқ карда шавад, ки шаклҳои муайяни ҷавобгарии ҳуқуқиро ба мисли талофи кардани зарар ифода намояд[181].

Талофӣ кардани зарар дар мавридҳои пешбининамудаи меъёрҳои моддаҳои м. 1059, қ. 3 м. 1063, қ. 3 м. 1072, м. 1075 КМ ҶТ амалӣ карда мешавад.

Дар самти амали шартномаи суғуртаи заминҳои таиноти кишоварзӣ санксияҳо, ки шакли ҷавобгарии ҳуқуқиро дар бар мегирад, амал мекунад. Якум, ба ин шакл дохил мешавад, гирифтани талафот. Қайд кардан ба маврид аст, ки мафҳуми "зарар ҳамчун чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ" ва "зарари суғуртавӣ"-ро аз ҳам фарқ мекунанд, новобаста ба он ки аз лиҳози иқтисодӣ як функсияро иҷро мекунанд, вале аз лиҳози ҳуқуқӣ бо хусусиятҳои хосаш он тафовут доранд.

---

[178] Орловский А.А. Понятие имущественной санкции в гражданском праве // Советское государство и право. – 1976. – №4. – С.43-45.
[179] Латинская юридическая фразеология / Сост. проф. Б.С. Никороз. – М.: Юрид. лит., 1979. – С. 234.
[180] Лейст О.Э. Санкция и ответственность по советскому праву (теоретические проблемы). – М.: Изд-во МГУ, 1981. – С. 78.
[181] Непомняшая И.С. Правовое регулирования недвижимости: дис. … канд. юрид. наук. – Волгоград, 2006. – С. 67.

Дар байни санксияҳои ҳуқуқҳои маданӣ барои риоя накардани шартҳои шартнома ин сари вақт анҷом надодани пардохтҳои суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунандаҳо ба шумор меравад. Меъёри мазкур дар қ. 2 м. 1074 КМ ҶТ пешбини шудааст. Дар ин хусус Ю. Б. Фогелсон барҳақ қайд мекунад, ки "худдори аз пардохти маблағҳои суғуртавӣ ин маънои радкунии якҷониба оид ба иҷроиши уҳдадориҳоро дорад[182].

Зарарҳои суғуртавӣ, ки дар натиҷаи ба миён омадани ҳолатҳои суғуртавӣ ба миён омадааст, аслан, дар шакли пардохтҳои пулӣ амали карда мешавад. Дар ин ҷо ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дида намешавад. Пардохтҳои суғуртавиро набояд ҳамчун чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мадани арзёбӣ намоем. Гузашта аз ин, пардохтҳои ҷуброни ба сифати ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ баромад намуда ҳамчун шакли унверсалии ҷавобгарӣ дар фазои муносибатҳои амволӣ дида баромада мешавад.

Одатан, талофӣ кардани зарар дар самти амволҳои ғайриманқул, тибқи тартиби умумӣ, амалӣ карда мешавад. Мувофиқи қ.3 м. 1072 КМ ҶТ, ҳангоми аз ҷониби суғурташаванда ё фоидагирандаҳо уҳдадориҳое оид ба тағйиротҳои муҳимме, ки ба миён омадааст, иттилоъ диҳад.

Дар моддаи мазкур сухан дар хусуси он ҳолатҳое меравад, ки характеран хусусияти дар м. 1057 КМ ҶТ ифодаёфтаро дорад. Аммо агар қоидаҳои моддаи мазкур танҳо оид ба ҳолатҳое, ки дар шартнома қайду шарт шудааст, яъне оид ба он ҳолатҳое, ки то ба имзо расонидани шартнома маълум буданд, пас, дар ин маврид қоидаҳои м. 1072 КМ ҶТ, татбиқ карда мешавад. Дар ин ҷо тибқи моддаи мазкур танҳо он ҳолатҳое дар назар дошта мешавад, ки дар ҷараёни амалишавии шартнома ба миён омадааст.

Дар маҷмуъ, ҳуқуқҳое, ки дар м. 1072 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба суғуртакунанда танҳо барои шартномаи суғуртаи амволӣ пешниҳод карда

[182] Ю.Б. Фогельсои Асари ишорашуда. – С. 10.

мешавад. Барои ба миён омадани ҳуқуқҳои муайян ба суғуртакунанда ҳангоми суғуртаи шахсӣ ризояти суғурташаванда зарур мебошад, ки бояд дар шартнома қайд шуда бошад. Дар ин маврид ризояти танҳо фоидагиранда кифоя намебошад, зеро ба унвонии ҷониби дигари шартнома суғурташаванда баромад мекунад. Аз ин лиҳоз фоидагиранда ҳуқуқи мувофиқа кардани шартҳои шартномаро надорад.

Айнан ҳамин ҳолат метавонад аз ҷониби суғуртакунанда дар мавриди риоя накардани сирри суғурташаванда ба миён ояд (м.1059 КМ ҶТ). Ҷавобгарии суғуртакунанда ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дар ин маврид хусусиятҳои умумиро дар худ касб мекунад. Он дар ҳолате метавонад рух диҳад, ки маълумотҳои бадастомада ғайриқонунӣ ҳисоб ёбанд. Ҳамин тариқ ҷавобгарӣ барои истифодабарӣ ё фош кардани маълумотҳое, ки сирри суғуртавиро дар худ касб мекард, намебоист ба зиммаи суғуртакунанда вогузор карда мешуд, агар ягон санади меъёри ҳуқуқӣ истифодабарӣ ё манъи ин маълумотҳоро дар матни худ муқаррар накарда бошад.

Меъёри м. 1059 КМ ҶТ, ҳангоми ҳифзи сирри суғуртавӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Тибқи меъёри моддаи мазкур, суғуртакунанда ҳуқуқ надорад маълумоти дар натиҷаи суғурта оид ба суғурташаванда, шахси суғурташуда ва бадастовардандаи фоида, вазъи саломатӣ, инчунин вазъи амволии ашхоси барояш маълумгардидаро ошкор намояд. Барои вайрон кардани сирри суғурта, вобаста ба шакли вайрон кардани ҳуқуқ ва мушаххасоти қонуншиканӣ, суғуртакунанда мутобиқи м. 165 КМ ҶТ масъулият дорад.

Яке аз вазифаҳои суғурташаванда пешниҳод намудани маълумоти дуруст, шаффоф ва дақиқ мебошад. Риоя накардани ин уҳдадорӣ ба суғуртакунанда ҳуқуқ медиҳад, ки зараре, ки дар натиҷаи маълумоти нодуруст ба миён омадааст, талофӣ намояд (қ.3 м.1063 КМ ҶТ). Ҷавобгарии суғурташаванда дар шакли таллофи кардани зарар дар сурате ба миён

омеояд, ки оид ба ҳаммаи ҳолатҳо ва тағйиротҳое, ки дар объект мавҷуд аст, пеш аз бастани шартнома суғуртакунандаро огоҳ насозад, агар ин ҳолатҳо бевосита ба андозаи таваккали суғуртавӣ таъсир расонад. (қ. 3 м. 1072 КМ ҶТ).

Муносибатҳои суғуртавӣ дар он маврид маълум мегардад, ки ҷонибҳои шартнома меъёрҳои қонунгузорӣ ва шартҳои шартномаро вайрон кардаанд. Ин ҳолатҳо дар мавриде сурат мегирад, ки суғурташаванда ба суғуртакунанда маълумотҳои дурустро пешниҳод намояд (қ. 3 м. 1057 КМ ҶТ).

И. Непоняшая ҳангоми баррасии иҷроиши шартномаи суғуртаи амволҳои ғайриманқул татбиқи ҷавобгарии ҷонибҳоро дар мавридҳои зерин муқаррар кардааст:

- агар шартнома қувваи қонунии худро пас аз пардохт кардани маблағ ба даст наоварда бошад, балки пас аз ба имзо расонидани шартнома аз ҷониби тарафҳо ба даст омада бошад ва суғурташаванда дар муҳлати муқарраршуда маблағро пардохт накарда бошад, дар ин маврид ҷавобгарии суғурташаванда ба миён меояд;

- агар суғуртакунанда пас аз ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ сари вақт пардохтҳои суғуртавиро амалӣ нагардонад, пас, дар ин маврид ҷавобгарии суғуртакунанда ба миён меояд[183].

Дар ин ҷо, ба андешаи мо, пардохт накардани ҳаққи суғуртавӣ набояд ҳамчун чораи ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Зеро табиати ҳуқуқии ноустуворона, ҷарима ва ё дигар ҷавобгариҳои ҳуқуқии маданӣ аз рад кардани пардохти маблағи суғуртавӣ ба куллӣ тафовут дорад. Ба суғурташаванда ягон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иловагӣ зам намегардад. Дар ин маврид ӯ аз ҳуқуқи талаб кардани иҷроиши уҳадориҳо оид ба пардохтҳои суғуртавӣ ва ё ҳаққи суғуртавӣ маҳрум мегардад.

---

[183] Непомняшая И.С. Асари ишорашуда. – С. 90.

Тазаккур бояд дод, ки мо бояд тафовутро байни “рад кардан аз пардохтҳои маблағи суғуртавӣ” ва “озод кардани суғуртакунанда аз пардохти маблағи суғуртавӣ донем (м. 1076 КМ ҶТ). Суғуртакунанда аз пардохти маблағҳои суғуртавӣ ё таъминоти суғуртавӣ озод карда мешавад, агар таваккали суғуртавӣ бо амалҳои ғаразноку барқасдонаи суғурташаванда ё фоидагиранда ба миён омада бошад.

Мутобиқи м. 1077 КМ ҶТ, бо асосҳои зерин суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғурта (маблағи суғурта) озод карда мешавад:

1. Таъсири таркиши силоҳи ядрой, радиатсия ё заҳролудшавӣ;

2. амалиётҳои ҷангӣ, инчунин, ҷанги шаҳрвандӣ.

Ба андешаи мо, ҳодисаҳои мазкур дар он маврид ҳамчун ҳолати суғуртавӣ эътироф карда мешаванд, ки агар онҳо сабаби ба миён омадани зарар ба кам шудани қабати ҳосилнокии қитъаи замин, хок, шусташавӣ ва шӯршавии он ва дигар омилҳои манфӣ дар давраи амали шартномаи суғурта ба миён омада бошад. Ҳамзамон, ҳамаи ин ҳодисаҳо бояд бо санадҳои махсуси мақомотҳои ваколатдори давлатӣ тасдиқ гардида бошанд. Дар сурати набудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда суғуртакунанда ҳуқуқ пайдо мекунад, ки аз ҷавобгарӣ ҷиҳати пардохт намудани ҳолатҳои суғуртавӣ даст кашад.

Гузашта аз ин, Ю. Б. Фогелсон бо инобат гирифтани уҳдадорие, ки аз мазмуни шартнома бармеомад, пардохтҳои суғуртавиро ба категорияҳои зерин ҷудо кардааст:

а) оид ба ҳолатҳое, ки суғурташаванда, суғуртакунандаро огоҳ карда маълумотҳое, ки ба ҳақиқат мувофиқат мекунад, дода, бошад;

б) оид ба ҳолатҳое, ки суғурташаванда суғуртакунандаро огоҳ карда ва маълумотҳоеро пешниҳод карда буд, ки ба ҳақиқат мувофиқат намекард;

в) оид ба ҳолатҳое, ки суғурташаванда ба суғурткунанда маълумот надода буд, ҳол он ки суғуртакунанда оид ба ин ҳолатҳо аз суғурташаванда пурсида буд;

г) оид ба ҳолатҳое, ки суғурташаванда ягон маълумот ба суғуртакунанда пешниҳод накарда буд ва суғуртакунанда низ аз ин ҳолатҳо аз суғурташаванда ягон маълумот напурсида буд[184].

Пешниҳод намудани маълумотҳое, ки ба воқеияти кор наздикӣ надорад, ҳамчун пешниҳод намудани маълумоти бардурӯғ ҳисоб меёбад, зеро дар ин ҷо, пеш аз ҳама, сухан дар бораи он ҳолатҳое меравад, ки суғурташаванда аз ин ҳолатҳо бохабар буд. Агар пас аз бастани шартнома чунин ҳолатҳо ба назар расад, суғуртакунанда ҳуқуқ пайдо мекунад, ки бекор кардани шартномаи суғуртаро талаб намуда, меъёри м. 196 КМ ҶТ мавриди истифда қарор диҳад. Гузашта аз ин, суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки бекор кардан ё тағйир додани шартномаро дар асоси меъёри м. 516 КМ ҶТ талаб намояд.

Агар пас аз бастани шартнома ҳолатҳое ошкор карда шавад, ки дар категорияи "в" пешбинӣ шудааст, суғуртакунанда ҳуқуқи талаб кардани бекор кардани шартнома ё тағйир додани онро пайдо карда наметавонад. Ҳамзамон, шартномаро дар асоси м. 183 КМ ҶТ беэътибор этироф карда наметавонад, аммо ин маънои онро надорад, ки дигар шахс наметавонад беэътибор ҳисоб кардани шартномаро дар асоси м. 183 КМ ҶТ бо татбиқи оқибатҳои умумии аҳд ба миён омадааст, талаб намояд.

Аммо дар таҷрибаи суди чуин ҳолатҳо қариб, ки ба назар намерасад. Махсусан дар суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ.

Ба андешаи Ю. Б. Фогелсона дар хусуси он, ки мавҷуд набудани ҷавобгарии суғурташаванда оид ба ҳолатҳое, ки суғуртакунанда аз суғурташаванда напурсида буд, суғурташаванда ба ӯ пешниҳод накарда буд,

---

[184] Фогельсон Ю.Б. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации, части второй (глава 48) / Под ред. Т.Е. Абовой, А.Ю. Кабалкина. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru (санаи мурочиат: 1.02.2021).

рози шуда наметавонем, зеро ҷавобгарии воқеӣ, аслан ба субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ татбиқ мегардад, ки яке аз уҳдадориҳои худро иҷро накарда бошад. Дилхоҳ уҳдадории субъект, чун қоида, ҳамеша ба ҳуқуқҳои субъекти дигар мувофиқат мекунад. Дар баррасии масъалаи мазкур, яъне уҳдадриҳои суғуртавӣ, уҳдадории суғурташаванда ин пешниҳод намудани маълумоти дақиқ  оид ба ҳолати воқеист, ки метавонад вобаста ба он суғуртакунанда ҳуқуқҳои худро амалӣ гардонад. Ҳамин тариқ, агар суғуртакунанда аз ҳолатҳои воқеии объект пурсон нашавад, пас, чаро суғурташаванда вазифадор шавад, ки аз ин ҳолатҳо, ки ба андешаи ӯ, шояд ҳамчун ҳолатҳои муҳим барои суғуртакунанда ҳисоб наёбад, маълумот диҳад.

Ҳамин тариқ, дар хусуси мавҷуд набудани ҷавобгарии суғурташаванда барои огоҳ накардан аз ҳолатҳое, ки ӯ худ намедонист, ки аҳаммияти муҳимро барои муқаррар кардани эҳтимолияти ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ дошт ва андозаи зарарҳои эҳтимолӣ, агар суғуртакунанда ин ҳолатҳоро ҳангоми бастани шартнома ба инобат нагирифта бошад, хулосабарори намуд. Яъне, дар ин ҷо мо наметавонем, суғурташавандаро ҷавобгар намоем, зеро масъаҳои муҳимму нозукро бояд намояндагону мутахассисони суғуртакунанда баҳогузорӣ карда хулоса медоданд.

Бояд қайд намоем, ки қонунгузорӣ ҷараёни кам кардани зарарҳои суғуртавиро вобаста ба ҳолатҳои суғуртавӣ танзиму муқаррар кардааст (м. 1075 КМ ҶТ). Ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои суғуртавӣ дар доираи шартномаи суғуртавӣ, суғурташаванда вазифадор аст, ки чораҳои самарабахшу эътимоднокро дар хусуси кам кардани эҳтимолияти ба миён омадани зарар андешад. Ҳамин тариқ, иҷро накардани уҳдадориҳо ва андешидани чораҳо натиҷаи рафтори ҷониби шахсони уҳдадориҳо мегардад (м. 462 КМ ҶТ), ки шояд дар натиҷаи қасдан ё аз беэҳтиётӣ ба миён омада бошад.

Санксия барои барқасдона иҷро накардани уҳдадорӣ зарарҳои суғуртавиро аз пардохтҳои суғуртавӣ озод мекунад. Ҳамзамон, зарур аст, тафовут байни меъёрҳои қ. 3 м. 1075 КМ ҶТ ва қ. 2 м. 1074 КМ ҶТ дар хусуси озод кардани суғуртакунанда аз пардохтҳои суғуртавӣ баён карда шавад.

Тазаккур бояд дод, ки қонунгузорӣ дар матни худ, агар ният мавҷуд набошад санксияҳои махсусро барои иҷро накардан уҳдадориҳо ҷиҳати кам кардани зарарҳои суғуртавӣ муқаррар накардааст. Дар ин маврид иҷро накардани уҳдадорӣ ё иҷрои номатлуби ҳуқуқҳои суғуртакунандаҳо оқибат ба вайрон кардани ҳуқуқҳои маданӣ оварда мерасонад. Шахсе, ки ҳуқуқҳои онҳоро поймол кардааст, тибқи моддаи (м. 14 КМ ҶТ) зарарро талофи хоҳад кард.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷавобгарии ҳуқуқи маданиро ба шартномавӣ ва ғайршартномавӣ ҷудо кардаанд. Ҷавобгарии шартномавӣ ҷавобгариест, ки ҳангоми иҷро нашудан ё иҷрои номатлуби уҳдадории аз шартнома ҳосилшуда фаро мерасад[185].

Зери мафҳуми ҷавобгарии ғайришартномавӣ бошад, ҷавобгарие фаҳмида мешавад, ки бо сабаби расонидани зарар фаро мерасад (ҷавобгарии деликтӣ)[186].

Гузашта аз ин, дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ мавқеъҳоеро дучор шудан мумкин аст, ки мувофиқи он ҷавобгарии ҳуқуқи маданиро на ба шартномавӣ ва ғайришартномавӣ, балки ба ҷавобгарие, ки дар натиҷаи вайрон кардани муносибати ҳуқуқии мавҷудбуда фаро мерасад ва ҷавобгарие, ки дар натиҷаи муносибати ҳуқуқии нав пайдо шудааст, бахусус ҷавобгарии дар натиҷаи расонидани зарар фарорасида (ҷавобгарии деликтӣ) тақсим кардан саҳеҳтар аст[187].

---

[185] Гражданское право: в 2-х т. Т.1. учебник. – М., 1993. – С.173.; Гражданское право Часть 1: учебник. – М., 1996. – С. 485.
[186] Гражданское право: в 4 т. Т.1. – Общая часть: учеб // Отв. Ред. Е.А. Суханов. 3-е изд. – М.: Волтерс Клувер, 2004. – С. 592-593.; Гражданское право: Часть 1: учебник. – М., 1996. – С. 485.
[187] Сулейменов М.К. Асари ишорашуда. – С. 15-16.

Ҷавобгарии ғайришартномавӣ на танҳо бар асари расонидани зарар ба молу мулки шахси воқеӣ ё молу мулки шахси ҳуқуқӣ, балки дар натиҷаи беасос аз худ кардану дар ихтиёри худ нигоҳ доштани молу мулк аз ҳисоби шахси дигар ва баъзе ҳолатҳои дигар фаро мерасад[188].

У. А. Шарипов чунин андеша дорад, ки танҳо зарар ба шахсият ва молумулки шахси воқеӣ маҳдуд кардани асосҳои фаросии ҷавобгарии ғайришартномавӣ ва ҷавобгарии деликтӣ донистани худи ҷавобгарии ғайришартномавӣ дуруст нест[189].

В.В. Попов як қатор хусусиятҳои фарққунандаи миёни ҷавобгарии шартномавӣ ва ғайришартномавиро қайд кардааст, аз ҷумла:

1. Асосҳои фаросии ҷавобгарии шартномавӣ, вайрон гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонун мебошад, дар ҳоле ки муносибатҳои байни тарафҳоро ҳам қонун ва ҳам шартномаи байни онҳо танзим кардааст. Бинобар ин, барои амале, ки бевосита қонун барои содиршавии онҳо санксия пешбинӣ накарда бошад, муҷозоти он бо назардошти муқаррар намудани андозаи зарар тибқи созише, ки ҷонибҳо ба мувофиқа расидаанд, татбиқ карда мешавад. Танҳо дар навбати дуюм меъёрҳои қонун татбиқ карда мешавад, ба шарте ки меъёрҳои диспозитивӣ дар меъёҳои қонунгузорӣ мавҷуд бошад.

2. Ҷавобгарии ғайришартномавӣ дар ҳолати вайрон кардани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, ки бо иҷро накардан ё иҷроиши номатлуби уҳдадории тибқи шартнома аз ҷониби тарафҳо алоқаманд нест, фаро мерасад. Ҷавобгарии ғайришартномавӣ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун татбиқ мешавад; андозаи он дар бештари ҳолат қатъӣ муайян карда шудааст. Созиши тарафҳо дар ин маврид

---

[188] Брагинский М.И.., Витрянский В.В. Договорное право. Книга первая: Общие положения: монография. – М.: Статут, 1997. – С. 420.

[189] Шарипов У.А. Назария ва амалияи танзими шартномавии хизматрасони музднoки машваратӣ: дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2019. – С. 110.

амал намекунад, зеро меъёрҳои танзимкунандаи ҷавобгарии ғайришартномавӣ императивӣ мебошанд.

3. Уҳдадории ҷубронкунии зарари расониашуда мумкин аст ба зиммаи шахсоне гузошта шавад, ки бо амалҳои бевоситаи худ зарар нарасонда бошанд, ҳам вале дар уҳдадории деликтӣ қарздор дониста мешаванд[190]. Қисме аз муаллифон байни асосҳои расмӣ ва воқеии ҷавобгарии ҳуқуқӣ тафовут гузоштаанд[191].

Онҳо чунин андеша доранд, ки асосҳои расмии ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонанд дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилии давлат дарҷ гарданд[192]. Ба сифати асосҳои воқеии ҷавобгарӣ бошад, ҳуқуқвайронкуниҳо баромад мекунанд[193].

М.З. Раҳимов дар ин масъала чунин ақида дорад, ки асоси ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ ин ҳуқуқвайронкунӣ буда, шартҳои он рафтори зиддиҳуқуқӣ, робитаи сабабии байни кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва оқибати фарорасида, гуноҳ ва мавҷуд будани зарар ҳисоб меёбад[194].

В.В. Витрянский вайронкунии ҳуқуқи субъективии мадании молумулкӣ ва ҳам шахсии ғайримолумулкиро ягона асоси ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ мешуморад[195].

---

[190] Попов В.В. Гражданско-правовая ответственность за внедоговорный вред, причиненный публично-правовым образованиями: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 40.

[191] Романова В.В. Юридическая ответственность государства: дис. … канд. юрид. наук. – Тольятти, 2007. – С. 68-95.; Астемиров З.А. Понятие юридической ответственности // Советское государство и право. – 1979. – №6. – С. 63.; Лучков В.В. Роль юридической ответственности в механизме правового регулирования// Материалы межвузовской научно-практической конференции. – Тольятти, 2003. – С.63.; Мусаткина А.А. Финансовая ответственность в системе юридической ответственности: дис. … канд. юрид. наук. – Тольятти, 2004. – С. 14.; Сенякин И.Н. Юридическая ответственность // Теория государства и права // Под ред. Н.И. Матузова, А.В. Малько. – М., 1997. – С. 595.; Черных Е.В. О нормативном характере юридической ответственности // Вопросы теории государства и права. Вып. 10. – Саратов, 1998. – С. 80.

[192] Романова В.В. Асари ишорашуда. – С. 9,75.

[193] Романова В.В. ҳамон ҷо. – С. 9,75.

[194] Ҳуқуқи гражданӣ. Қ.1: китоби дарсӣ / зери таҳрири Маҳмудов М.А. – Душанбе, 2007. – С. 381. (Муаллифи боб – Раҳимов М.З.)

[195] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга первая: Общие положения: монография. – М.: Статут, 1997. – С. 501.

М.К. Сулейменов дар ин хусус чунин андеша дорад, ки “ягона шарте, ки ҳамеша татбиқ мешаваду бе он ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ имкон надорад, ин зиддиҳуқуқӣ будани вайронкунии ҳуқуқи маданӣ мебошад[196].

Кирдори зиддиҳуқуқӣ кирдорест, ки дар он меъёри қонун ё дигар санади меъёрӣ, инчунин, ҳуқуқи субъективии шахсро вайрон карда бошад, менависад А.М. Белякова[197].

Ю.К. Толстой зиддиҳуқуқӣ будани кирдорро ҳамчун вайрон кардани ҳуқуқи субъективии шахси дигар бидуни доштани салоҳияти ҳуқуқӣ маънидод кардааст[198].

Амали зиддиҳуқуқии ташкилотҳои суғуртавӣ ин сари вақт ва пурра пардохт накардани пардохтҳои суғуртавӣ арзёбӣ мегардад. Агар дар шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба сифати суғурташаванда хоҷагиҳои кишоварзӣ баромад кунаду аз ҳодисаҳои эҳтимолӣ хавф суғурткунандаро огоҳ накарда бошад, пас, дар ин маврид мо ба боварии комил гуфта метавонем, ки рафтори суғарташаванда ҳамчун кирдори зиддиҳуқуқӣ ҳисоб меёбад.

Ғайриқонунӣ ва ба таври як ҷониба даст кашидани суғуртакунанда аз пардохтҳои суғуртавӣ, яъне иҷрои бандҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ё ғайриқонуни ва ба таври яктарафа даст кашидани суғурташаванда аз  пардохтҳои ҳаққи суғуртавӣ он хусусиятҳое, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, мисоли кирдорҳои зиддиҳуқуқии тарафҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ арзёбӣ мегардад, ки барои ҷавобгарии ҳуқуқи мадании онҳо асос шуда метавонанд.

Тазаккур бояд дод, ки олимону муҳаққиқон таҳлилҳои худро нисбат ба шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ амалӣ намудаанд. В.В. Витрянский дар

---

[196] Сулейменов М.К. Асари ишорашуда. – С. 24.

[197] Белякова М.А. Имущественная ответственность за причинения вреда – М.: юрид лит.-1979 –С.14.

[198] Ниг.: Толстой Ю.К. Условия возникновения обязателйства из причинения вреда // Гражданское право: учебник Часть II. – М., 1997. – С. 707-708.; Кофман В.И. Соотношение вины и противоправности в гражданском праве // Правоведение. – 1957. – №1. – С. 65.

ин хусус қайд мекунад, ки шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ дар оқибатҳои номусоиди соҳаи молу мулки шахси қонуншикан ифода меёбанд, ки натиҷаи ҳуқуқвайронкунии содиркардааш ҳисоб меёбад[199].

О.С. Иоффе ба шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ ҷуброни зарар, пардохти ноустуворона, аз даст додани пешпардохт, инчунин санксияҳои гуногун дар уҳдадориҳои алоҳида татбиқшаванда, масалан шакли аккеддитивии ҳисоббаробаркуниро дохил кардааст[200].

Н.Д. Егоров бошад, қайд мекунад, ки ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ дар шаклҳои ҷуброни зарар, пардохти ноустуворона, аз даст додани пешпардохт ва амсоли инҳо фаро мерасад[201].

Субъектоне, ки дар содир кардани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ки рафтори онҳо хилофи меъёрҳои қонунгузорӣ ва бандҳои алоҳидаи шартнома гаштаанд, боиси татбиқи чораҳои дахлдори ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла пардохти ноустуворона ва талофӣ кардани зиён нисбати шахсе, ки ҳуқуқҳояш поймол гаштааст, мегардад.

Ноустуворона (ҷарима, пеня) маблағе мебошад, ки тибқи қонун ё шартнома муайян гардидааст ва қарздор вазифадор аст, ки ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ, аз ҷумла дар ҳолати гузаронидани муҳлати иҷро онро ба кредитор пардозад (қ.1. м. 381 КМ ҶТ).

И.В. Кривошеев қайд мекунад, ки шакли дуюми ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ, тибқи шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ин пардохти ноустуворона ва ҷаримаҳо мебошад. Чораҳои мазкур имконият медиҳад, ки иҷрои меъёрҳои қонун ва шартнома риоя карда шавад[202].

---

199 Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга первая: Обҳие положения: монография. Изд. 2-е испр. – М., 1999. – С. 633.

200 Иоффе О.С. Обязателийственное право: учебник. – М., 1975. – С. 98-99.

201 Гражданское право: учеб. Т.1. 6-е изд. / под ред А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – М.: ООО “ТК Велби” 2002. – С. 647.

202 Кривошеев И.В. Правовое регулирование страхования в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2000. – С. 186.

Қисме аз олимону муҳаққиқон фарқияти ноустуворонаро аз дигар намудҳои чораҳои ҷавобгарӣ муқаррар намуда, қайд кардаанд, ки тафовути асосӣ байни ноустуворона аз зарар дар он ифода меёбад, ки гирифтани ноустуворона далели бавуҷудоии андозаи дақиқро талаб намекунад. Татбиқ намудани ҷарима ё ноустуворона имконият медиҳад, ки ҷавобгарӣ ҷиҳати талофӣ намудани зарар дар оянда амалӣ карда шавад. Чун қоида, андозаи ноустуворона тибқи бандҳои шартнома, дар асоси ризояти ҷонибҳои шартнома сурат мегирад. Тибқи қоидаҳои умумии м. 454 КМ ҶТ агар барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ ноустуворона муқаррар гардида бошад, пас, зиён дар қисми бо ноустуворона таъминнашуда рӯёнида мешавад.

Аз фикру андешаҳои олимону муҳаққиқон маълум мегардад, ки вазифаи асосии ноустуворона ин таъмини иҷрои уҳдадорӣ ба ҳисоб меравад. Аммо агар ба сифати таъмини ноустуворона ҷуброни зарар ба фоидаи кредитор зикр шуда бошад, пас рӯёнидани ноустуворона, яъне ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ дар назар аст, менависад, У.А. Шарипов.[203]

В.А. Хохлов навиштааст, ки ноустуворона ду вазифаро иҷро мекунад: а) водоркунӣ ва б) барқарору ҷубронкунӣ. Аммо вазифаи якум бештар хоси ноустуворона мебошад[204].

Дар ин хусус У.А. Шарипов менависад, ки дар як қатори мантиқӣ ҷойгузин кардани вазифаҳои “водоркунӣ”, “барқарору ҷубронкунӣ”, “таъмини уҳдадорӣ” ва “муҷозотию ҷаримавӣ”-и ноустуворона баҳсангез буда, ба он розӣ шудан душвор аст[205].

Дар идомаи суханони худ қайд мекунад, ки водоркунӣ ва таъмини уҳдадорӣ ин вазифаҳои ноустуворона, барқарору ҷубронкунӣ ва муҷозотию

[203] Шарипов У.А. Асари ишорашуда. – С. 118.
[204] Хохлов В.А. Ответственность за нарушение договора по гражданскому праву: монография. – Тольятти: ТолПИ, 1997. – С. 234.
[205] Шарипов У.А. Асари ишорашуда. – С. 119.

ҷаримавӣ бошад, вазифаҳои рӯёнидани ноустуворона, яъне ҷавобгарӣ мебошад[206].

Дар ин ҷо муаллиф байни ноустуворона ва рӯёнидани ноустуворона фарқият гузошта, қайд кардааст, ки ҳадафи асосии ин "барқарору ҷубронкунӣ" ва "муҷозоту ҷаримабандӣ" мебошад.

Шакли дигари ҷавобгарии молумулкии тарафҳои шартнома барои иҷро накардан ё номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳои шартномавӣ ин ҷуброни зарари молумулкӣ ба шумор меравад.

Оид ба зарари молумулкӣ фикру андешаҳо ва назарияҳои гуногун мавҷуд аст. Дар луғати тафсирии В.И. Дал зарар чун оқибати ҳар осебрасонӣ, вайронкунӣ, зиёни моддӣ ё маънавӣ, ҳар вайрокунии ҳуқуқи шахсият ё молиякият, чи қонуни бошаду чи ғайриқонунӣ, маънидод шудааст[207].

Олимону муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқ якчанд мафҳуми зарарро пешниҳод намудаанд. М.М. Агарков зарарро "расонидани ҳама гуна хисорот ба ин ё он неъмати шахсӣ ё молумулкӣ" ба қалам додааст[208].

А.М. Белякова гуфтааст, ки зарар маънои коста кардани неъмати шахсӣ ё молумулкиест, ки ба ташкилот ва шаҳрванд тааллуқ дорад[209]. Ба ақидаи В.Т. Смирнов, зарар оқибати молумулкии ҳуқуқвайронкуниест, ки дар шакли хисорот ё зиён ифода меёбад[210].

Е.А. Флейшитс зери мафҳуми "зарар" нобудкунии неъмати бо қонуни шуравӣ ҳифзшавандаро мефаҳмид[211]. Новитский И.Б. ва Л.А. Лунс зарарро ҳамчун баҳогузорӣ ба қалам дода, қайд кардаанд, ки амали шахсе, ки бо

---

[206] Шарипов У.А. ҳамон ҷо. – С.-119
[207] Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка. – М.: Рус. яз., 1979. – Т. II. – С. 260.
[208] Гражданское право / под ред. М.М. Агаркова и Д.М. Генкина. Т. 1. –М.: Юриздат, 1944-С.332.
[209] Белякова А.М. Имущественная ответственность за причинения вреда. – М., 1965. – С. 7.
[210] Смирнов А.М. Асари ишорашуда. – С. 26.
[211] Флейщиц Е.А. Обязательства из причинения из неосновательного обогащения: монография. – М.: Госюриздат, 1951. – С. 26.

амалҳои ғайриқонуниаш ба шахси дигар зиён расонидааст, ҳамчун зарар фаҳмида мешавад[212].

Аммо чунин тафсир намудани мафҳуми заррар тамоми хусусиятҳои хоси зарраро таҷассум карда наметавонад, зеро зарар дар худ на танҳо баҳогузорӣ, балки оқибатҳои ногуворӣ моливу пулӣ ва иқтисодиро ифода мекунад. О.С. Иоффе қайд мекунад, ки зарар ин мафҳуми мустақил буда, аз зиён бо хусусиятҳои бо худ хосаш фарқ мекунад. Аммо дар қонунгузории маданӣ тафовути байни зарар ва зиён дарҷ нашудааст. Яке аз принсипҳои ҳуқуқи маданӣ пардохти пурраи зарар мебошад, ки ифодаи расмии худро дар моддаи 14 КМҶТ ёфтааст. Тибқи принсипи мазкур, шахси ҳуқуқвайронкунанда уҳдадор аст, ки зарари расонидашударо пурра талофӣ намояд.

У.А. Шарипов ҳангоми таҳлили пурраи масъалаи мазкур ба хулосае омада, қайд мекунад, ки зарар ин ғайриқонунӣ коҳиш додан ё нобуд кардани неъматҳои (ҳуқуқи) молумулкӣ ё ғайримолумулкиест, ки дар асоси қонунӣ ё субъектони ҳуқуқи маданӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳифз карда мешаванд[213].

Ҳамзамон, зери мафҳуми зарар хароҷотҳое дар назар дошта мешавад, ки ҳуқуқҳои шахсӣ вайронгардида, бояд пурра барқарор карда шавад. Дар ин ҷо на танҳо хароҷотҳо, балки фоидаи аздастрафта низ бояд пурра барқарор карда шавад. Аммо таҷрибаи мурофиаҳои судӣ нишон медиҳад, ки тартиби ягонаи ҷуброн ва пардохти зарар то ҳол қабул ва тасдиқ карда нашудааст. Қисми 2 моддаи 14 КМ муқаррар кардааст, ки на танҳо зарар талофӣ , балки ҳуқуқҳои вайронгардида бояд барқарор карда шавад.

Нисбат ба субъектоне, ки уҳдадориҳояшонро, мувофиқи шартнома ба зимма гирифтаанду иҷро накардаанд ё номатлуб ба иҷро расондаанд, тибқи қонунгузорӣ ва бандҳои муайяни шартнома ҷавобгаранд, масалан, барои сари вақт пардохт накардани маблағҳои суғуртавӣ, ки боиси гузаштани

---

[212] Новицкий И.Б., Лунц Л.А. Асари ишорушуда. – С. 41.
[213] Шарипов У.А. Асари ишорашуда. – С. 122.

муҳлати пардохт гардидааст ё аз ҷониби суғурташаванда огоҳ накардани суғуртакунанда дар хусуси тағйир ёфтани дараҷанокии хавфи суғуртавӣ, пешниҳод накардани малумотҳои дурусту муфассал оид ба объекти суғурта ва ғайра.

Ҷавобгарӣ чи тавре дар боло қайд карда шуд, дар ҳамон шакле нисбати ҳуқуқвайронкунанда татбиқ карда мешавад, ки дар қонунгузорӣ ва бандҳои шартнома муқаррар шуда бошад. Агар муҷозот дар шакли пардохти ҷарима ё ноустуворона муқаррар шуда бошад, пас, андозаи он вобаста ба талафёбии объект муқаррар карда мешавад. Вақте, ки андозаи талафёбии объект ба ҷаримае, ки муқаррар шудааст, мувофиқат накунад, дар ин маврид бо дастрасии м. 384 КМ ҶТ андозаи он аз ҷониби мақомоти судӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешавад. Аммо набояд фаромуш кунем, ки барои зарари расонидашуда бояд як намуди муҷозот татбиқ карда шавад.

Асоси ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ барои вайрон кардани шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳуқуқвайронкуние ҳисоб меёбад, ки дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадорӣ ё ба таври номатлуб иҷро кардани уҳдадорӣ ба миён омада бошад. Шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ гуногун буда метавонад, аммо ифодаи дақиқи онҳоро мо метавонем дар бандҳои дахлдори шартнома ҷӯё шавем.

Шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба ҳар ду ҷониби шартнома, вобаста ба мавқеъ ва иҷрои вазифаҳояшон дар муносибатҳои суғуртавӣ гуногун буда метавонад. Барои мисол, суғурташаванда вазифадор аст, ки ба суғуртакунанда тамоми маълумотро вобаста ба қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ муфасал ва дақиқ пешниҳод намояд. Аз ҷумла, оид ба ҳолати мелиоративии замин, таркиби хок, мақеи ҷойгиршавии қитъаи замин, ҳосилнокии қитъаи замин дар як мавсими корӣ ва солҳои сипаришуда, зиротати кадом намуди маҳсулотҳои кишоварзӣ ба қитъаи замин ва иқлими он мувофиқ аст, кадом намуди доруҳои минералӣ

дар қитъаи замин истифода шудааст, кадом намуди ҳодисаҳои табиӣ бештар ба қитъаи замин таъсири манфӣ мерасонанд, аз кадом намуди ҳашаротҳо ва касалиҳои сирояти қитъаи замин ва маҳсулотҳои кишоварзие, ки дар он мерӯяд, хавфи бештар мавҷуд аст ва ғайра. Суғуртакунанда низ, дар навбати худ, вазифадор аст, ки қитаъи замини мазкурро пурра мавриди омӯзишу таҳлили иқтисодӣ қарор дода, хавфнокии онро муайян намояд. Дар сурати ба созиш омадану бастани шартнома суғуртакунанда вазифадор аст, ки пардохтҳои суғуртавиро сари вақт амали намояд.

Шартҳои муҳимми шартномаи суғуртаро қонунгузорӣ муқаррар намудааст, ки аз инҳо иборатанд:

1. Оид ба амволи муайян ё маҷмуи манфиатҳои амволӣ, ки объекти суғурта ҳисоб меёбанд;
2. Оид ба хусусиятҳои ҳодисаҳое, ки ҳангоми фарорасии он суғурта анҷом дода мешавад, (ҳодисаи суғуртавӣ);
3. Оид ба андозаи маблағи суғурта;
4. Оид ба тартиби муайян намудани ҷуброни суғурта, агар дар шартнома имконият нисбат ба маблағи суғурта камтар пардохт кардани маблағ пешбинӣ гардида бошад;
5. Оид ба андозаи мукофоти суғуртавӣ ва муҳлати пардохти он;
6. Оид ба муҳлати амали шартнома;
7. Ҳангоми зарурат аз назар гузаронидан (экпертиза)-и объекти суғурта.

Тазаккур бояд дод, ки ҳамчун шартҳои умумӣ ҳисоб намудан шартҳои пешбининамудаи қонунгузориро ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро шартҳои махсус аз объектҳои суғуртамешуда, ки ҷонибҳо дар ин хусус ба созиш омадаанд, ҳосил мешавад. Ба сифати шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ баромад мекунанд:

1. ба инобат гирифтани қабати ҳосилнокии хок ва қитаъи замин;
2. ба инобат гирифтани иқлим ва мавқеи ҷойгиршавии қитъаи замин;

3. ба инобат гирифтани таъиноти замин (обӣ, лалмӣ, обёришаванда, болокушода, болопӯшида ва ғайра.);

4. дуруст ва сари вақт пеш бурдани корҳои агротехникӣ;

5. мавҷуд будани шиносномаи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ, ки дар он тамоми корҳои анҷомдодашуда расман қайд шудааст;

6. истифодаи дуруст ва саривақтии механизмҳо ва техникаҳои кишоварзӣ;

7. ҷалби саривақтии мутахассисон (аграномҳо), мавҷуд будани шумораи кофии кормандони хоҷагӣ (доимӣ ва мавсимӣ);

8. ба инобат гирифтани ҳосилнокии қитъаи замин дар панҷ соли пеш аз бастани шартномаи суғурта;

9. маълумот дар хусуси дар ҳолати корӣ қарор доштани таҷҳизотҳои ирригатсионӣ ва ғайра;

10. гирифтани хулосаҳои дақиқи озмоишгоҳҳо оид ба таркиби хок ва ғайра.

Дар сурати иҷро накардани шартҳои шартнома, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои шартнома, ҷавобгарӣ муқаррар карда мешавад.

Муҳлати амали шартнома яке аз шартҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Қайд кардан ба маврид аст, ки муҳлати амали шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, аз дигар намудҳои шартнома фарқ дорад. Барои мисол, дар аксарияти муносибатҳои шартномавӣ муҳлати амали шартнома на камтар аз як сол ба имзо расонида мешавад, аммо дар суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ин муҳлат метавонад аз хавфҳои ҷойдошта вобаста бошад. Агар қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ худро танҳо аз хавфи боришот ва омадани сел суғурта карда бошад, пас аз гузаштани мавсими омадани сел ва боришот шартнома метавонад қатъ карда шавад, зеро хавфе, ки суғурташавандаро зери ташвиш

қарор медод, аллакай паси сар шудааст. Ҳамзамон, тарафҳо метавонанд муҳлати амали шартномаро вобаста ба муҳлати ҷой доштани хавф муқаррар намоянд, аммо бояд ба суғуртакунанда маълумоти муфассал ва дақиқро оид мавҷуд будани хавф пешниҳод кунанд.

Қисми зиёди муаллифон, ки тадқиқотро дар ин самт анҷом додаанд, қайд мекунанд, ки уҳдадориҳои суғуртавӣ метавонанд танҳо дар мавриди фасли муайяни вақт амалӣ гарданд. Бахусус дар ин масъала Г.Ф. Шершеневич қайд мекунад, ки шартномаи суғурта ин муҳлате мебошад, ки дар ҷараёни он суғуртакунанда ризояти худро дар хусуси гирифтани таваккали зиёни шахси дигар медиҳад[214].

Албатта, вақте суғуртакунанда барои гирифтани хавфе, ки суғурташаванда хоҳиши ба зимма гирифтани онро надорад ва дар ин хусус бо суғуртакунанда ҷиҳати интиқол намудани хавф ба муҳлати муайян ба созиш омадаанд, суғуртакунанда уҳдадор мешавад, ки дар доираи муҳлати муайян объекти суғурташударо аз хавф эмин нигоҳ дорад.

Ю.Б. Фогелсон қайд мекунад, ки шартномаи суғурта ба фарқ аз дигар намудҳои шартнома наметавонад ба муҳлати номуайян баста шавад[215]. Т.С. Мартянов менависад, ки аҳаммияти муҳлат яке аз ҷузъҳои муҳимми уҳдадориҳои суғуртавӣ ба ҳисоб меравад, зеро нақши он ҳамчун омиле, ки бевосита таъсири худро ба дараҷанокии хавфи суғуртавӣ мерасонад, муқаррар кардааст[216].

А.А. Иванов бо Т.С. Мартянов ҳамфикр буда қайд мекунад, ки муҳлати амали шартнома яке аз ҷузъҳои муҳимми шартнома ба ҳисоб меравад, зеро он ба дараҷанокии таваккале, ки суғуртакунанда ба зимма гирифтааст, аҳаммияти махсус дорад[217].

---

[214] Шершеневич Г. Ф. Курс торгового права. – М., 2003. – С. 345.
[215] Фогельсон Ю. Б. Асари ишорашуда. – С. 93.
[216] Мартьянова Т.С. Страхование жизни и здоровья граждан по договорам. – М., 1980. – С. 119.
[217] Иванов А.А. Асари ишорашуда. – С. 95.

Дар ин ҷо муҳаққиқон, пеш аз ҳама, фаслҳои сол, рӯзҳои номусоидии боду ҳаво, ҳодисаҳои афвқулода, ҳодисаҳои табиӣ ва ғайраро дар назар доранд. Муҳлати амали шартнома, чи тавре, ки дар боло ишора шуд, аз хусусияти объектҳо иборат мебошад. Агар ҳашароти зарарасон ба маҳсулотҳои кишоварзӣ танҳо қисмати рӯз (аз соати 7:00 то 19:00) таъсир расонанд, пас, муҳалати амали шартнома метавонанд,танҳо дар доираи ҳамин вақт амалӣ карда шавад.

Суғурташавада вазифадор мебошад, ки дар доираи муҳлати амали шартнома ба суғуртакунанда тамоми ҳолатҳоеро, ки барояш маълум аст, хабар диҳад, зеро аз ин ҳолатҳо эҳтимолияти фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ аҳамияти калон дорад. Агар, тибқи шартномаи суғурта, суғурташаванда суғуртакунандаро ба таври хаттӣ, шифоҳӣ ё усули дигар оид ба эҳтимолияти сар задани хавфҳо огоҳ намояду суғуртакунанда эътибори ҷиддӣ надода бошад, пас, дар ин маврид суғуртакунанда наметавонад, ки аз пардохти маблағҳои суғуртавӣ худдорӣ намояд. Агар пас аз бастани шартномаи суғурта маълум гардад, ки суғурташаванда бадқасдона ба суғуртакунанда маълумоти бардурӯғ пешниҳод кардааст, суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки беэътибор эътироф намудани шартномаро талаб намояд ва оқибатҳои қисми 2 моддаи 196 КМҶТ талаб намояд.

Гузашта аз ин, суғурташаванда, тибқи шартномаи суғуртаи амвол, баъди ба ӯ маълум гардидани фарорасии ҳодисаи суғурта вазифадор аст, ки фавран дар мавриди фарорасии он ба суғуртакунанда ё намояндаи вай хабар диҳад. Агар дар шартнома мӯҳлат ва (ё) усули огоҳонӣ пешбинӣ гардида бошад, он бояд дар муҳлати муайяншуда ва усули муқарраргардида анҷом дода шавад (м.1074 КМ ҶТ).

Суғурташаванда барои кам кардани зарари эҳтимолии ҳодиса бояд тамоми чораҳои заруриро андешад. Суғурташаванда барои гирифтани садди роҳи зарари эҳтимолӣ бояд тибқи дастури суғуртакунанда амал намояд, зеро

барқарор намудани зарар ба зиммаи суғуртакунанда вогузор гардидааст. Суғуртакунанда, дар навбати худ, вазифадор мешавад, ки тамоми хароҷоти масрафгардидаи суғурташавандаро, ки баҳри рафъи зарари эҳтимолӣ харҷ шудааст, ба суғурташаванда пардохт намояд (м. 1075 КМ ҶТ)

Қонунгузории ҶТ як қатор асосҳоеро муқаррар кардааст, ки тибқи он суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки ба суғурташаванда (бадастовардандаи фоида) аз пардохти ҷуброни суғурта даст кашад (м.1078 КМ ҶТ). Ҳангоми таҳлилу баррасии моддаи мазкур, дар маҷмуъ ба хулосае омадан мумкин аст, ки заминаи ин радкуниҳоро гуноҳ ташкил медиҳад.

Гуноҳ чуноне, яке аз ҷузъҳои таркибии ҳуқуқвайронкунӣ ба шумор меравад, зеро мафҳуми гуноҳ муносибатҳои ҳуқуқвайронкунанда ба рафтори нодуруст ва оқибатҳое, ки дар натиҷаи содиршавии он ба миён меояд, фаҳмида мешавад. Гуноҳ, одатан, ҳамчун муносибати субъективӣ ва равонии шахс ба рафтори ғайриқонунии худ ва оқибатҳои ногувори он баррасӣ карда мешавад. Мувофиқи м. 462 КМ ҶТ, шахсе, ки уҳдадориро иҷро накардааст ё онро номатлуб иҷро кардааст, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ (қасдан ё аз беэҳтиётӣ) ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун ё шартнома пешбинӣ кардааст, ҷавобгар мебошад.

Дар назарияи ҳуқуқи маданӣ фикру андешаҳои гуногун оид ба "гуноҳ" мавҷуд мебошад. Яке аз онҳоро О.С. Иоффе "консепсияи гунаҳкор ба истиснои ибтидо" номгузорӣ кардааст. Дар ин назария қайд карда мешавад, ки масъулият ё ҷавобгарии маданӣ дар асоси принсипи ҷавобгари барои содиркунии гуноҳ бунёд ёфтааст[218].

Мавҷудияти меъёрҳои ҷуброни зиён дар ҳолати бе гуноҳ расонидани зарар як навъ истисно аз қоидаҳои умуми буда барои рад кардани ин принсип асос намешавад. Ҳамин тариқ масъулият ё ҷавобгарӣ танҳо барои содир кардани амали гунаҳкорона тадбиқ карда мешавад.

[218] Иоффе О.С. Асари ишорашуда. – С. 571.

Г.К. Матвеев аз мазмуни принсипи мазкур хулосабарорӣ намуда қайд мекунад, ки гуноҳи корхона ё ташкилот гуноҳи корманди алоҳида ҳисоб намеёбад[219], дар ҳоле, ки имрӯз дар бештар маврид гуноҳи шахси ҳуқуқӣ аз ҳисоби кормандон ба миён меояд, на аз ҷониби ҳайати роҳбарикунандаи он.

Дар м. 462 КМ ҶТ қайд шудааст, ки гуноҳ дар ду шакл (қасдона ё аз беэҳтиётӣ" содир карда мешавад. Гуноҳи дар шакли қасдона содиршуда, гуноҳе ҳисоб меёбад, ки шахс дидаву дониста ба ин кирдор даст мезанад. Яъне, гуноҳ аз кирдорҳояш бараъло маълум мегардад. Гуноҳ дар шакли беэҳтиёти содиршуда дар он ифода меёбад, ки шахс ангезаи (нияти) содир кардани онро надошт ва дар кирдорҳои ӯ ҷузъиётҳои кирдорҳои бадқасдона дида намешуд, аммо кирдор содир шудааст. Ӯ уҳдадор буд, ки дар кирдорҳои худ бодиққатӣ ва эҳтиётиро ба таври ҷиддӣ риоя мекард. Гузашта аз ин, байни ин ду шакли гуноҳ тафовути муайян вуҷуд дорад, ки ифодаи расмии худро дар қонунгузорӣ наёфтааст.

Е.А. Павлодский қайд мекунад, ки муносибати равонии субъект ҳангоми муносибати манфӣ доштан, ки рафтори худро дарк карда наметавонад ва оқибатҳоеро, ки аз ин муносибатҳо ҳосил мешаванд, намедонист, пас, дар ин маврид гуноҳ вуҷуд дошта наметавонад[220].

Тазаккур бояд дод, ки дар шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба ҳайси ҷонибҳои шартнома суғуртакунанда ва суғурташаванда (хоҷагиҳои кишоварзӣ, асостсиатсияҳо ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ), баромад мекунанд. Суғуртакунанда, тибқи шартнома, уҳдадор аст, ки ҳангоми ба миён омалани ҳолатҳои суғуртавӣ пардохтҳои суғуртавиро сари вақт амалӣ намояд. Дар навбати худ суғурташаванда (хоҷагиҳои кишоварзӣ) уҳдадор мешаванд, ки оид ба тамоми ҳолатҳои мелиоративии қитъаи замин, таркиби хок, қабати ҳосилнокии он, минтақаи ҷойгиршавӣ, сабабу омилҳои

---

[219] Матвеев Г. К. Вина в советском праве. – М., 1935. – С. 203.
[220] Павлодский Е.А. Случай и непреоделимая сила в гражданском праве // Законодательство. – 2018. – №7. – С. 73.

сар задани хавф ва дигар масъалаҳои муҳим суғуртакунандаро огоҳ намуда, пеш аз ба имзо расонидани шартнома ба суғуртакунанда маълумоти пурра ва муфассал диҳад.

Гуноҳи суғурташаванда дар он зоҳир шуданаш мумкин аст, ки бо суғуртакунанда тамоми маълумоти зарурӣ ва эҳтимолияти сар задани хавфро пешниҳод накардааст. Бо суғурташавандае, ки меъёрҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро вайрон намудааст, санксияҳои зерин татбиқ шуданаш мумкин аст:

- кам кардани маблағи пардохти суғуртавӣ.

Агар аз ҷониби суғурташаванда талаботи меъёри шартнома вайрон карда шавад, пас, дар ин маврид санксияҳо нисбат ба суғуртакунанда чунин шуда метавонад:

- напардохтан ё қисман пардохт накардани ҳаққи суғуртавӣ.

Ҳамзамон, мутобиқи м. 1071 КМ ҶТ суғурташаванда метавонад қатъ кардани шартномаро пеш аз муҳлат талаб намояд.

В.М. Кассак ҳангоми таҳлил намудани истилоҳи “бекор кардан” ва “қатъ кардан”-и уҳдадорҳои шартномавӣ ба хулосае меояд, ки бекор кардан танҳо дар мавриде ба миён меояд, ки масъала дар шартнома ё қонунгузорӣ пешбинӣ шуда бошад. Натиҷаи бекор кардани шартнома иҷро накардан ё номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳо ба шумор меравад. Ҳамзамон, мавсуф муҳлати бекоркуниро дар асоси ду ҳолат пешбинӣ мекунад:

1. Дар асосҳое, ки ҷонибҳо ба созиш омадаанд;

2. Дар асосҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст[221].

Дар шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳамаи асосҳои бекоркунӣ дар қоидаҳои суғурта муқаррар шудааст. Ҷавобгарӣ барои сари вақт пешгирӣ накардани хавфҳо, агар исбот карда шавад, ки суғурташаванда тамоми маълумоти заруриро пешниҳод кардааст, ҳатто суғуртакунандаро

[221] Кассак В.М. Страхование. – М.: Финансы, 2003. – С. 96.

огоҳ кардааст, ба зиммаи суғуртакунанда гузошта мешавад. Суғуртакунанда вазифадор карда мешавад, ки зарари расонидашударо рӯпӯш намояд. Агар баҳсҳо дар ин маврид пайдо гардад, пас, ҷонибҳо метавонанд аз меъёрҳои м. 11 КМ ҶТ истифода намоянд.

Вобаста аз мазмуни ҳуқуқҳои субъективӣ ва хусусиятҳои ҳуқуқвайрокунӣ, мақомоти судӣ метавонад чунин санади судӣ барорад: эътирофи ҳуқуқ, баробаркунии ҳуқуқҳои вайронгашта оид ба бекор кардани аҳдҳои басташуда ва оқибатҳои амалҳое, ки аз ин муносибатҳои аҳдӣ ба миён омадааст; дар бораи қатъ шудан ё тағйир додани ин муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ғайра. Ин рӯйхат метавонад боз идома ёбад.

Боби 53 КМ ҶТ шумораи зиёди ҳифзи ҳуқуқҳои суғуртакунандаро дар матни худ муқаррар кардааст. Дар таҷрибаи суди масъалаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои моликият зиёд ба назар мерасад. Дар ин ҷо сухан дар хусуси ҳуқуқҳои ашёест, ки мақсади асосиашон барқароркунии ҳуқуқҳои соҳиби кардан, истифода бурдан, ихтиёрдорӣ кардан ё аз байн бурдани моликиятҳо мебошад.

Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ баҳсҳо вобаста ба муносибатҳои хоҷагидориву заминистифодабарӣ зиёд ба назар мерасад. Аммо нисбат ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ баҳсҳо қариб ки ба назар намерасанд, зеро таҷриба нишон медиҳад, ки муносибатҳои суғуртакунии замин аз ҷониби ташкилотҳои суғуртакунӣ дида намешаванд. Яъне, муносибат дар таҷриба қариб ки нест, бинобар ин, баҳсҳо низ дар ин самт вуҷуд надорад, дар ҳоле, ки баҳсҳо вобаста ба суғуртакунии замин дар мурофиаҳои судии кишварҳои хориҷи зиёд ба назар мерасанд.

Арзиши суғуртакунии дилхоҳ объект вобаста ба дараҷанокии хавф муқаррар карда мешавад. Хавф дар муносибатҳои суғуртавӣ аҳаммияти махсусро доро мебошад, зеро асоси пайдоиши муносибатҳои суғуртавиро

хавф ташкил медиҳад. Хавф дар суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва хоҷагиҳо зиёд ба назар мерасад.

Хавф, ҳам аз лиҳози ҳодисаҳои табиӣ ва ҳам аз ҳисоби молиявию иқтисодӣ дар хоҷагиҳо зиёд ба назар мерасанд. Дар ин хусус Ҷ.С. Муртазозода ҳангоми таҳлили фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ин мушкилотҳоро чунин қайд кардааст:

1. Маҳдуд будан дар гирифтани қарзҳо. Бонкҳо ба қисмати ками хоҷагиҳо ба муҳлати хеле кам қарз дода, аз онҳо гарав ва фоизҳои баланд (аз 30 то 38%) мегиранд;

2. Мавҷуд набудани хизматрасониҳо дар самти хоҷагиҳои кишоварзӣ, бахусус хизматрасониҳои тихникӣ. Он хадамоте, ки дар самти хизматрасониҳои хоҷагиҳо фаъолият мекунанд, дар тавозунашон техникаҳое доранд, ки кайҳо таъмирталаб мебошанд.

3. Сатҳи пасти мавҷудияти техникаҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳо. Тибқи таҳлилҳои гузаронидашуда зиёда, аз 71% хоҷагиҳои кишоварзӣ ба техникаҳои кишоварзии зарурӣ таъмин нестанд.

4. Таъмини тухмиҳо, нуриҳои минералӣ, петисидҳо. Яке аз мушкилотӣ асоси ин имконияти харидорӣ карда натавонистани нуриҳои минералӣ ва пестидсидҳо, дастнорас будани онҳо ва мавҷуд набудани ҷойҳои таъмини онҳо ба шумор меравад.

5. Таъмини замин бо об, корношоям будани системаи ирригатсионӣ ва мавҷуд набудани сарчашмаи иловагии об ё мавҷуд будани обҳое, ки ба заминҳои таъиноти кишоварзӣ мувофиқ нестанд.

6. Мушкилоти таъминот, истеҳсоли маҳсулот, мавҷуд набудани техникаҳо барои таъминоту амалигардонӣ, мавҷуд набудани биноҳо барои ҳифзу нигаҳдории маҳсулотҳои кишоварзӣ.

7. Мушкилоти таъминоти барқи доимӣ дар минтақаҳо.

8. Мавҷуд набудани таҷрибаи кофии корҳои коллективӣ, ғайриқаноатбахш будани кори ассотсиатсияҳо, дахолати роҳбарони маҳаллӣ ба фаъолияти хоҷагӣ.

9. Мавҷуд набудани сатҳи зарурии дониш ва норасоии мутахассисон дар самти гузаронидани корҳои мелиоративии замин[222].

Албатта, мо бо андешаҳои Ҷ.С. Муртазозода розӣ мебошем, зеро то ҳол ин мушкилот дар хоҷагиҳои кишоварзӣ ба назар мерасанд. Дар баробари омилҳое, ки қайд карда шуд, ҳамзамон, чунин ба назар мерасад, ки таваҷҷуҳи қувваи корӣ нисбат ба заминҳои таъиноти кишоварзӣ рӯз аз рӯз тамоюли пастравӣ дорад, зеро дар бештар маврид хароҷоти калони молиявӣ ва корӣ сарф мегардад, вале хоҷагидорон ҳосили дилхоҳе, ки дар назар доранд, гирифта наметавонанд.

[222] Муртазокулов Дж.С. Фермерские хозяйства в некоторых странах СНГ: становление, развитие, перспективы. – М., 2011. – С. 115.

## ХУЛОСА

Дар ҷамъбасти таҳқиқи илмии танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод намудани хулосаву тавсияҳоеро, ки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти мазкур таҳия карда шудаанд, зарур мешуморем.

1. Фикру андешаҳои олимону муҳаққиқон роҷеъ ба мавқеъ ва нуфузи институти суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар бозори молияи кишвар ва истифодаи самараноку оқилонаи замин, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ замина мегузорад, аҳамияти калон дорад.

2. Давраи рушди қонунгузории соҳаи суғуртаро, чуноне, ки дар боло қайд карда шуд, аз се марҳила иборат мебошад:

- давраи якум солҳои 1991 то 1994;
- давраи дуюм солҳои 1995 то солҳои 2000;
- давраи сеюм аз солҳои 2000 то имрӯз **[1–М].**

Зеро дар давраи соҳибистиқлолии кишвар танҳо он санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул карда мешаванд, ки ба арзишхои миллии мардуми тоҷик аз ҷумла урфу одат, анъана, шароит ва иқлими ҷойгиршавии кишвар, низоми иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳанги ва дигар хусусиятхои хос ва арзишҳо мувофиқ мебошанд.

3. Новобаста ба рушди муносибатҳои суғуртавӣ дар самтҳои гуногуни хоҷагии халқ, суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар ин бахш нисбатан коҳиш ёфтааст. Тибқи таҳлили мутахассисон ва кор-шонисони соҳа маълум гардид, ки шумораи суғурта¬ку¬нандагони хоҷагиҳои деҳқонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 нисбат ба соли 2016 1145 хоҷагӣ кам гардид, ки 64,7%-ро ташкил дод. **[3–М].**

4. Вобсата ба ин бо мақсади куллан беҳтар намудани фазои корӣ ва рушди босуръати фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши кишоварзии кишвар муносибати сифатан навро тақозо карда истодааст, ки масъалаи мазкур дар

ҷаласаи XVI Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.  Дар робита ба ин ҷиҳати иҷрои протоколи Шуро қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2019, №271 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» иборат аз 20 банди номгӯйи чорабиниҳо қабул гардида, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои масъул мавриди иҷро қарор дода шудааст. **[3–М].**

5. Албатта таҷрибаи кишварҳои хориҷи дар ин самт нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ танҳо ба он хоҷагиҳои кишоварзие амали карда мешавад, ки бо ширкатҳои суғуртавӣ дар ҳамкории зич қарор дошта бошад. Он хоҷагиҳои кишоварзие, ки таваккалҳои худро аз ҳодисаҳои фавқуллода суғурта накардаасту бо ширкатҳои суғуртавӣ ҳамкорӣ надоранд, ба онҳо сармоягузорӣ карда намешавад.

6. Дар ин давра Барномаи амнияти озуқаворecho Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, Барномаи фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (стандарти байналмилалии Global G.A.P.) ва Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 таҳия ва мавриди амал қарор дода шуданд .

7. Ҳамзамон бо иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тақвият бахшидан ба рушди соҳаи кишоварзӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоя ба комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор имтиёзҳои тарифию андозӣ пешниҳод гардидааст. Дар асоси кодексҳои андоз, гумрук ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021” барои соҳаи

кишоварзӣ 14 имтиёзи фискалӣ пешбинӣ шудааст, ки ин зиёда аз 13 фоизи шумораи умумии имтиёзҳои давлатиро дар бар мегарад. Дастгирии давлатӣ таввассути пешниҳоди имтиёзу сабукиҳои тарифию андозӣ ин замина истеҳсолоти рақобатпазиру содиротӣ афзоиш ёфта, сатҳи даромаднокии хоҷагиҳои кишоварзӣ баланд мегардад.

8. Ҳамкории ташкилотҳои суғуртвӣ бо муассисаҳои бонки аҳамияти махсусро касб кардааст. Дар ин самт зарур аст, ки ташкилотҳои суғуртавӣ дар якҷоягӣ бо суғурташавандаҳо бо муассисаҳои бонки ҳамкориҳоро ҷоннок намоянд. Новобаста аз оне, ки шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ се ҷониба мебошаду яке аз ҷонибҳои он давлат ба шумор меравад.

9. Тарифи хизматрасониҳои суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бояд аз мавқеъӣ ҷойгиршавии қитъаи замин, таркиби хок, ҳосилнокии он ва дигар хусусиятҳои муҳими қитъаи замин омода ва таҳия карда шавад. **[3–М].**

10. Суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо дастгирии давлатӣ метавонад шумораи ширкатҳои суғуртакуниро зиёд намояд. Аммо ин ҳолат на бояд ба ширкатҳои манфиатдор замина гузорад. Дар ин самт мақомоти ваколатдори давлатиро зарур аст, ки механизмҳои ҷалби ширкатҳои суғуртавиро бо ба инобат гирифтани тамоми талаботҳои зарури коркард намояд. Барои мисол мо метавонем қайд намоем, ки ширкат аз лиҳози иқтисодӣ мустаҳкам бошад. Ҳамзамон дорои мутахассисони соҳа аз ҷумла аграном, хокшинос, тухмипарвар, растанипарвар, аграэколог, мутахассисоне, ки ба пешгӯи ва огоҳии организмҳои заррарасон машғуланд доро бошад.

11. Суғурташавандаҳо вазифадор мебошанд, ки ба суғуртакунандаҳо тамоми маълумотҳои зарурииро дар хусуси таркиби замин, қабати ҳосилнокии хок, минтақаи ҷойгиршавии қитъаи замин, шумораи кормандон, шумораи мутахассисон, ҳашаротҳои зараррасон ва дигар хусусиятҳои муҳим огоҳ намояд. Ҳамзамон пеш аз омадани ҳодисаҳои табии суғуртакунандаро тибқи таритиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ огоҳ намуда баҳри пешгирии

ҳодисаҳои табии чораандешӣ намояд. Аз ҷумла аз хизматрасониҳои мақомотҳои ваколатдори давлати (Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода) истифода намояд. Гузашта аз ин бо Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста дар ҳамкорӣ қарор дошта бошад.

12. Шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ гуногун буда, хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд. Ба сифати яке шартҳои муҳими шартнома ин самараноку оқилона истифода намудани қитъҳои замин ба шумор меравад. Гузашта аз ин дуруст ба роҳ мондани технологияи парвариши зироатҳои кишоварзӣ яке аз шартҳои муҳими шартнома ба шумор меравад.

13. Кишт муҳимтарин омили агротехникӣ дар самти хоҷагидорӣ ба шумор меравад. Бинобар ин риоя кардани муҳлати кишт кардани зироатҳо аҳамияти калон дорад. Олимон дар ин самт андешарони намуда қайд карданд, ки кишти зироатҳои кишоварзӣ вобаста ба биологияи зироат, муносибати он ҳарорати ҳаво таъмин карда шавад. **[М-6]**

14. Сабабҳои қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дорои хусусиятҳои хос мебошад. Қатъ гардидани ин муносибатҳо метавонад ҳам аз ҷониби тарафҳои шартнома (суғуртакунанда ва суғурташаванда) ва ҳам аз ҷониби мақомотҳои ваколатдорӣ давлатӣ қатъ карда шавад.  Қатъкунии шартномаи суғурта бо ду роҳ: - ихтиёрӣ ва – маҷбурӣ амали карда мешавад. **[М-5]**

15. Аз сабабе, ки муносибатҳои суғуртавӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз мавсимҳои корӣ иборат мебошад, пас муҳлати амали шартнома низ аз мавсими кори вобаста мебошад.

16. Барҳам хурдани хоҷагиҳои кишоварзӣ, аз гардиши кишоварзӣ гирифтани қитъаҳои замин ё тағйир ёфтани таъиноти қитъаи замин яке аз

омилҳои қатъ гаштани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба шумор меравад.**[М-5]**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ:

1. Баҳри расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ҷалби бештари суғуртакунандаҳо ба соҳаи кишоварзӣ зарурати дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани имтиёзҳои ҳадди ақал муайян ва исбот карда шудааст. **[1-М]**

2. Дар доираи тадқиқоти илмӣ зарурати ташкил намудани заминаҳои ҳуқуқии рушду инкишофи институти суғурта дар заминаи хоҷагиҳои кишоварзӣ исбот шудааст. Низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ки аз қисми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартнома иборат аст, ба таҷдиду такмили ҷиддӣ ниёз дорад. Дар низоми қонунгузории кишвар то ҳол санади меъёрии ҳуқуқии махсус, ки суғуртакунии соҳаи кишоварзиро махсус танзим намояд, арзи вуҷуд надорад. Баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа суғуртакунии намудҳои алоҳидаи соҳаи кишоварзиро муқаррар кардаанд. Аммо механизми иҷрои меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур то ҳол норавшан боқӣ мондааст.

3. Бо мақсади такмили минбаъдаи механизми ҳуқуқии муносибатҳо вобаста суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, пешниҳод гардидааст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ” қабул ва дар Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон боби алоҳида, ки ба хусусиятҳои умумии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ заминаи ҳуқуқӣ мегузорад, тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шавад. Ҳамзамон ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи соҳа низ тағйирот ворид карда шавад. **[4–М].**

4. Асоснок шудааст, ки бо мақсади расидан ба ҳадафҳои дахлдор бояд имконияти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар ҳамаи марҳилаҳои корҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ (яъне оғоз карда аз мавсими кор (коркарди заминҳо, шаклдарории дарахту буттаҳо, маҳфуз нигоҳ доштани ҳолати мелиоративии қитъаи замин) ва ғ., то марҳилаи ҳосилғундорӣ ё як марҳилаи

муайян вобаста ба ҳодисаҳои табиӣ ва мавсими сар задани он) дар қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ карда шавад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

### Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ


1. Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
2. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.07.2023).
3. Кодекси замини ҶТ  аз 13 декабри соли 1996, № 326 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).
4. Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” аз  23 июли соли 2016, № 1349 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).
5. Қонуни ҶТ “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон ” аз 28 июни соли 2011, №722 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намуди фаъолият» аз 17 майи соли 2004, № 37 бо тағйиру иловаҳо 30.05 соли 2021, №1434. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2022).
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» аз 02 августи соли 2011, №758. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

8. Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, №508 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2022).

9. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007, № 237 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2022).

10. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» аз 10 майи соли 2002, № 53. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2022).

11. Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи мутақобила» аз 5 августи соли 2009, № 540 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2022).

12. Қонуни ҶТ «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» аз 28 декабри соли 2005, №149. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2022).

13. Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» аз 19 марти соли 2013, № 955 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.01.2022).

14. Қонуни ҶТ “Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ” аз 3 июли соли 2012, №860. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.01 соли 2022).

15. Қарори Ҳукумати ҶТ “Дар бораи масъалаҳои Хадамоти давлатии назорати суғуртавӣ”аз 1 январи соли 2016, №408 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

16. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи муайян намудани ҳаҷми минималии сармояи оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ» аз 4 июни соли 1997 таҳти № 261 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

17. Қарори Ҳукумати ҶТ «Оид ба тағйироту иловаҳо ворид намудан ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани ҳаҷми минималии сармояи оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ» аз 30 декабри соли 1998, таҳти № 511. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2022).

18. Қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта"аз 31 декабри соли 2014, таҳти №788. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

19. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатӣ аз ҳодисаҳои нохӯш барои шахсоне, ки дар корҳои барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок кор мекунанд» аз 12 январи соли 1996, № 36 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

20. Қарори Девони Вазирони ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии шахсии хизматчиёни ҳарбӣ, уҳдадорони ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ ва кумитаи амнияти миллӣ» аз 15 июни соли 1992, № 223 ва аз 23 сентябри соли 1995, № 590 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

21. Қарори Шурои Вазирони ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии амволи муассисаҳои кишоварзӣ сарфи назар шакли моликияташон» аз 28 январи соли 1994, № 36 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

22. Қарори Шурои Вазирони ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии шахсии шахсони мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14 апрели соли 1994, № 182 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

23. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 марти соли 1996, №125 ва аз 7 апрели соли 1999, № 128 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

24. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ» аз 7 апрели соли 1999, № 142 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

25. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии раиси Маҷлиси Олӣ ва вакилони халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 7 апрели соли 1999, № 129 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

26. Қарори Шурои Вазирони ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии судяҳо» аз 24 июни соли 1994, № 345 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

27. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт» аз 10 июни соли 1996, № 264 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

28. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии мусофирони нақлиёти автомобилӣ, обӣ, ҳавоӣ ва роҳи оҳан» аз 4 феврали соли 1999, № 25 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

29. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи Созишномаи суғуртаи ҳатмии мусофирон дар мавриди интиқоли байналхалқии автомобилӣ» аз 21 сентябри соли 2000, № 372 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

30. Қарори Ҳукумати ҶТ “Дар бораи суғуртаи ҳатмии иморатҳо, иншоотҳо ва амволи муассисаҳои давлатӣ» аз 5 октябри соли 2001, № 457 //

Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.03.2021).

31. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // www. mmk. tj (санаи мурочиат: 1.02.2021).

32. Паёми Президенти ҶТ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 27.03.2021).

33. Гражданский кодекс Российской Федерации. Части первая, вторая, третья и четвёртая [Матн]. – М.: Проспект; КноРус, 2016. – 640 с.

34. Земельный кодекс Российской Федерации, 25 октября 2001 г. № 136 ФЗ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www. base. Garant. ru (санаи муроҷиат: 27.03 соли 2021).

35. Земельный кодекс Республики Узбекистан от 30.04.1998 года, №598-I [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // www. lex. uz. ru (санаи муроҷиат: 27.03.2021).

36. Кодекс Республики Беларусь о земле от 23.07. 2008 г. № 425-З [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // www. support. Nca. Bu (санаи муроҷиат: 27.03.2021.).

37. Закон ФРГ 1908 года «О договоре страхования» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // www. historylaw. ru (санаи муроҷиат: 27.03 соли 2021.).

38. Германский закон 1992 года «О надзоре за страховыми предприятиями (закон о страховом надзоре)» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // www. historylaw. ru (санаи муроҷиат: 27.03.2021).

**Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ**

39. Абрамов, В.Ю. Страхование: теория и практика [Текст] / В.Ю. Абрамов. – М.: Волтерс Клувер, 2007. – 504 с.

40. Агарков, М.М. Обязательство по советскому гражданскому праву: монография [Текст] / М.М. Агарков. – М., 1940. – 192 с.

41. Агеев, Ш.Р., Васильев, Н. М., Катырин, С. Н. Страхование: теория, практика и зарубежный опыт [Текст] / Ш.Р Агеев, Н.М.Васильев, С.Н. Катырин – М.: Экспертное бюро, 1998. – 258 с.

